**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**

**№ 1 (43), 2026**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Маҳмадалӣ Музаффарӣ,.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## ҲУВИЯТСОЗӢ ВА РАВАНДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Ятимов С.** *Эмпиризм ва масъалаҳои таҳқиқ*.............................. 4

**Шарифзода Исомиддин.** *Ҳувияти миллӣ дар нигоҳи андешамандон ва назарияпардозон*......................................................... 20

**Нурзода Нозим.** *Ормонҳои миллӣ – бозтобе аз тарзи тафаккур ва биниши дунявӣ*......................................................................................... 35

**Зиёева Зебо.** *Диди зебоишиносии Форобӣ ва Пури Сино*.................... 47

## НАВРӮЗИ БОСТОНӢ ВА МАОРИФПАРВАРИИ МИЛЛӢ

**Азизӣ Башир.** *Паёми умедофарин ва зарурати бозшиносии ойини Наврӯзӣ*............................................................................................... 53

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Наврӯз – ҷашни миллӣ ва байналмилалӣ*.................................................................................. 65

**Назаров Умед.** *Гуфтугӯйи тамаддунии Ҷалолиддини Балхӣ ва Фридрих Нитсше*........................................................................... 84

**Зокирзода Нусратулло.** *Ҷойгоҳи Аҳмади Дониш дар маорифпарварии миллӣ*............................................................................. 92

**Бекзода Дидавар**. *Саргузашти адабии Антон Павлович Чехов*................................................................................................ 111

## БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Нуралӣ Муҳаммад Алӣ.** *Аз "Ёддоштҳо" то "Ёддоштҳо"* (*Баъзе ишораҳо ба "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов*)................................... 119

**Собириён Меҳр.** *Ҳамосаи тозаи миллӣ: хирадгароӣ ва растагорӣ (Мулоҳизоте куллӣ дар ҳошияи ҳамосаи "Зардуштнома"-и Меҳрсопанди Отбиён)*............................................................................ 158

**Ятимов С.** *Ҳаргизам нақши ту аз лавҳи дилу ҷон наравад*.................. 173

**Кӯчарзода Аламхон., Ҷамшед Шамшоди.** *«Ёддоштҳо»-и С. Ятимов ва бозтоби симои насли нави ҷомеаи тоҷик (Андешаҳо оид ба «Ёддоштҳо»-и узви вобастаи АМИТ, профессор Ятимов С. – Қисми 1. Хуҷанд: Ношир, 2025. – 675 с.)*................................................ 183

## ҲУВИЯТСОЗӢ ВА РАВАНДИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

**Саймумин ЯТИМОВ**
*профессор*

# ЭМПИРИЗМ ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚ

## Муқаддима

Муҳимтарин ҷанбаи фаъолияти инсонӣ ***илм*** аст.

Мақсад аз он омӯхтани равандҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур – хосият, алоқамандӣ, муносибатҳо ва қонунмандиҳои се муҳимтарин қисмати ҳастии ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре борҳо таъкид гардид, ҳангоми омӯзиш ва тафсир мебояд байни ***илм ва дониш*** фарқ гузошт.

Тасаввурот дар бораи шакли зоҳирии ашё, шуниданҳо ва диданҳо масдари **"донистан"-**ро ифода мекунад, ки аз лиҳози грамматикӣ, ***мантиқан,*** якҷояшавии исм ва феъли ёридиҳанда мебошад.

Ин гуна донишҳо метавонанд **омӣ, одӣ, умумӣ, ҳамагонӣ, динӣ, мазҳабӣ, адабӣ, бадеӣ, ҳикоявӣ, тафсирӣ, тасвирӣ, хаёлӣ, эҳсосотӣ ва монанди инҳо** бошанд.

Ба мисли **овоза, қисса, афсона, бофта, шубҳа, хабарҳои гуногун, аз ҷумла иғвоангез, ки ба якдигар ба тарзи горизонталӣ ва вертикалӣ мақсаднок ё бидуни он, ғаразнок ва ё баръакс аз нуқтае ба нуқтае мерасанд, албатта, ба манзалати "донистанҳо" даъво ва ҳатто истодагарӣ мекунанд**.

Г.В.Ф. Гегел дар асари бунёдиаш ***"Фалсафаи руҳ"*** (–Москва: АСТ, 2018) чунин рӯйдодро **иллюзия** *(аз калимаи лотинии*

***Illusio** гирифта шуда, маъноаш бозӣ, масхара, фиреб, таассуроти сохта, водор кардан ба иштибоҳ, ақлдуздӣ*) номниҳод кардааст.

Ин шакли "дониш"-ҳо роҳи осони дарк ва бамақсадрасии субъекти он – барандаи овозаву хабару қиссаро доранд. Ҳисоб сари он аст: ***"то сухани ҳақ аз ҷо бархезад, дурӯғ се маротиб гирди Замин давр занад"***. Ба шарте ки ҳадаф – ***соҳиби гӯши шунаворо*** сода, омӣ, зудбовар ва ***"мувофиқ ба зери дандон"*** дарёбад.

Аксиомаи масъала – ин гуна "дониш"-ҳо ва "донистан"-ҳо, агар мақсаднок паҳн карда шаванд, ба савод, масъулият ва маърифат ниёз надоранд.

Аммо ба фоҷиаҳои бузург оварда мерасонанд. Ба шарте аз ҷониби мухотаб "тоза" қабул карда шаванд.

Дар дараҷаи сиёсӣ, воқеаҳои февралии соли 1990 намунаи олии паҳн кардани чунин "дониш" ва "донистан"-ҳо аст.

**То ҳол пайдо мешаванд касоне, расонаҳои хабарие, ки ҳодисаҳои февралиро номи бадеии "баҳманмоҳ" гузошта, сол ба сол фитнапароканӣ мекунанд.**

**Дар воқеъ, як руҳонии маккори таҳсилдида, мувофиқ ба замону макон, дурӯғи мақсадноке паҳн кард. Гурӯҳи иғвогареро ба шӯр овард. Бузургтарин фитна барангехт.**

***Воқеаҳои февралӣ, амалан, тамрини бузург, ҳадафмандона ва таҳкурсии ҷанги шаҳрвандӣ буд.***

Дар натиҷаи он даҳҳо ҳазор кас ба ҳалокат расид. Ҳазорҳои дигар зарари ҷисмонӣ ва моливу ҷонӣ дид. Мамлакат ғарқа дар бадномӣ гашт.

***Ташаббускори ин балво то ҳоло беҷазо мондааст. Бо ин ҷиноят авф нашудааст***. Ҳамчун ***дузди дастгирнашуда, гурури хаёлӣ дар сар ба сар мебарад***.

Аммо ба ***журналистони дастнигари бемасъулияти "гапков"*** гуфтанием:

***Чу гӯӣ, ҳамон гӯй, ки омӯхтӣ,***
***Ба омӯхтан дар ҷигар сӯхтӣ.***
*(Фирдавсӣ)*

Набояд гузаштан ба ҳар лафзе чу хома, балки ба ҳар ҳарфе чу сиёҳӣ фурӯ рафтан (*Камоли Хуҷандӣ*), **яъне расидан аз *зуҳурот* ба *моҳияти* масъала** вазифаи нигаҳдории ***сутуни инсофи журналистӣ*** дар муқобили ***сели маъмулии ҳаррӯзаи*** овозаҳост.

*Забони тоҷикӣ, албатта, ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад.*

*Калимаи "гап" гоҳо ба "истилоҳ" кӯшиши сарбасаршавӣ дорад. Дар забони тоҷикӣ тафсири онро "сухан, ҳарф, калима, калом, муколама, хабар" барин муродифҳо ифода мекунанд. Дар забони англисӣ ин калима, айнан, дар шакли "gap" (транскрипсияаш – gaep" – гап) омадааст. Маънояш "сухани холӣ, ҷойи холӣ, овоза, ҳарфи носанҷида, бепоя" мебошад.*

*Журналистон ва хабарчиҳои соҳибтаҷрибае ҳастанд (на танҳо блогерҳои дайду), ки дар навиштаҳои худ "гап"-ро аз "маълумот" фарқ карда наметавонанд. Аниқтараш намехоҳанд. Чунки донистани ҳақиқат заҳматталаб аст.*

*Аз лиҳози дигар, рӯзнома ё ҳафтаномаҳои беэътибор ба ҳақиқат ниёз надоранд. Худи дурӯғ хушхарид аст.* ***Аммо далелҳои истифодаи чунин дурӯғро барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахси воқеӣ ё ҳуқуқии масъул ҳамчун далел нигоҳ бояд дошт.***

Ба мавзуъ баргашта, таъкид карданием, ки таҷрибаи инсонӣ тасдиқ кардааст: давои ҳама гуна дардҳо аз донистанҳое бармеояд, ки ***бунёди илмӣ*** доранд.

**Аммо илм он вақт оғоз мегардад, ки дар маҷмуи рӯйдодҳо, ҷараёнҳо *сифатҳо, аломатҳо ва хосиятҳо қонунмандиҳо ошкор* шаванд.** ***Алоқаҳо, муносибатҳо,***

***миёнҷигариҳо, сабаб, ангеза ва далелҳо*** **муайян ва мавриди омӯзиш қарор гиранд.** ***Далел*** **бошад, зуҳуроти воқеии моддӣ ва маънавиест, ки тавассути панҷ органи ҳис ва бо гузаронидани маҷмуи чорабиниҳои** ***тадқиқотӣ, ташхисӣ*** **ва** ***протсессуалӣ тасдиқ мегарданд.***

Барои ***хулосаи илмӣ*** баровардан зарур аст, ***вобастагии далелҳо, мантиқӣ будани рӯйдод, омил, сабабҳои пайдоиш ва имкони инкишофи онҳо собит гарданд.*** Дар ин асос, пешгӯиҳои асоснок ва ***таклифҳои аз лиҳози иҷтимоӣ судманд*** пешкаш карда шаванд.

Илм дар кулли самтҳо ба ***истеҳсоли донишҳои назариявӣ, гипотезаҳо ва натиҷаҳои амалӣ*** нигаронида шудааст.

**Мақсад аз таълифи китоби доктори илмҳои ҳуқуқ Раҳимзода Рамазон Ҳамро "Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ"** *(Р.Ҳ. Раҳимзода. –Душанбе: "Эр-Граф", 2025. –385 саҳ.)* **тафсири илмии муҳимтарин самти таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад.**

**Таъйиноти онро номи рисола ифода кардааст:** ***гирифтан, бозсанҷӣ ва амалӣ намудани "хабар", агар асоснок бошад, то ба дараҷаи "маълумот" ва тасмимгирӣ расонидани он аст.***

**Мавзӯи баҳси мақола кӯшиши** ***тафсири масъала аз лиҳози методологӣ, ба тарзи дигар, роҳу воситаи ба даст овардани маълумот*** **ва** ***муайян кардани он тавассути таҷрибаи тасдиқгардида мебошад.***

**Зарурати иҷтимоии таълифи асар**

Арасту мефармояд, ***ниёз барои ташкили давлат ҳамон вақт ва ба ҳамон сабабе пайдо шудааст, ки ҷомеа дар ботлоқи бетартибиву бенизомӣ фурӯ рафтааст.***

Яке аз муҳимтарин шартҳои давлтадории муваффақ ва таъмини тартибу низом саривақт гирифтани ***маълумот*** (*на гап, хабар, овоза, тахминҳо, бофтаҳо) (1),* тахассусмандона бозсанҷӣ кардан (2), бо далелҳо тасдиқ намудан (3), бо талаботи Қонун дар муқоиса гузоштан (4) – дарёфти сифатӣ миқдорӣ ва ***тазодҳо (5),*** дар ин асос, тасниф (6) ва қабули қарори адолатхоҳонаи рӯзмарра (7) мебошад.

***Предмети*** аз системаи ***объекти*** тадқиқи раванди таъмини амнияти давлатӣ ҷудокарда, дар асари Р. Ҳ. Раҳимзода ҳамин аст.

Мавзӯи таҳқиқро муаллиф дар доираи муносиботи се ҷузъи аслӣ ҳаллу фасл кардааст: ***субъект (1), объект*** *(2)* бо истифода аз ***метод (3)*** – роҳ ва усулҳое, ки муносиботи натиҷамандии мақсадноки ҳарду ҷузъи фаъолиятро таъмин месозад.

Ангезаи мазкур аз талаботи рӯзмарраи кормандони сохторҳои таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ сарчашма мегирад.

**Тавре хотирнишон гардид, мухотаби маркази муҳаққиқ субъектҳои муайянкардаи қонунгузор дар соҳаи фаъолияти зикргардида аст**. Муаллиф мақсад гузоштааст, маҳз онҳоро бо донишҳои дар амалия санҷидашуда муҷаҳҳаз гардонад.

Раҳимзода Р.Ҳ. муътақид аст, калимаву ибораҳои одӣ қудрати ифодаи мантиқи фаъолияти мураккаби тадқиқотиро надоранд, ба категория ва дефинитсияҳои илмӣ муроҷиат мекунад.

Аз истилоҳоти ***"мафҳум", "моҳият", "фаъолият"*** **ва** ***"принсип"*** *(Р.Ҳ. Раҳимзода. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2025. – Саҳ. 14-30)* истифода мебарад.

Маҳз тавассути формулаҳои мантиқӣ мекӯшад, тафсири масъалаҳои мавриди назар барои дарк, муҳокимаронӣ ва

хулосабарориҳо шароит муҳайё созанд. Тавассути ***абстраксия аз зоҳир*** ба ***дохили*** масъала, ба тарзи дигар, аз ***зуҳурот* ба *моҳият*** ворид гардад. Ба ин восита, субъектро ба ҳалли муҳимтарин ***масъалаҳои таҳқиқ ва бозсанҷии маълумот*** масъул мегардонад. Муътақид месозад: **"ин фаъолият ба мақсади ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият ва таъмини амнияти ҷамъият ва давлат... амалӣ гардонида мешаванд"** (*Ҳамон ҷо. –С.15).*

Вобаста ба таҳаввулоти иҷтимоӣ, таъсири муҳтаво ва раванди кӯшишҳои геополитикӣ муаллифи асар рӯз ба рӯз мураккаб гаштани вазъи сиёсиро дар минтақа ва олам ва ҳамчун инъикоси он дар дохили кишвар, вобаста ба масъулияти таъмини амнияти ҷомеа ва давлат ба инобат гирифта, мукаммал гардонидани дониш ва малакаҳои мутахассисони соҳаро таъкид менамояд (*Ҳамон ҷо. –С.19).*

**Дар рисола зарурати пешгӯӣ ва пешгирии амалҳое, ки ба муқобили суботи ҷамъиятӣ равона карда шудаанд, махсус таъкид карда мешаванд** (*Ҳамон ҷо. –С.21).*

Мантиқи назариявии Р.Ҳ. Раҳимзода иборат аз он аст, ба хотири он ки раванди ҷараёнҳои объективии ҷомеа дар шакли таъмини амнияти давлат роҳандозӣ гарданд, субъектҳои масъули соҳа мебояд ***назарияи алоқамандии сабаб ва оқибати рӯйдодҳои моҳияти иҷтимоидоштаро ба назар бигиранд. Омӯзанд. Пешгӯӣ карда тавонанд.*** Имконоти таъсиррасонии худи ҷомеаро барои бартараф кардани равандҳое, ки барои таъмини амнияти давлатдорӣ мушкил эҷод мекунанд, пурзӯр намоянд.

Боиси таассуф аст, ки солҳои ахир истифодаи потенсиали бузурги муассисаҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, дар вобастагӣ ба ниёзҳои рӯзмарраи маънавӣ – идеологии мамлакат дар самтҳои осебпазир, ба талабот ҷавобгӯ нест. Фаъолияти ин

муассисаҳо бештар характери мавсимӣ, расмиятчигӣ ва намоишкорӣ доранд.

Сохторҳои марбутаро зарур аст, тавозуни ҷаҳонбиниҳоро дар оилаҳо, маҳал, деҳа, ноҳия, вилоят ва ба тарзи умум дар кишвар омӯзанд. Ба ҳисоб бигиранд, ки ***фарҳанги сиёсӣ ва маънавӣ*** муҳимтарин ***воситаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ*** мебошад.

Яке аз классикҳои фалсафаи воқеънигорӣ, барҳақ таъкид месозад: ***"фарҳанг, агар он дар шакли бенизомӣ истифода шавад, бошуурона роҳнамоӣ нагардад, аз худ харобазор боқӣ мегузорад".***

Дар ин мавриди муҳтаво, сифат ва самараи баҳрабардорӣ аз кулли муассисаҳое, ки имконоти ба ҷаҳонбиниҳо таъсиррасонӣ доранд, дар назар дошта мешавад.

Муаллифи рисола дар масъалаи муносибати шахс ва ҷомеа муҳокимарониҳои олимона дорад.

Воқеан, шахс ***ҷузъи доира ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян*** мебошад. Барандаи он ахлоқу маънавиёт ва қисман уҳдадориҳост. Ҳамзамон, ӯ узви ҷомеаи Тоҷикистон ва чун шаҳрванд ***дорои ҳуқуқ ва вазифаҳои умумист.***

Омӯхтани ҳаматарафаи масъала ва гармонизатсияи ҷузъиёти номутобиқатӣ ***ба фоидаи сохти сиёсӣ***, ки акнун ***байни давлат ва чунин гурӯҳҳо пайдо*** мешавад, аз муҳимтарин вазифаҳои тамоми сохторҳои давлатӣ, бо ба инобат гирифтани хосияти индивидуалии ҳар кадом, ба шумор меравад.

***Чунин муносибат аз ҷониби муҳаққиқи соҳибназар эътиқодмандона садо медиҳад ва лоиқи дастгирист.***

## Таснифи масъалаҳои амниятӣ

Яке аз хосиятҳои бунёдии асари Р.Ҳ. Раҳимзода гурӯҳбандии илмӣ ва тахассусмандонаи масъалаҳои амнияти миллӣ мебошад.

Муалифи китоб онҳоро асосан ба ***амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ*** ҷудо карда, зергурӯҳҳои онҳоро номбар мекунад. Моҳияти ҳар кадомро бо меъёрҳое, ки қонунгузор таъйин намудааст, шарҳ медиҳад (*Ҳамон ҷо. –С.25-26).*

Тавре тафсир гардид, рисола, асосан, барои омӯзиши субъектҳои амалкунандаи соҳа таъйин гардидааст.

Вобаста ба он, муаллиф кӯшидааст, то ҳадди имкон, маҷмуи мафҳум ва истилоҳотеро мавриди истифода қарор диҳад, ки муҳтавои масъала барои хонанда дастрас ва фаҳмо бошад. Дар ин асос, муҳиммият ва қонунмандиҳои хоси самти фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аломатҳои сифатии ҳар кадом, ҷиҳатҳои фарқкунанда ва афзалиятноки онон ба тарзи принсипалӣ нишон дода шудаанд.

Муаллиф барҳақ таъкид кардааст: **"Амнияти миллӣ ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ"** (*Ҳамон ҷо. –С.25)* мебошад.

***"Таҳдидҳои имконотӣ"*** барои амнияти давлатӣ аз гурӯҳи хатарҳое мебошанд, ки онҳо ҳам дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ ва ҳам идеологӣ, хосияти рӯзмарра доранд.

***Ба ақидаи Гегел, ҷараёни воқеӣ дар зуҳуроте, ки ҳанӯз вуҷуд надорад, аллакай, дар арафаи эҷодшавист. Он чизе, ки дар ҳар навъ арзи ҳастӣ кардааст, кӯшиш ва хосияти устувори рушд кардан дорад.***

Равандҳои ифротгароӣ, тамоюли наврасон ва ҷавонон ба ҳаракатҳои экстремистӣ, ҷараёнҳои бесобиқаи ба хурофот рӯ овардани аҳолӣ, ки ҳамакнун зуҳуроти воқеӣ мебошанд, ба суботи ҷомеа ва сохти конститутсионӣ хатари ҷиддӣ эҷод кардаанд.

Ҳаминро бояд донист, ки байни ***имконот ва воқеият муносиботи қонунмандӣ*** вуҷуд дорад. Яъне хатарҳое, ки дар доираи фаҳмиши ***категорияи диалектикии имконот*** арзи ҳастӣ мекунанд, метавонанд ба ***воқеият*** мубаддал гарданд. Бидуни баҳс, худи воқеият ***тавлидкунандаи имконият*** аст ва баръакс. ***Агар мо маълумоти дақиқ дошта бошем, ки ҷавонони имрӯза дар асоси кадом мафҳумҳо андеша меронанд, пойбанди кадом ақида ва ҷаҳонбиниҳо ҳастанд, бидуни шак пешбинӣ кардан мушкил нест, ки ояндаи ҷомеаро чӣ интизор аст***.

Дар ин маврид, ҳаргиз сухан дар бораи ононе намеравад, ки иштирокчии чорабиниҳои ниҳоят муҳим ва саривақтии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", мебошанд.

Категорияҳои ***"аксарият"*** ва ***"ақаллият"*** муҳимтарин омил ва нишондиҳандаи ***"воқеият" ва "имконот"*** дар равандаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва пешгӯии ***тақдири таърихии ҷамъият ва давлат*** ҳастанд.

Ин мавзуест, ки ҳамарӯза ниёз ба омӯзиш, тадқиқ ва ***таҳлили академӣ ва стратегӣ*** дорад.

Натиҷаи чунин таҳлилҳо ба сифати мавзӯи ***тасмимгириҳои сиёсӣ*** хизмат мекунанд. Албатта, бояд дар назар дошт, ки вазъи фаврӣ ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи вазъи сиёсӣ аст. "Имконот" ва "воқеият" бошад, ҷараёни абадии табдил, дигаргунӣ, пешравӣ ва ё баръакс мебошад.

Он зуҳурот ва таҳаввулоте, ки ба амнияти миллӣ дахл дорад, наметавонад натиҷаи амали қувваҳои фавқуттабиӣ, тахминҳо, хаёлот ва ё эҳтимолияти пешгӯинашаванда бошад.

Не.

***Чунин воқеият, дар дохили ҷомеа, ҳамчун неруи материалӣ вуҷуд дорад.***

Дар ин маврид, муҳтаво, мундариҷа, вазъи руҳӣ, равонӣ, ҷаҳонбинӣ, дарки воқеияти ҳастӣ ва хулосабарории

"аксарият" ба шаш принсипи конститутсионӣ, зарур аст дар таносуби баробарвазн арзи ҳастӣ намояд.

**Ҷомеаро мебояд садсолаҳо фоҷиаи солҳои навадуми асри гузашта фаромӯшаш набошад. Онро мавзуи дарси ҳамарӯзаи наслҳо қарор бидиҳад.**

Таҷрибаи таърихӣ иҷозат намедиҳад, ин ҳақиқатро аз хотирҳо дур кард: идеяҳо, назарияҳо, ҷаҳонбиниҳо, ***"вақте фарогири омма мешаванд, ба қувваи материалӣ мубаддал мегарданд".*** Донистан ва ба инобат гирифтани ин масъулият, аз ***бузургтарин вазифаҳои ҳарлаҳзаинаи сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳар нафаре, ки худро ватандор*** мешуморад, иборат аст.

Дар бораи масъулияти таъмини амнияти ҷамъиятӣ, чун муҳимтарин ҷузъи амнияти миллӣ, истифодаи мафҳумҳои ***"эҳтимолият"*** ва ***"эҳтимолияти максималӣ"*** ҷоиз дониста мешавад. Дар ин маврид, мадди назар гирифтани дараҷаи сифатии эҳтимолият, ба воқеият мубаддал гаштани он, аз талаботи рӯзмарраи сохторҳои марбута маҳсуб мегардад.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ҳодисаҳое, ки дар табиат рух медиҳанд, хосияти объективӣ доранд. Қисмати зиёди онҳо, то он дараҷае, ки тавони илм аст, пешгӯишаванда мебошанд.

***"Эҳтимолияти максималӣ"***-и онон тавассути дастгоҳҳои электронӣ, озмоишҳо, гирифтан ва таҳлил кардани қабатҳои атмосфера, намунаҳои материалии муҳити атроф, аксаран, дақиқ муайян карда мешаванд.

**Аммо дар ҷомеа тағйирот ва таҳаввулот на танҳо аз омилҳои объективӣ, балки субъективӣ вобастагӣ доранд.**

**Дараҷаи маърифатнокӣ, тавони дарки олами ҳастӣ, масъулиятшиносӣ дар назди ҷомеа ва наслҳо, сифати шахсият, самтгирии ҷаҳонбинии сиёсӣ, мутташакилӣ, иродатмандӣ аз хосиятҳое мебошанд, ки тағйири раванди воқеаҳои ҷамъиятӣ бо онҳо дар *муносибати системавӣ***

*(алоқаҳои байниҳамдигарӣ, аз ҳам вобастагӣ, муносиботи сабабии пайдоиш ва инкишоф, ҳамбастагӣ, аломатҳои мухторияти нисбӣ)* **арзи ҳастӣ мекунад.**

Бояд эътироф кард ва таърихи инсоният нишонгари он аст, нисбат ба ҳодисаҳои табиӣ, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, хосияти устувор ва замонати ояндабинии дақиқ надоранд.

***Ба тарзи дигар, пешгӯӣ бояд кард: раванди воқеаҳое, ки аз субъект – Homo Sapience (инсон) вобастагӣ доранд, пешгӯинашавандаанд.***

Ҳамин тариқ, таъмини амнияти миллӣ ***ҷараёни абадии доимоамалкунанда ва беохир*** мебошад, ки омӯзиши баробарвазн ба ҳолат ва раванди воқеияти ҷамъиятиро талаб мекунад. Дараҷаи суботи мамлакатро ***дар вазъияти кунунӣ, наздикмуддат, миёнамуҳлат ва дур ба тарзи доимӣ муайян менамояд.*** Дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои тибқи Қонун муайянкардаи системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, чораҳои саривақтӣ меандешад. Онро амалӣ месозад.

Дар қисмати субъекти фаъолият Рамазон Ҳамро Раҳимзода асосҳои қонунӣ, функсия, вазифа ва классификатсияи шахсҳои воқеӣ ва ҳуқуқиро мавриди таҳлил қарор медиҳад (*Ҳамон ҷо. – С.56-69).* Онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо менамояд. Муҳиммияти ҳар кадомро тахассусмандона муайян ва таъкид месозад.

Мо ҷонибдори фикри муаллиф ҳастем, ки ҳангоми зарурати таъмини ҳаматарафаи фаъолияти таъйинотӣ, *доираи истифодаи мутахассисони соҳавӣ* маҳдудият надорад.

**Чунин хулосаи муҳаққиқ барои субъектҳои таҳлили стратегии органҳои таъмини амнияти давлатӣ аҳаммияти махсус дорад.**

Дар шароити ниҳоят мураккаби геополитикӣ, амалан "манфиатҳо", ки ба хотири легитиматсияи ҳама гуна ҳаракатҳо дар доираи салоҳияти ҳуқуқҳои байналмилал ва ё берун аз он сифати "миллӣ" ба онҳо ҳамроҳ карда мешавад,

ҷалби мутахассисони *ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи давлатӣ,* барои асоснок кардани раванд ва натиҷаҳои фаъолият муҳим ба назар мерасад. Ҳамчунон ҳамкории муфид бо созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои дӯст, ҳамраъйҳои муассири геополитикӣ дар мавриди ҳифзи манфиатҳое, ки Конститутсия онҳоро тасдиқу таъйид кардааст, муфид мебошад.

***"Сиёсат ҳамчун санъати имконот"*** ягон воситае, ки аз ҷониби қонунгузори миллӣ ва байналмилал манъ нашудааст, ҷалби кулли имконотро ба хотири таъмини адолат, сулҳу субот, амният ва манзалати кишвар салоҳ медонад.

Дар ин мавридд, дар рисолаи Рамазон Раҳимзода ишораҳои мушаххас бо овардани мисолҳо хотирнишон гардидаанд.

Дар доираи тафсири илмии предмети тадқиқ, муаллиф ба он ҳақиқате такя мекунад, ки субъект моҳияти донистан, аз худ кардан, ҳаллу фасл намудан, рӯйи кор овардани воқеияти объективиро бо истифода аз метод ва роҳу усуле, ки бо такя бо назарияи дар таҷриба санҷидашуда тавъам омадааст, замонат медиҳад. Хонандаро ба он муътақид месозад.

Айни чунин амалро дар фаъолияти разведкавӣ ва контрразведкавӣ қайд карда, мантиқан таъкид менамояд, ки таъмини фаъолияти мақсаднок, асосан, аз ҷониби шахс амалӣ карда мешавад. Ӯ амалан, бо касбияти худ ба тарзи амалӣ ба коркарди объект машғул мегардад. Ба он таъсир мерасонад. Дар шакли дигаргун сохтани ҳадаф аз лиҳози дарк ва бозсанҷӣ барои дидани чораҳое, ки барои манфиати давлат ва ҷамъият зарур аст, мувофиқ мегардонад.

Ишораҳои муаллиф дар ҷараёни тадқиқ, аз ҷумла, дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва пешниҳоди натиҷаи чунин фаъолият иборат аз он аст, ки байни субъект ва объекти омӯзиш муносибати аслӣ, асосан, дар доираи ***дарки моҳияти масъала*** шакл мегирад.

Дар ин маврид, Раҳимзода Рамазон Ҳамро ҳамчун олим ва мутахассиси соҳибтаҷрибаи соҳа барои мутахассис шарти муваффақият мегузорад: **“агар ӯ соҳиби донишҳои мавриди назар бошад, дар бораи моҳияти кор, қонунмандиҳои фаъолияти касбӣ, принсипҳои системавии фаъолият донишҳои саҳеҳи илмӣ дошта бошад”**.

### Таҷриба меъёри воқеияти таҳқиқ

Тарзе ишора гардид, дониш инъикоси ҳақиқати объективӣ дар шуури инсон аст. Агар он тавони фаҳм, дарк ва арзёбии воқеиятро дошта бошад.

Дар ҳама гуна тадқиқ, ки бозсанҷии маълумот муҳтавои онро ташкил мекунад, сухан дар бораи ***“инъикоси дуруст”*** меравад.

***Бидуни донишҳои илмӣ, касбият, сифати ба талабот ҷавобгӯи шахсият ва масъулиятшиносӣ, дастрасии комил ба ягон навъи инъикос, ки ҳақиқатро ифода карда тавонад, имкон надорад.***

Дар шароити фаъолияти фаврӣ ва натиҷаи ниҳоии он – чорабиниҳои мурофиавӣ, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дар маҷмуъ, ҳаёти одамӣ аз он вобастагӣ пайдо мекунад, донишҳои баробарвазн ба илм зарур аст.

**Рисолаи Раҳимзода Рамазон Ҳамро, айнан, чунин талаботро ба хонанда меомӯзад.**

***Дар асл, фаъолияти таҳқиқ як ҷараёни сарбастаи назария ва эмпиризмро мемонад.*** Дар ин ҷараён, яке бе дигаре ҳуқуқи зистан надорад.

Вақте муаллиф марҳалаҳои гирифтани маълумот, бо роҳу воситаҳои гуногун бозсанҷии онро то дараҷаи ниҳоии қабули қарори расмии дар меъёрҳои ҳуқуқӣ муайяншуда номбар мекунад, аз лиҳози илмӣ, тафсири масъала сифатан гузаштан

аз як навъи тадқиқ ба навъи дигари тадқиқ, ба маънои зина ба зина аз ***зуҳурот то моҳияти масъала*** расиданро дар назар дорад.

**Санъати тадқиқи оперативӣ**, ки дар рисола роҳу воситаи ба он дастрас шудан тафсир меёбад, зиддиятҳои диалектикии дар маълумоти аввалия ба мадди назар расидаро бартараф менамояд.

Маълум карда мешавад, дар аксар ҳолат ***зуҳурот ба моҳияти масъала дар ҳолати номувофиқатӣ қарор дорад,*** зеро он дар шаклҳои гуногун худро ба намоиш мегузорад.

Дар ин маврид, лаҳзаҳои фавқулода ва мақсаднок рӯйпуш кардани моҳияти масъала – субъект, объект, алоқаҳо, муносибатҳо ва миёнҷигариҳо ҷой доранд. Худи ҷараёни санҷиш, агар он тахассусмандона роҳандозӣ карда шавад, моҳияти масъаларо то ҳадди ниҳоӣ, бо нишон додани омил, сабаб, оқибат ва эҳтимоли такроршавандагии амали ҳадаф муайян мекунад.

## Хулоса

Таҳлили сохторӣ – функсоналии монографияи Раҳимзода Рамазон Ҳамро нишон медиҳад, ки муаллиф, бо истифода аз назария, шакли донишҳои илмӣ, методология ва методҳои санҷиш ҳамчун восита ба натиҷамандии муносиботи *субъектҳои мушахас бо объектҳои мавриди назар, ба мақсади аслӣ – дарки предмети тадқиқи илмӣ ноил гардидааст.*

Мусаллам аст, ки дар ин маврид нақши асосии субъекти амалкунандаро худи муаллиф ба сифати мутахассиси барҷастаи соҳа иҷро мекунад.

Таҳлили забон ва услуби баён, тарзи масъалагузорӣ, квалификатсия ва гурӯҳбандии маълумот, интихоби роҳ, усул ва методҳои санҷиш, таъмини муваффақонаи мақсади

бозсанҷии маълумот, ба натиҷаи ниҳоӣ расонидани онҳо, тибқи санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқӣ бо истифода аз таҷрибаи амалӣ, ин фарзияро боз ҳам тақвият мебахшад.

Хосияти барҷастаи китоб, аз лиҳози назариявӣ ва методологӣ коркарди ҳаматарафа дидани он аст. Чунин афзалият ба масъулони соҳа, ки ба санҷиши маълумот ҳамчун тадқиқоти илмӣ – барои таъмини воқеият назар мекунанд, ниҳоят муҳим аст.

Албатта, бе донистани илмҳои ***грамматика*** ва ***мантиқ*** ҳам гап задан, сухан гуфтан ба забони модарӣ мумкин аст.

**Аммо ба хотири алоқаманд карда тавонистани зуҳуроти ҳастӣ бо ифоданокии тафсир, дар ҷойи худ шинонда тавонистани илм ва истифода аз он ҳамчун мутахассис, донистани *ҳам инуҳам он* ҳатмист.**

Донишҳои академии назариявӣ ва таҷрибаи бойи амалӣ имкон додааст, ки муаллиф аз омӯзиши шаклии объект оғоз намуда, хосиятҳои барҷастаи маълумотро муайян мекунад. Давра ба давра ба моҳияти масъала наздик мешавад. Онро ҳаллу фасл менамояд.

**Чизе, ки дар рисола айнан гуфта намешавад, аммо муаллиф бо тамоми имконот кӯшиш мекунад, онро мантиқан ба хонанда расонад, масъалаи ба воқеияти ҳастӣ мувофиқат кардани донишҳои назариявии фаъолияти касбӣ ва зарурати нақдинаи таҷрибаи амалиест, ки бидуни онҳо таъмини тахассусмандонаи амнияти миллӣ зери суол меравад.**

**Ба ҳамин хотир, масъала дар бораи воқеият доштани дараҷаи донишҳои мутахассисони соҳа нисбат ба тадқиқи “маводи аввалия” ва самтҳои инкишофи он, аз мавзуъҳои марказии асари илмӣ маҳсуб мегардад.**

Афзалияти воқеии монографияи Раҳимзода Р. Ҳ. дар он аст, ки хонанда тавассути аз бар намудани муҳтавои асар роҳ,

восита ва методҳое, ки дар он нишон дода шудаанд, метавонад бо эҳсоси масъулият дар муайян намудани воқеияти объективӣ дар роҳи таъмини манфиатҳои миллӣ аз худ фаъолияти ифоданок ва босамар ба намоиш гузорад.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА,**
*инсоншинос*

## ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР НИГОҲИ АНДЕШАМАНДОН ВА НАЗАРИЯПАРДОЗОН

Дар замони муосире, ки мо ба сар мебарем,ҷомеаи иттилоотӣ яке аз дараҷаҳои умдаи инкишофи инсоният буда, бо тамоми ҷанбаҳои мусбӣ ва манфиаш хусусияти умумибашарӣ дошта, ҳеҷ як кишвар наметавонад аз он дар канор худро қарор диҳад. Акнун мавзӯъ ва мушкили асосии ин аст, ки мо то куҷо метавонем дар баробари хатароти физояндаи ҷаҳони итиллотӣ ҷавонони хешро ҳифз кунем ва онҳоро аз шомил гардидан ба равияҳои хусусияти тeрористидошта ҳифз намоем. Дар ин росто на танҳо барои миллати мо, балки барои соири миллатҳои ҷаҳон танҳо аз роҳи огоҳиву дониш ва боло бурдани ҳувияти миллӣ ин вазъ имконпазир аст. Зеро агар ба дарозои таърих назар афканем, он моломоли ҳаводиси даҳшатборест, ки миллати мо онҳоро пушти сар намудааст ва танҳо вуҷуди ҳувияти миллӣ сабаб гардидааст, то равшангарони соҳибхирадаш дубора аз оташпораҳои сухтаву вайронгаронаи Юнониву Араб ва Турку Муғул дубора ин миллатро эҳё намоянд.

Нахуст агар аз вожаи ҳувият оғоз намоем, хоҳем дарёфт, ки ин вожа баргирифта аз забони арабӣ буда, муодил ва баробарвазн ба вожаи бедорӣ ва ё огоҳии комили забони тоҷикӣ аст, ки маънии **худ ё худиятро** медиҳад. Аз нигоҳи фалсафӣ бошад ин вожа чизеро нишон медиҳад, ки воқеан он будааст ё ба тарзи дигар дар худ моҳиятеро дорост.Дар воқеъ омил ва ё авомиле, ки боис мешавад, чизеро он чунон ки ҳаст,

бишносем ва бидуни он шиносоӣ ва моҳияти он чиз тағйир мепазирад, ҳувият мебошад.

Аммо калимаи ҳувият дар забони гуфтугӯиву матбуот ва ё забони рӯзмаррае, ки ба кор мебарем, ба маъниест, ки шиносоиро таъйин ва боиси маърифати ҳамаҷонибаи чиз барои мо мегардад.

Ҳувият ва худшиносиву худогоҳӣ паҳлуҳои гуногуни як истилоҳ мебошанд. Худро шинохтану аз хатсайри зиндагии гузаштагон ва таърихи марзу буми кишвари худ огоҳӣ доштан, аз расму ойин ва ҷашну маъракаҳои суннатии хеш маърифати ҳамаҷониба пайдо намудан афроди огоҳи кишварро ба сӯи комёбиҳову саодатҳо ва пирӯзиҳо ҳидоят мекунад. Заминаи ҳувияту худшиносӣ пеш аз ҳама аз андеша берун меҷаҳад. Чӣ қадаре ки андешаи фард саҳеҳу мустаҳим ва бо далелу бурҳон пойдору устувор ва мустақил гардад, ҳамон қадар шинохти худӣ, билохира фарду ҷомеа бомаърифатона истеҳком мепазирад. Чуноне мебинем ҳувияту худшиносии миллиро, ки бедорӣ ва огоҳии комил андаруни он нуҳуфта мебошад, андешаи миллӣ тобноку боҷило ва мондагор ҷилва медиҳад. Ин ҷо зарур меҳисобем каме ҳувияти миллиро аз дидгоҳҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Мафҳуми ҳувияти миллӣ яке аз категорияҳои марказӣ дар давлатсозӣ ва шинохти умумиятҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми ҳувият бо мафҳуми англиси **Identity** баробар буда, сабаб шудааст то соҳибназарони илмҳои иҷтимоӣ таърифҳои гуногунеро дар ин замина ба вуҷуд овstreet. Мафҳуми ҳувиятро ба маънии “чи касе будан ва чи гуна шиносоӣ шудан” ё ба маънии дигар чистӣ ва кистии як фард ё гурӯҳу қавм миллат дар зеҳни худ баробар дониста ҳамчунин мафҳуми худшиносиро низ ба он баробар арзёбӣ мекунанд. Баҳси ҳувияти миллӣ аз он замон мавриди баррасии илмҳои иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ гардид, ки дар

нимаи дуюми саддаи 20, махсусан дар поёни он раванди ҷаҳонишавӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон махсусан тавассути осон намудани роҳи ба даст овардани иттилоот ва воруди инсоният ба тамаддуни нав, яъне тамаддуни иттилоотӣ аҳамияти вижа пайдо намуд. Дар ин раванд, кишварҳои истеҳсолкунандаи иттилоот ва татбиқкунандаи низомҳои иттилоотӣ дар соҳоти гуногуни истеҳсолоту мудирияти ҷомеа кишварҳои камзарфият ва кам рушд намударо зери таъсири худ қарор доданд.

Вақте гап дар бораи миллат ба ҳайси ташаккула ва умумияти таърихановрушдёфтаи иҷтимоӣ меравад, устухонбанди ва мухраи асосии онро дар ин пайкара ҳувияти миллӣ ташкил медиҳад, ки онро метавон дар чунин зербиноҳои иҷтимоӣ дарёфт:

1. Таъсири ҳувияти миллӣ бар тамоми низоми иҷтимоӣ. Дар ин маврид баррасию шинохти ҳувияти миллӣ аҳамияти худро дар тамоми ҳавзаҳои зиндагии иҷтимоии инсон аз ҷумла дар ҳавзаи фарҳанг, иҷтимоиёт, сиёсат ва иқтисоди ҷомеа фарогир аст.Низоми иҷтимоии ҳар ҷомеа ҳамбастагии фарҳанг, иҷтимоиёт, сиёсат ва иқтисоди як ҷомеаро фарогир аст, ки онҳо низ дар дарозои ҳамзистии инсонҳо ва манфиатҳои муштаракашон шакл гирифтаанд, ки пояи асосии нигоҳдошти муносибат ва равобити гуногуни иҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд. Яъне ҳамин вуҷуди маърифат, шинохт ва худияти милливу иҷтимоист, ки метавонад мардумонро дар фазои ниҳоди ташаккулёфтаи сиёсӣ давлат гирди ҳам оварад ва нигоҳ дорад.

2. Ҳувияти миллӣ фарогири тамоми хотираи таърихии як миллат ва ҳамчунин муайянкунандаи дурнамои рушди иҷтимоии ин миллат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз ҳувияти миллӣ фарогири гузашта, ҳол ва ояндаи як миллат аст. Яъне он дар худ тамоми хотираи таърихӣ арзиши таърихӣ,

фарҳангӣ ва меросе ки дар тули қарнҳо як миллат ба вуҷуд овардааст, мавриди назар қарор мегирад. Имрӯзи як миллат дар заминаи таърихи гузаштаи он сохта мешавад. Махсусан бо шинохти дуруст ва қазовати таърихӣ ки дар гузашта чи камбудҳо ва бартариҳо доштааст ва сабабаби онҳоро равшан сохта аз онон сабақи таърихӣ бигирад. Дар ин замина дурнамои равшани ояндаи хешро муайян месозад.

3. Мафҳуми ҳувияти миллӣ мафҳуми нави иҷтимоӣ ба шумор меравад ва дар адабиёти илмии иҷтимоию сиёсӣ ҷойгоҳи худро дорад. Онро дар сиёсатҳои давлатсозӣ, махсусан дар ташаккули давлат-миллатҳо ва таҳкими низоми иҷтимоӣ ба ҳайси яке аз категорияҳои марказӣ истифода менамоянд. Имрӯз миллат ва давлате, ки дар он сатҳи огоҳӣ ва худшиносиву ҳувияти фардӣ ва миллии бошандагонаш дар дараҷаи баланд аст, пайкараи миллии қавӣ дошта осебпазириаш камтар аст. Дарки баланди масъулияти иҷтимоӣ ва посухпазирӣ дар назди ҳамзамонон ваояндагон дар онҳо ба назар мерасад ва ҳамчунин ин мафҳум бо мафҳуми манофеъи миллӣ сахт пайваст буда, дуввуми ҷузъе аз онро ташкил медиҳад.

4. Ҳувияти миллӣ зербинои асосии пешрафт ва худшиносии як миллат ба ҳисоб рафта, тамоми соҳоти гуногуни ҳаёти иҷтимоиро метавонад таҳти таъсири худ қарор бидиҳад.Ҳувияти миллӣ ба мисли оинаи тамомнамои як миллат аст, ки дар он чеҳраи воқеии хешро мебинад, камбудҳои хешро ислоҳ месозад ва худро ба ҷилва дар меоварад.

5. Раванди таҳаввулоти чанд ҳазорсолаи як миллат шебу фарозҳои дар тули таърих ба вуҷудомада ва амсоли инро муаян месозад ва дар кадом марҳила дар кадом дастовард ва дар кадом марҳила ба футур ва таназзул омадани як милатро арзёбӣ месозад.

Дар адабиёти илмӣ имрӯза бо баробари истифодаи вожаи ҳувияти миллӣ ҳамчунин мафҳуми ҳувияти иҷтимоӣ низ мавриди истифода қарор мегирад. Агар ба таърифи ҳувияти иҷтимоӣ, ки фарогири хусусиятҳои вижаи як иҷтимоъ дар давоми мавҷудияти шаклгирии худ аст, назар афканем онро метавон чунин таъриф кард: Ҳувияти иҷтимоӣ дар куллитарин мафҳуми он ба худогоҳии як шахс дар робита бо дигаре ишора дорад. Бо вуҷуди ин дар равоншиносии иҷтимоӣ бо як мафҳуми хоста яъне худогоҳӣ дар чорчӯби узвияти як фард дар гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф далолат мекунанд. Ин вожа бештар ба мафҳуми иҷтимоии худ таъкид меварзад, ки таҷрибаи афродро аз назари иҷтимоӣ ва тааллуқият ба он ташхис медиҳад ва бештар дорои хусусияти умумии афрод аст нисбат ба хусусияти фардии онҳо. [1]

Баъзе соҳибназарон вижагии аслии миллатро мавҷудияти созмони сиёсӣ ва ваҳдати мардум дар пазириши он низоми сиёсӣ медонанд. "Бинобар ин таквини миллат мусталзими таквини давлат ва созмони сиёсӣ аст ва касоне ки дар даруни ин низоми сиёсӣ зиндагӣ мекунанд, як миллатанд. Дар воқеъ чунин назме маслиҳатҳои муштараке байни онон падид меоварад ва эҳсоси таалуқу вафодорӣ ба ин низом сомони хосе мегирад"[2].

Дар бобати ҳувияти миллӣ низ баҳсҳо хело зиёданд ва баъзеҳо аз муҳақиқон онро танҳо марбут ба даврони нави башар медонанд ва далели аслиашон таъсиси давлатҳоест, ки пас аз озодшавӣ аз мустамлика ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳақиқат ҳувияти миллӣ ба вуҷуддорандаи миллатҳо пас аз

[1] Adam Kuper and Jessica Kuper, The Social Science Encyclopedia, 2 nd edition ( London and Newyork: Routltdge, 1994). -P. 789.

[2] Исмоили Муаззампур. Миллият ва ҳувиятҳои то миллӣ дар нисбати миллият ва ҳуввияти эронӣ дар афкори Козимзода Эроншаҳр. Теҳрон, 2004. -С/ 90.

ҷанги ҷаҳонии аввалу дуввум дар кишварҳои муаяни ҷаҳон аст. Яъне ин ба он мазмун аст, ки баъзе аз ҳувиятҳо ҳувиятҳои сохта буда барои даврони пас аз истеъморӣ давлатҳои муаяне таҳсис дошта шуданд ва ба онҳо ҳувиятҳои муаяне бар асоси умумиятҳои фарҳангӣ забонӣ урфу одат ва амсоли ин ба вуҷуд оварда шудаанд. Масалан агар ба кишвари Ҳинду Покистон назар афканем ин ду сарзамин аз лиҳози умумиятҳои забониву фарҳангӣ ва муштаракоти зиёде дорои як таърих ва як хотираи таърихианд, вале пас аз тақсим кардани онҳо ба давлатҳои алоҳида танҳо манфиатҳои сиёсие ҳастанд ки онҳоро ба ду ҳувият тақсим кардаанд. Ҳувияте ки дар Покистон таблиғ мешавад як ҳувияти сиёсӣ аст, на як ҳувияти таърихӣ, зеро ин сарзамин бахше аз шабаҳқораи Ҳинд аст. [3]

Дидгоҳи дигар пайдоишу идоматёбии миллатҳоро дар омилҳои фарҳангӣ нуҳуфта медонад ва забонро омили бартар дар ин миён аз омилҳои дигар медонад. Дар ин мавзӯъ, ки ҳувияти миллӣ чист ва чи гуна муҷиби таҳаввули асосӣ дар ҷомеа мешавад, баъзе аз посуххо ба ин пурсиш аз сӯи Гарднер матраҳ шудааст. Аз назари Гарднер як миллат ба василаи фарҳангу забони хоси он шакл мегирад. Дар баробари ин ҳамчунин ташрифоту одоби мансабӣ, русуму одоби зиндагии рӯзмарраи мардум, достонҳо, фарҳанг, боварҳои маҳаллӣ, афсонаҳо ва боварҳои омма низ дар шаклгирии як ҳувияти миллӣ муҳим ҳастанд. Аз назари вай муҳимтарин омили фарҳангӣ ин забон ба ҳисоб меравад, ки ба воситаи он достонҳо, афсонаҳо ва боварҳо ҷилвагар мешаванд. Чуноне ки чорчӯби аслии ҷомеаи инсонӣ аз тариқи нимодҳо, символҳои фарҳангӣ ва забон шакл гирифтааст. Ба унвони намуна забон танҳо як имкони аввалия барои барқарор кардани иртибот

[3] Равосонӣ Шопур. Заминаҳои иҷтимоии ҳувияти миллӣ. Чопи нахуст. -Теҳрон: Маркази бозшиносии Эрон ва Ислом. -94 саҳ.

нест, балки вазъияте аст, ки ба воситаи он иттилоот ва огоҳиҳои лозимро перомуни он чи меандешем, он чи тасаввуру таҷриба мекунем ва хутути аввалияи худогоҳӣ перомуни даркамон аз ҳаёт ва равишҳову тариқи ин огоҳиро ба мо нишон медиҳад[4].

Баъзе аз муҳаққиқон бар он андешаанд, ки мафҳуми миллат танҳо дар боварҳо ва андешаи субъект мавҷуданд на бештар аз он.Милллер низ чунин меандешад, ки миллатҳо чизе берун аз боварҳо ва андешаҳои афрод нестанд. Монанди боварҳое, ки дар мавриди вулқонҳо  филҳо ва анвоъи гуногуни ҳайвонот вуҷуд доранд. Ба ин тафовут ки таъйини малокҳо барои оташфишонҳо бар рӯи курраи замин осон менамояд. Аммо малокҳои шиносоӣ ва тақсимбандии миллатҳо мушкилу печида аст. Ин печидагӣ бештар ба ин далел аст, ки бовари афрод дар таърифи миллат тааллуқ дорад. Ин ташхис ва тасаввур аз худашон ба унвони як миллат кори осоне нест. [5]

Реном мегӯяд: миллат ба мисли фард натиҷаи ниҳоии гузаштаи тулонии сайъу талош фидокорию аз худ гузаштагӣ аст. Аз миёни ҳама оинҳо оини ниёкон машруҳтар аст. Чун аз ниёкони мо он чизе сохтаанд, ки акнун ҳастем. Гузаштаи таърихӣ, мардони бузург ва шукуҳу азамати онон сармояи иҷтимоие аст, ки бар мабнои он метавон як идеяи миллиро бунёдгузорӣ кард.[6]

Агарчи масъалаи асосии ҳувият ин посух ҷустан ба саволи ман кистам собиқаи дерина дорад ва дар осору навиштаҳои донишмандону андешамандони гузашта инъикос ёфтааст, аммо ин мавзӯъ дар абъоди мухталиф яке аз асоситарин

---

[4] *Говард Гарднер.* Структура разума: теория множественного интеллекта = Frames of Mind. The Theory of Multiple Intelligence. — М.: «Вильямс», 2007. — 512 с.

[5] Дэвид Миллер. Миллият. Теҳрон: Муассисаи мутолиоти миллӣ, 2004. С. 25.

[6]Асмит де  Энтонӣ. Носионализим, назария, идеолужӣ, таърих. Теҳрон: Нашри най, 2004. С 54.

баҳсҳои асри модернизм ба ҳисоб меравад. Ҳар гоҳе ки сухан дар бораи мафҳуми "мо" пеш меояд баҳси ҳувият матраҳ мешавад. Бояд қайд кард, ки дар баробари мафҳуми мо антоними ин мафҳум мафҳуми дигарон пеш меояд ва ба воситаи мафҳуми мо хусусият вижагӣ бартарияту тафовут ва ҷамбаҳои мусбию манфии "мо" тамйиз карда мешавад. Баррасии ҳувияти миллӣ яке аз баҳсҳое аст, ки дорои аҳамияти таърихию сиёсӣ ва ҷомеашиносии фаровоне аст. ҷиҳати таърихии ин падида дар раванди ташаккули ҷомеа шакл гирифта аз тағиру таҳаввулоти таърихӣ таъсир пазируфта аст. Аз тарафи дигар ҳар ҳувияте ки имрӯз дар ҷомеа ва миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ мушоҳида мешавад, баргирифта аз ҷараёнҳои таърихии давраҳои мухталиф аст. Аз назари ҷомеашиносӣ ҳувияти миллӣ ба ин лиҳоз аҳамият дорад, ки яке аз омилҳои муҳими ба ҳам оардани гуруҳҳои мухталиф дар ҳар ҷомеае ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст ки ҳар андозае як миллат аз ҳувият маҳкамтар бархурдор бошад ҳамон қадар  мустаҳкамтар ва пойдортар хоҳад гардид. Аксар аз соҳибназарон муътақиданд, ки ҳувият ба унвони як падидаи сиёсию иҷтимоӣ маҳсули замони нав аст ва ба унвони мафҳуми илмӣ аз сохтаҳои навини илмҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта дар нимаи дуюми асри 20 ба ҷои мафҳуми халқ ва фарди ҷамъӣ ҳамчунин равишҳои қавмӣ густариш ёфтааст. Вобаста ба таҳаввулоти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷаҳон пайдоиши баҳсҳои назарӣ ва мактабҳои андешаи сиёсии навин низ ба оғози пажуҳишҳои навин дар бораи ҳувият ба таври он ва ҳувияти миллию миллият ба таври хос кумак кард.

Дар ин миён ду ҳавзаи назарӣ дар доман задан ба баҳсҳои навин перомуни ҳувияту миллият муассир буданд. Ҳувияти миллиро аз лиҳози таҳлилӣ метавон аз ҷамбаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дод.

1. Ҷанбаи иҷтимоии ҳувияти миллӣ. Ҳар шахсе аз тариқи муҳити иҷтимоие, ки ба он муталлиқ аст ё бад он руҷуъ мекунад ҳувияти худро месозанд ва тавсия медиҳанд. Ҷамбаи иҷтимоии ҳувияти миллӣ дар иртиботи чи гунагии робитаи фард ба иҷтимоъ ошкор мегардад. Дар сурати тақвияти муносибатҳои фарду ҷомеа ҳувияти ҷамъии фард дар сатҳи миллӣ шакл мегирад. Ҳувияти миллӣ то ҳадде васеъ ва баёнгари равобити иҷтимоии фард бо низоми калони иҷтимоӣ яъне кишвар бастагӣ дорад. “Ба ибораи дигар нишонаи буъду иҷтимоии ҳувияти миллӣ ба афзоиши теъдоди касоне ки дар як кишвар дорои эҳсоси таҳауди муштарак ҳастанд, бастагӣ дорад”.

2. Ҷамбаи таърихии ҳувияти миллӣ. Огоҳии муштараки афроди як ҷомеа аз гузаштаи таърихӣ ва эҳсоси дилбастагӣ ба он ва эҳсоси ҳувияти таърихӣ аст. ҳувияти таърихӣ пиндори пайвандиҳандаи наслҳои мухталиф ба якдигар ва монеъ ҷудо шудани як насл аз таърихаш мешавад. Аз ин рӯ ҳар ҷомеае бо ҳувияти таърихии худ таъриф мешавад. Ҳувияти таърихиро метавон огоҳию дониш ба гузаштаи таърихӣ ва эҳсоси тааллуқияти хотираи таърихӣ ва эҳтимоми таърихӣ донист.

3. Ҷамбаи ҷуғрофиёии ҳувияти миллӣ. Ҳувияти миллии ҳар миллат дар дараҷаи нахуст зояндаи муҳити ҷуғрофиёии он миллат аст. муҳити ҷугрофиёӣ бо вазъи умумии иқлимӣ, рустани растаниҳои анвои муайян, вуҷуди ҳайвоноти муайян, ҳаводиси муайяни ҷуғрофиёӣ ва зеҳнияти мардумон таъсиргузорӣ мекунанд ва то андозае ба тарзи зиндагӣ урфу одат баробар накардани ниёзҳои иҷтимоию сиёсии онҳо саҳмгузоранд.

4. Ҷамбаи сиёсии ҳувияти миллӣ. Ҳувияти миллӣ дорои буъди сиёсиест, ки дар он ба унвони як унсури миллии зарурӣ тааллуқият ба давлат низоми сиёсиву арзишҳои машруъияти бахши ҳукумат дар ҳувияти миллӣ аст. Узвияти афрод дар як

низоми сиёсӣ ва пазириши арзишҳо ва қонунҳои он шохиси мақбулияти низоми сиёсӣ ва машруъияти он аст. Ин амр илоав бар пайванди миллӣ миёни аъзои низоми сиёсӣ омили ҳамбастагии миллӣ низ мешавад.

5. Ҷамбаи динии ҳувияти миллӣ. Буъди динӣ низ метавонад дар шаклгирии навъи ҳувияти миллӣ таъсиргузор бошад. Махсусан дар ҷаҳони имрӯз қудратҳои сиёсӣ гоҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ҳувиятҳои динӣ истифода менамоянд[7].

6. Ҷамбаи фарҳангии ҳувияти миллӣ. Пайванд миёни фарҳанг ва ҳувият чунон амиқ аст, ки бештари муҳақиқон ҳувиятро падидаи фарҳангӣ медонанд ва барои фарҳанг мақоми мустақиле дар ҳувият қоиланд. Дар ҷаҳони муосир ҳувияти фарҳангӣ дар муқоиса ба дигар буъудҳои ҳувият дорои аҳамияти зиёд аст. Зеро ба ҳувияти фарҳангӣ забон, мероси моддию маънавии гузаштагон ва мероси таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Бо таҳлилҳои дар боло анҷом дода метавон ба чунин хулоса расид, ки як фард метавонад дорои чандин ҳувият бошад, ки гоҳо ин ҳувиятҳо метавонанд дар рақобати якдигарӣ қарор бигиранд. Ва аммо гоҳо онҳо метавонанд дар ҳамзистӣ низ тақвият пайдо намоянд. Барои эҷоди як ҳувияти комил муштаракоти фарҳангӣ сахт таъсиргузору корсоз аст. Қобили зикр аст, ки ҷанбаи фарҳангии ҳувият метавонад бар соири абъоди дигар таъсиргузор бошад ва аз тариқи эҷоди як биниш ва фаҳми муштарак ба созгорӣ миёни дигар бахшҳои ҳувият ёрӣ расонад.

Ҳувияти миллӣ аз тариқи огоҳию эҳсоси тааллуқу вафодорӣ ба унсурҳое, ки марбут ба тамоми ҷомеаанд ва ба таъбири дигар сармояи миллии ҷомеаанд, дар зеҳни мардум

[7] Хангтинтон Самуэл. Бархурди тамадунҳо ва бозсозии назми ҷаҳон. Теҳрон: Нашри дафтари пажуҳишҳои фарҳангӣ, 1999. С.153

шакл мегирад ва нақш мебандад. Бинобар ин огоҳӣ, эҳсос таалluқ ва вафодории мардум як ҷомеа (арзишҳои суннатӣ ахлоқӣ, динӣ, адабӣ,қавмӣ ва гайра) категорияҳои хосе ҳастанд, ки аз онҳо ҳувияти миллӣ шакл гирифтааст. Аз ин рӯ ҳар гуна таҳқиқу баррасӣ перомуни оғоз ва шаклгирии ҳувияти миллӣ дар ҳар ҷомеа, бояд бар асоси санҷиши шохисҳои дар боло зикр гардида сурат бигирад. Дар воқеъ, ҳар миллат бархоста аз вижагиҳо шароити таърихӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҷуғрофиёии худ аст, ки бар замми ин сармояҳои миллии хос нисбат ба онҳо дорад ва онҳо тавассути огоҳии ҷамъӣ эҳсоси тааллуқу вафодорӣ ба ин мафҳумҳоро доранд. Бинобар ин ба оснӣ наметавон танҳо чанд унсурро мушахассан ба унвони ҳувияти миллӣ ном бурд. Чуноне ки унсурҳои собит шуда ва шинохта дар миёни маҷмуи дидгоҳҳои назарӣ мушоҳида мешавад, ки соҳибназарон дар онҳо ишора намудаанд, аз ҷумла он таҷриботи миллии дар ҷомеаҳои гуногун ба даст омада аз қабили онҳоянд. Бинобар ин, дар як ҷамъбандӣ метавон гуфт, ки ҳувияти миллӣ дар кул дорои унсурҳои собит ва шинохта шудае аст, ки пояҳои онро ташкил медиҳанд. Дар айни ҳол ба баъзе аз унсурҳои хос низ бар маҷмуи унсурҳои зикр гардида меафзоянд. Ҳамчунин эътибору ҷойгоҳ ва ҳар як аз унсури ҳувияти миллӣ дар миёни миллатҳо тафовут дорад ва дорои тағйирот аст.

Ҳувият низ дорои омилу унсурҳои худ аст ва омилҳои асосии ҳувиятро метавон чунин зикр намуд: Омилҳои айниро монанди забон, фарҳанг ва нажод таъкид кардаанд. Аммо баъзе аз соҳибназарон бар унсурҳои зеҳние мисли худогоҳӣ ҳамбастагӣ ва андешамандӣ ба таркибе аз унсурҳои айнию зеҳнӣ алоқаманд нишон додаанд. Энтони Смит (1939-2016) донишманди британиёӣ бо тарҳи ин идеяе, ки навъҳои меъёрҳои ҳувияти миллӣ боис шудааст, ҳар миллат ба гурӯҳе

аз онҳо рӯй овардаанд ва ӯ барои миллатҳои англосаксонӣ меъёрҳои зеринро тарҳи асосӣ меҳисобад.

1. Сарзамини таърихӣ.
2. Ҷамъияти ҳамгин бо сарзамини муттаҳид.
3. Иқтисоди ягона.
4. Фарҳанги ягона ва таҷрибаҳои забонии ягона.
5. Маҷмуае аз хотираҳо ва устураҳои мутамоиз бо таърихи ягона.
6. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муштарак.

Вай дар ҷойи дигар одобу русуми муқаддаси миллатҳоро чунин мешуморад. Эътиқод ва баргузидагии қавмӣ, дилбастагӣ ба сарзамини хеш ва муқаддасшуморидани он, хотиротии муштарак аз давраҳои гуногуни таърихи ва тиллоӣ шуморидани давраи муайян, ҳамчунин кеши мурдагони бошукуҳ.[8]

Бештари муҳақиқон ҳувияти миллиро масҳули чор унсури асосии зер медонад.

1. Омили нахуст ва бунёдӣ: монанди забон ва фарҳанг (санъат, адабиёт, мусиқӣ, арзишҳои ахлоқиву зебоипарастӣ ва ғ).
2. Омили сохторӣ (сиёсӣ) монанди давлат, артиш, қонуни асосӣ ва ғ.
3. Омили таллуқият, касабият, дараҷаи шинохт ва маърифати худу ҷаҳон мисли низоми маориф, омӯзиши олӣ, тахассусият, офаринандагӣ дар заминаи дастовардҳои илмӣ, фанноварӣ ва ғ.

---

[8] Асмит де Энтонӣ. Носионализим, назария, идеолужӣ, таърих. Теҳрон, Нашри най, 2004 -464 саҳ.
Энтони Смит. Национализим и модернизим: критический обзор теорий соврменных наций и национализма. М.: Праксис, 2004. -464 стр.

4. Омили вокунишӣ (ватандустӣ, патриотизим) монанди дифоъ аз сарзамин ҳангоми ҳуҷуми бегонагон ба он, муқаддас шумурдани сарзамин, эҳсоси баланди ватанпарастӣ.

Ҳамчунин баъзе аз муҳаққиқон ҳувияти миллиро маҳсули низоми символҳо қаламдод намудаанд, ки аз тариқи унсурҳои зер интиқол мешаванд: тасаввурот, достонҳо, асотир, парчами миллӣ, навъи пушиш, фарҳанги умумӣ, суннатҳо, символҳои миллӣ.[9]

Худшиносии миллӣ низ то андозае ифодагари маъно ва моҳияти ҳуввиияти миллӣ аст. Худшиносии миллӣ аз ду мафҳум бармеояд – худшиносӣ ва андешаи миллӣ. Яъне он саравал муталлиқи фард аст ва баъдан таллуқияти фардро ба умумияти иҷтимоӣ равшан месозад. Тавре дар боло ишора гардид фард дар доираи раванди иҷтимоишавӣ ба шинохти худ муҳити сунъии аз тарафи инсон сохта шуда, яъне ҷомеаи хеш огоҳӣ пайдо менамояд. Ба вуҷқуд омадани огоҳӣ низ раванди дурударози ба ҳам таъсиррасонии объекту субъект аст, ки он низ дар як они воҳид ҳосил намешавад. Аслу решаи худшиносӣ низ бармегардад ба хосияти ҷусторгарӣ ва пурсишгарии инсон ва пурсишҳое аз қабили он ки ман кистам? Аз куҷо омадаам? Гузаштагони ман чӣ касоне будаанд? Арзишҳои онҳо кадом аст ва амсоли ; инсонҳо тавассути ин ҷустор ба хотираи таърихии қавмиву миллии хеш пайваст мешаванд. Аз ин лиҳоз метавон худшиносиро дар ду дараҷа мариди баррасӣ қарор дод саравал дар дараҷаи фардӣ ва баъдан дар дараҷаи иҷтимоӣ. Дар дараҷаи фардӣ саравал фард худро ва имкону истеъдодашро мешиносад ва дар дараҷаи иҷтимоӣ таллуқият ба иҷтимоъ ва умумиятҳои таърихиву арзишҳои маънавиро маърифат месозад.

[9] Wood Ward, kath. Quees 2000.- P 134.

Худшиносӣ – шинохтани хусусият ва имкону вазъ ва воқеияти фард ва дарки мақоми худ дар ҷомеа, вазифаҳою ҳуқуқҳо ва масъулияти иҷтимоиву таърихӣ ва миллии фард аст.

Ҳанӯз ҳазорон сол қабл яке аз файласуфони Юнони қадим Суқрот, ки ба таҳқиқи масъалаи инсон пардохта буд, вазифаи аввалини ӯро чунин баён намудааст: «Худро бишнос». Дар ҳақиқат, фарде, ки худашро нашинохтааст, инсони комил шуда наметавонад ва ӯро дигарон ҳам намешиносанд, қадру қимат ҳам надорад. Ҳамагуна худшиносӣ аз худшиносии фард ба вуҷуд меояд. Фарде, ки аз худ аз имконоти худ аз вуҷуди таърихии худ ҳамчун умумияти иҷтимоӣ огоҳ аст он метавонад худшинос бошад. Ба ин маънӣ, ки ҳамагуна шинохт аз зеҳн ё шуури фард оғоз меёбад ва баъдан он ба шуури ҷамъиятӣ роҳ пайдо мекунад. Барои боло рафтани ҳуувияти як миллат зарур аст то афроди он соҳиби хирад ва огоҳии баланди илмиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ бошанд.

Вобаста ба ин таҳлил низ миллат ҳам бояд худашро бишносад. Миллат чун аз маҷмуъи равобиту муносиботи гуногуни муштараки афрод ба вуҷуд меояд, пас он низ ҳар қадаре агар афродаш огоҳу худшинос бошанд, ҳамон қадар пайкараи ин миллат метавонад қавӣ гардад.

Худшиносии миллӣ – синтези шинохтани ҷараёни ҳаёти миллӣ, дараҷаи инкишофёфта ва элементи махсуси шуури миллӣ мебошад.

Худшиносии миллӣ дар таърифи муфассалтараш – аз ҷониби фард бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубияти худ ба умумияти муайяни миллӣ–этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат мебошад. Ин гуна фаҳмиши ҳар як фард натиҷаи таъсири

муҳити миллӣ, умумияти забон, территория, хусусияти равонии миллат мебошад[10]. Ба ин тартиб, ҳар қадар сатҳи худшиносии миллӣ боло равад, ҳамон қадар баданаи иҷтимоӣ қавӣ гардида, дар баробари ҳамагуна хатари физояндаи имрӯзаи глобалӣ муқовиматпазир мегардад.

[10] Ғаффорова М. Шуури миллӣ./Назарияи Ваҳдат. -Душанбе: Дониш, 2012. С. 83.

**Нозим НУРЗОДА,**
*фарҳангшинос*

# ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ - БОЗТОБЕ АЗ ТАРЗИ ТАФАККУР ВА БИНИШИ ДУНЯВӢ

Мусаллам аст, ки инсонҳо дар ҳар давру замоне бо ормонҳо зиндагӣ мекунанд ва бавежа, ормонҳои миллӣ дар зиндагии башарӣ ҷойгоҳи хосе доштаанду доранд. Ба ин маъно, идеал ва ба истилоҳ, ормон болотарин арзиш, беҳтарин ҳолати комилшудаи як падидаи хос, намунае аз вежагиҳо ва тавоноиҳои шахсӣ, болотарин сатҳи як фарди ахлоқӣ, болотарин дараҷаи фаҳму дарки ахлоқӣ аз он чи хубу шоиста аст, мебошад. Дар феҳристи ҷанбаву буъдҳои ормон, ормони миллӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ормони миллӣ ё идеали миллӣ арзишҳо ва алоқаҳои ғойӣ, аслӣ ва асосии як миллат аст, ки тавассути раҳбарони олии сиёсӣ бо дар назар гирифтани ақидаҳо, мафкура-идеологияҳо, манобеи миллӣ ва қавонини ҳоким дар кишвар ташхис ва табйин мешавад.

Ба сухани дигар, ормони миллӣ дар воқеъ, манофеи аслию асосӣ ва аҳдофи бисёр калон ва гоҳ дастнаёфтаест, ки тавассути раҳбарон таъйин мегардад ва миллатҳо бо ҳидояти раҳбарон ба самти он ҳаракат менамоянд. Афзун бар ин, ормони миллӣ тасвири идеалии зиндагии миллӣ, ки дар тахайюли як фард вуҷуд дошта, барои ҳамбастагию иттиҳоди қавмӣ кумак мекунад ва дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тавсеаву рушди фарҳангӣ мусоидат менамояд.

Дар зимн, ормонҳои бостонии миллӣ (манзур ормонҳои дерини мардуми форсу тоҷик аст), ки дар бовару асотири қадимӣ таҷассум ёфтаанд, дар ташаккул ва таҳаввули афкори

миллӣ ва сиёсии мардуми форсу тоҷик нақши асосӣ доштаанд. Зиёда аз ин, бовару ормонҳои бостонӣ дар боло рафтани фантазияву тахайюли рангин, шакл гирифтани тафаккуру шуури миллӣ ва билохира тавсеа ёфтани биниши фалсафии ақвоми эронитабор, аз ҷумла мардуми тоҷик нақши калидӣ доштаанд. Силсилаи бовардоштҳои бостонӣ, ки раванди ормонгаройии миллиро тақвият додаанд, бар мабнои воқеиёти рӯзгор ва зиндагии реалию заминии мардум бофта ва сохта шуда, инъикосгари руҳияи миллию мардумӣ будаанд. Гузашта аз ин, таҷрибаи башарӣ собит сохтааст, ки мафкура ё идеологияи давлатӣ ҳамеша бар мабнои бовару ормонҳои миллӣ, ки маҷмуаи зиндагии фикрӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии қавму миллиятҳоро дар маҳдудаҳои замонию маконӣ таъйин мекунанд, сохта мешавад. Дар ин росто, мардуми форсу тоҷик ҳам дар имтидоди тулонии замонӣ аз решаву асолати худ – бовару асотири бостонӣ фарҳанг ва сиёсат дуруст карда, дар арсаи тамаддуни башарӣ қадамҳои устувор бардоштааст.

Ба назари муҳаққиқон, гуманизм (инсондӯстӣ), саентизм (хирадмадорӣ) ва ратсионализм (ақлгаройӣ) аз мақулаҳои асосии тарзи тафаккури секулорӣ ё дунявӣ мебошанд. Аз тарафи дигар, таъбири англисии **“secular space”** ба маънои фазои дунявӣ ё ҷою маконе далолат мекунад, ки ақлу мантиқ ва илму дониш аз таъсири ҷоду (magic) ва афсона (mythology) озоданд ва ин ақлу мантиқ ва илму дониш метавонанд дунёи мардумро ба таври солим шакл бидиҳанд. Ба ин маънӣ, решаҳои қолиб ё формати зиндагии дунявӣ ва ба истилоҳ, секулориро, ки тайи ду асри ахир миёни ақвому милали ҷаҳон ба сифати ҷаҳонбинии алтернативӣ ва низоми фарогири сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ ва маданӣ маҳбубият пайдо кардааст, метавон дар маҳдудаи фарҳанги миллӣ пайдо кард.

Муҳимтар аз ин, тарз ё шеваи зиндагии секулорӣ (дунявӣ) хамирмояи ормонгаройии миллиро ташкил медиҳад. Ба ин далел, ормонгаройии миллӣ, ки бар мабнои бовару эътиқодоти гузаштагони мо созмон ёфтааст, дар замон ва шароити муосир барои ба вуҷуд омадани давлатҳои миллию дунявӣ мусоидат намудааст. Ин аст, ки файласуф ва равшанфикри муосири миллӣ устод Комил Бекзода таҳкими фарҳанги бумиро бар пояи ҷаҳонбинӣ ва идеологияи воқеъбинонаи миллӣ, ки дар бовару асотири бостонӣ дарҷ гардидаанд, ҳукми зарурат донистааст (ниг.: Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. -С388-389). Махсусан, дар шароити сахти бархурдҳои тамаддунӣ, боло гирифтани манофеи сиёсию геополитикӣ ва ташаннуҷи хатарҳои глобалӣ эҳёи арзишҳои миллӣ, ҳифзу нигаҳдошти мероси фарҳангӣ ва ниҳоятан, истифодаю корбасти қолибҳои фалсафию сиёсии дар барномарезиҳои расмию давлатӣ амри зарурӣ ба шумор меравад.

Мисоли равшани ормонгаройии миллӣ, ки бар асоси дидгоҳи дунявӣ таҳаққуқ ёфтааст, устураи Ҷамшеди Пешдодӣ мебошад. Ин устура (манзур устураи Ҷамешед аст)-ро метавон ба унвони мафкураи давлатдории миллӣ матраҳ кард, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дорад. Хатти марказии фарҳанг ва сиёсати миллӣ дар симои шаҳриёри нимаустуравӣ ва ниматаърихӣ Ҷамшеди Пешдодӣ чарх мезанад. Дар маркази таваҷҷуҳи асотири марбута, ки дар "Вандидод"-и Авасто мунсаҷим шудаанд, шахсияти заминӣ ва инҷаҳонӣ (дунявӣ ё секулорӣ)-и Ҷамшеди Пешдодӣ қарор гирифтааст. Тибқи бовардоштҳо, ӯ на фарраи паёмбарӣ, балки фарраи шаҳриёрӣ (шоҳӣ)-ро ихтиёр намуда, дар ин дунё лаззат бурдан ва ободу зебо сохтани он (ҷаҳон, гетӣ, дунё)-ро меъёр ва шеваи зиндагии худ ва соири инсонҳо талаққӣ карда, дар

татбиқи барномае ҳамчунинӣ саъю талош варзидааст (ниг.: Баҳор Меҳрдод. Аз устура то таърих. Гирдоваранда ва виростор Абулқосим Исмоилпур. Теҳрон, 1384. -С. 360). Аз ин лиҳоз, фарҳанги Ҷамшедиро, бемуҳобо, метавон пешзаминаи низоми давлатдории дунявӣ шумурд.

Тарҳ-моделҳои давлатдориҳои миллӣ-дунявие, ки дар қолиби ормонгаройии бостонӣ тайи ҳазораҳои Ҷамшед ва Фаридун рехта шудаанд, бар мабнои хирад, дод, меҳр ва шодзистӣ таҳаққуқ ёфтаанд. Масалан, дар "Шоҳнома" Ҳаким Фирдавсӣ зимни баёни аҳволи ҳазораи Фаридун, ки бар Заҳҳоки морон пирӯз гардида, низоми давлатдории дунявии даврони Ҷамшедиро эҳё мекунад, тазаккур медиҳад, ки Фаридун, чун ба қудрат расида, салтанати Заҳҳокиро мешиканад, мардумро навозиш намуда, аз роҳи хирад пойгоҳашон месозад:

*Фаридуни фаррух бинвохташон,*
*Зи роҳи хирад пойгаҳ сохташон.*

Аз ин ҷост, ки дар ормонгароии миллӣ се асли ғойиву асосию калидӣ - миллият, илмоният ва дунявият – низоми арзишии моро ташкил дода, дар кулли бовардоштҳои бостониамон ҳузуру нуфуз дошта, тору пуди фарҳангу тамаддуни Ориёӣ мебошанд. Аз ин гузашта, ормонҳои бостонии мо дар тарҳҳои сиёсӣ-мафкуравӣ ва низоми давлатсозиҳоямон ҳам истифода шудаанд. Ба ин маъно, дар бовардоштҳои куҳани миллӣ ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ масъалаи давлатсозӣ (манзур давлатсозии миллию дунявӣ аст) ва ҳамиштирокии мардум дар рушди сиёсӣ, фикрӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании кишвар матраҳ гардидааст. Мувофиқи бовардовариҳои дерини миллӣ, низоми сиёсии ҷаҳони инсонӣ дар асоси мафҳум ва мақула-категорияҳои ахлоқии меҳр, хирад, ростӣ, дод ва озодӣ бунёд ёфтааст. Дар он ҳар дине, ҳар миллате, ҳар роҳбаре, ки ба мардуми ҷаҳон меҳр меварзад ва

мардуми ҷаҳон ин меҳрварзиро бо таҷрибoти мустақими худ дармеёбанд, ӯро бармегузинанд ва ҳар гоҳ, ки даст аз меҳр баркашад, тумори баргузидагиаш барчида мешавад (ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Густохӣ дар гусастан. Аз гусастагони густох. Ландан: Курмали Пресс, 1996. –С.50).

Агар аз устура ба таърих руҷуъ кунем, дар замони давлатдории Куруши Кабир ормонҳои миллӣ воқеият касб менамоянд ва биниши дунявӣ дар низоми давлатдорӣ татбиқ мегардад. Аз ин ҷост, ки бар асоси ормонҳои миллӣ нахустин Маншури ҷаҳонии ҳуқуқи башар (Эъломияи ҳуқуқи башар) аз тарафи Куруши Кабир дар соли 538 пеш аз мелод эълом ва ба иҷро мерасад. Соли 1969-и мелодӣ, пас аз даргузашти 2507 сол баъд аз судури фармони мазкур намояндагони кишварҳои гуногун бо ҳузур ба оромгоҳи Куруш аз ӯ ба унвони нахустин поягузори ҳуқуқи башар ва озодии инсон таҷлил карданд (ниг.: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрони куҳан. –Теҳрон, 1382. –С.209).

Дар саҳифаҳои таърих сабт гардидааст, ки барои сарнагун кардани истибдоди шоҳи Бобул мардуми Бобул Курушро даъват мекунанд. Баъди озод намудани мардуми Бобул Куруш Маншур ё ба истилоҳи имрӯза, Эъломия мунташир мекунад. Дар маншури худ, қабл аз ҳама, ба масъалаи озодӣ ва анвои гуногуни он, аз ҷумла озодии виҷдон, ки нахустзаминаи давлати демократӣ талаққӣ мешавад, таваҷҷуҳ менамояд ва дар ин замина таъкид мекунад: "Артиши бузурги ман ба оромӣ вориди Бобул шуд. Нагзоштам ранҷу озоре ба мардуми ин шаҳр ва ин сарзамин ворид ояд…ба тирабахтиҳои онон поён бахшидам. Ман бардадориро барандохтам. Фармон додам ҳамаи мардум дар парастиши Худои худ озод бошанд ва ононро наёзоранд" (ниг.: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрони куҳан. –Теҳрон, 1382. –С.217). Мардонагӣ ва шарофати Куруш — шаҳриёри дунявигарои миллиро дар

бахшҳои 32 ва 34-и Маншур мушоҳида мекунем: "Фармон додам ҳамаи ниёишгоҳҳое, ки баста буданд, бигшоянд…Ба ниёишгоҳҳои худашон бозгардондам..." (таваҷҷуҳ шавад ба: Ҳушанг Толеъ. Таърихи тамаддун ва фарҳанги Эрони куҳан. – Теҳрон, 1382. –С.218). Ин саховатмандӣ, мардонагӣ, родмардӣ ва инсонияти ӯро дида, мардуми Бобул ба вай унвонҳои "Шоҳи Бобул", "Шоҳи сарзаминҳо" доданд. Куруши Кабир дар Бобул сиёсати родмардӣ, инсондӯстӣ ва ба истилоҳи имрӯза, демократии худро ба намоиш мегузорад ва фармони аз асорат озод кардани яҳудиёнро содир мекунад. Ба онҳо иҷозат медиҳад, ки ба сарзамини хеш бозгашта, маъбади Байтулмуқаддасро ба ҳамон сурати пешазвайронӣ бозсозӣ кунанд. Тамоми зарфҳои тилло ва нуқрае, ки аз яҳудиён гирифта буданд, ба онҳо бозгардонда мешаванд (ниг.: Гиршман Роман. Таърихи Эрон аз оғоз то ислом. Тарҷумаи Маҳмуд Беҳфурӯзӣ. –Теҳрон: Ҷомӣ, 1379. –С122).

Баъди суқути давлати Сосониён, ки меросбарони аслии империяи Ҳахоманишӣ ва Курушӣ буд ва тасаллут ёфтани сиёсат ва идеологияи аҷнабӣ дар баданаҳои иҷтимоӣ, тайи дусад сол сиёсат ва фарҳанги миллӣ "давраи сукут"-ро аз сар гузаронид (манзур таъбири "ду қарни сукут" аст, ки бозсохти донишманди бузурги эронӣ доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб буда, мунтаҳо, унвони китоби мавсуф (ниг.: Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ду қарни сукут. Теҳрон, 1381)-ро ташкил медиҳад)). Пас аз чаҳду талошҳои зиёд хонадонҳои миллӣ ба арсаи сиёсат ва давлатдорӣ ворид гардиданд ва давлатҳои миллии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён рӯйи кор омаданд. Махсусан, дар замони салтанати Сомониён тадриҷан сиёсати миллӣ бар пояи фарҳанги дунявӣ дар ҷомеа нуфуз пайдо кард. Дар ин давра забони миллӣ, ки пойдевори сиёсату фарҳанги бумӣ маҳсуб мешавад, таҳкиму густариш ёфта, амирони хирадпарвари Сомонӣ раванди таъсири саросарии

забони порсии дарии тоҷикиро дар қаламрави давлат ҷиддӣ назорат мекарданд ва бад-ин тариқ биниши дунявӣ дар бастагӣ бо тафаккури миллӣ машрӯият касб кард. Афзун бар ин, дар қаламрави давлати Сомониён доираи нуфузи забони арабӣ, ки он замон забони дину сиёсат ва илму фарҳанг маҳсуб меёфт, маҳдуд гардида, забони порсӣ (дарии тоҷикӣ) ба забони илму маърифат бадал шуд, то ҷое ки бо амри Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ (961-984) китоби машҳури "Тафсири кабири Табарӣ" ба забони миллӣ тарҷума гардид (ниг.: Малоирӣ М. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ. Ҷилди аввал. Теҳрон, 1372. – С.138).

Маҳз дар даврони Сомониён мардум дар фазои дунявият ва эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ зиндагӣ карданро таҷриба намуданд. Дидгоҳи миллӣ дар ҳамоҳангӣ бо тафаккуроти дунявӣ дар қолаби офаридаҳои адабӣ-бадеӣ, ҳунарӣ ва фалсафии адибону донишмандони замони Сомонӣ (устод Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ ва амсоли онҳо) зуҳур кард ва мардум ба муҳит ва фазои солими озодиҳои динӣ-имонӣ одат намуд.

Мутаассифона, дар баъзе кишварҳои Шарқи мусулмонӣ, бар асари тасаллути ҷаҳлу нодонию ноогоҳӣ тарзи тафаккуру биниши дунявӣ ҳошиявӣ шуда, ҷомеаҳо дар ҳоли фақри фикрию ҳувиятӣ ба сар бурда, дунявият ва тафаккури дунявӣ дар миёни мардуми ин минтақаҳо ба таври зарурӣ ҷойгоҳ пайдо накардааст. Табиист, ки аз ин вазъият руҳониёни муҳофизакор васеъ истифода мебаранд ва мардумро ба вартаи гумроҳӣ мекашанд. Бинобар ин, давлати дунявӣ ва низоми демократӣ имкони пазириши мардумро новобаста ба дин, мазҳаб, нажод, миллат, ақида, мафкура, андеша ва тафаккур дорад ва муҳимтар аз ҳама, ба ҷомеа шароити интихоби озоди

қабулу тарки андеша ва тавсифу интиқоди мунсифонаи ҳар гуна афкорро фароҳам меоварад.

Бояд ёдовар шуд, ки донишмандон маъмулан, ду модели мутафовити секулоризм ва дунёмадориро матраҳу баррасӣ кардаанд: яке, модели фаронсавӣ ва дигаре, модели англосаксонӣ. Ба ин манзур, модели фаронсавии дунявият тамоюли аз саҳнаи оммавӣ ба мадори фардият кашидани зуҳури мансубияти динии шахс ва ҷудосозии шадиди дин аз давлат хос аст. Баръакси ин, модели англосаксонии дунявият зуҳури тамоюлоти диниро дар фазои оммавии ҷомеа ҳамчун таҳдид ба суботи иҷтимоӣ баррасӣ намекунад ва давлат дар баробари такя ба арзишҳои динӣ дар татбиқи ҷомеапазирии мақсадноки одамон инчунин дар танзими қонунии ин равандҳо фаъолона иштирок менамояд (ниг.: Усмонзода Хайриддин, Фаттоҳзода Саидмурод. Манфиатҳои миллӣ ва исломи сиёсӣ. //Минбари халқ, №13 (1359), 6 апрели соли 2022. С.3).

Ба ин тартиб, вазъи имрӯзаи сиёсӣ ва геосиёсӣ осебпазирии ҷомеаҳои мазҳабӣ ва давлатҳои динӣ-теократиро рӯшан нишон медиҳад. Маҳдудиятҳои фикрӣ, идеологӣ ва илмӣ ин ҷомеа ва давлатҳоро, ки зери чатри низоми динӣ-мазҳабӣ зиндагӣ мекунанд, дар баробари воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ камзарфият ва осебпазир намудааст. Камзарфиятӣ ва камогаҳии мардум барои гурӯҳҳои муҳофизакор ва фурсатталаб имконият фароҳам меоварад, ки аз эҳсоси динии мардум роҳат истифода баранд ва онҳоро ба бозиҳои бемаънӣ даргир созанд. Нуқтаи заъфи ҷавомеи мазҳабӣ тафаккури баста, суннатӣ ва консервативии онҳост, ки имкони вуҷуд ва ҳузури манфиатҳои миллӣ ва инсониашонро ба сифр баробар мекунад.

Хушбахтона, давлати миллии мо бо такя ба мероси сиёсию фарҳангии гузашта роҳи давлатдории дунявиро интихоб

карда, дар ин масир қадам бармедорад. Муҳимтар аз ҳама, аз ин интихоби дурусту мантиқӣ мардуми тоҷик зараре надидааст, баръакс, тавассути ин низоми сиёсӣ ба масири тозаи зиндагӣ гом бардошта, ба сӯйи ояндаи неку дурахшон ҳаракат мекунад. Ба сухани дигар, тафаккури дунявӣ, ки дар низоми давлатдории дунявӣ рушд мекунад, тафаккури кушоду боз аст ва он ба ҳар навъ андеша ва мафкура эҳтиром мегузорад, вале таҳмили андеша ва фишори ақидатиро қабул надорад. Дар тасаввури инсони дунявӣ ин дунё арсаи зиндагӣ ва фаъолиятҳои инсон, новобаста аз тааллуқоти ақидатӣ, идеологӣ ва динӣ-мазҳабӣ мебошад. Низоми сиёсии давлати дунявӣ бар баробарӣ ва тавозуни инсонҳо дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, фикрӣ, иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ, моддию маънавӣ асос ёфтааст. Вале ин маънои онро надорад, ки дунёмадорон (манзур раҳбарияти низоми давлатдории дунявӣ аст), беҳудуд ба ҳама чиз имтиёз доранд. Онҳо дар асоси қонунмандӣ ва меъёру принсипҳои инсонӣ, барои пайравони тамоми адёну мазоҳиб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ақидаву мафкура ба таври баробар шароити ибодат, фароғату истироҳат ва шуғлу таҳсил таҳия мекунанд ва ба ин васила муҳиту фазои солими ҳамкорӣ ва ҳамзистиро дар байни табақаҳои иҷтимоӣ, ақаллиятҳои миллӣ-этникӣ, бовармандони динӣ ва ҳаводорони созмонҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоваранд.

Дар низоми давлатдории дунявӣ майдони густариши дониш ва хиради инсонӣ тавсеа меёбад, то афроди ҷомеа ба масоили фикрӣ, сиёсӣ, ақидатӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ мунсифона бархурд карда тавонанд. Ҳар қадар дар ҷомеа тафаккури дунявӣ реша давонад, ҳамон қадар раванди озодии виҷдону ақида таҳкиму тақвият меёбад. Ҳадафи ниҳоӣ ва стратегӣ дар низоми давлатсозии дунявӣ, ки дар қолаби асотири бостонии миллӣ рехта шудааст, раҳонидани инсон ва дар маҷмӯъ, ҷомеа аз бунбасти ҷаҳолату хурофот

мебошад. Давлат бо такя ба неруҳои фикрию маданӣ барои зиндагии арзандаю шоиста шароити мусоид фароҳам меоварад ва дар заминаи саводнок кардани мардум барномарезиҳои мушаххасро пиёда месозад. Ҳамкории мунтазами давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва фаъолони маданӣ, ки дар низоми давлатдории дунявӣ як амри маъмулӣ маҳсуб меёбад, боиси ҳалли муаммо ва мушкилоти мавҷуда мегардад.

Аз сӯйи дигар, дониш ва хиради ҷамъӣ асос ва пояи давлатдории дунявиро ташкил медиҳад ва ҷомеае, ки дар сатҳи баланди фикрӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ қарор дорад, ҷомеаи секулорӣ ва хирадмеҳвар аст. Ин аст, ки собиқа ва таҷрибаи таърихии сохтмони давлати дунявиро доштем ва корбасти эҷодкоронаи бовардовариҳои бостонии миллӣ дар ҷараёни давлатсозии дунявии тоҷикӣ муҳим ва тақозои замон аст.

Мунтаҳо, Истиқлоли давлатӣ, пеш аз ҳама, шароити мусоиди таърихӣ барои татбиқи барномарезиҳои давлатӣ дар ростои манофеи миллиро фароҳам меоварад ва дар садри феҳристи манофеи миллӣ забону фарҳангу тамаддуни миллӣ қарор мегирад. Ба ин маъно, давлати миллӣ ва ниҳодҳои марбутаи давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандию фаъолони маданӣ дар пайи мустаҳкам кардани пояҳои давлатдорӣ, таҳкими манофеи миллӣ ва муаррифии шоиставу боистаи мероси арзишманди аҷдодӣ гомҳои устувор бармедорад. Дар ин замина, раҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Сарвари давлат-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ростои ҳифзу эҳёи асолати фарҳангӣ ва суннату анъаноти неки ниёкон, ки бар мабнои қаламрави тамаддунии Ориёӣ ва шукӯҳи фарҳанги оламшумули Наврӯзӣ шакл гирифтаанд, тадбирҳои судманд

андешида, роҳро барои расидан ба марҳилаи навини давлатсозии миллӣ ҳамвор намудаанд.

Аз сӯйи дигар, силсиламушкилоти имрӯзӣ, аз ҷумла: шароити муосири печидагиҳои сиёсӣ-мафкуравӣ; бархурдҳои шадиди тамаддунӣ; саҳнасозиҳои геополитикӣ; ҳузуру нуфузи фарҳанги бегона дар фазои миллӣ; таҳоҷумоти мафкуравию фарҳангӣ; ташаннуҷи бегонапарастию худбохтагию беҳувиятӣ дар баданаҳои иҷтимоию мадании ҷумҳурӣ; тасаллут пайдо кардани хирадситизию ҷаҳолатписандӣ миёни наслҳои наврасу ҷавони ҷомеаи тоҷикӣ ва бурузи бухронҳои фикрию ҳувиятӣ, ки ғолибан дар қолиби пружа-барномаҳои сиёсӣ-мафкуравӣ зуҳур мекунанд, аз мо тақозо мекунанд, ки беш аз пеш бедору ҳушёру зирак бошем ва дар баробари таҳдиду хатарҳои имрӯзӣ сахт муқовимат намоем. Муҳимтар аз ҳама, кайфияту чигунагии муқовимати мо, пеш аз ҳама, ба қудрати сиёсӣ-мафкуравӣ, тавонмандии илмию эҷодӣ, қуввати баданаи ҳувиятӣ ва сатҳи иммунитет-масунияти фикрию зеҳнӣ бастагӣ дорад. Ҳар қадар миллат худогоҳу худшиносу ҳувиятмадор бошад, ҳамон қадар имкони муборизаву муқовимат бо таҳдиду хатарҳои минтақавию глобалӣ зиёдтар даст медиҳад. Ва баръакс, ҳар қадар миллат, ба лиҳози фикрию ҳувиятӣ заиф бошад, ҳамон қадар осебпазиртар гардида, саҳлу осон ба доми фарҳанги бегона ва саранҷом сиёсати аҷнабӣ меафтад. Аз ин ҷост, ки бегонасолорӣ, хурофадоварӣ, танаффуру бадбинӣ ба фарҳанги миллӣ ё ба истилоҳ, миллатситезӣ аз ҷумлаи барномарезиҳоеанд, ки тайи даҳ-понздаҳ соли ахир, бар асари бетаваҷҷуҳию саҳлангорию фориғболию бетарафии мо дар доираи пружаҳои ҳадафноки хориҷӣ ва бо истифода аз нуфузи решадори руҳониёни мутаассиби минтақавӣ амалӣ гардида истодаанд.

Хушбахтона, Сарвари давлат аз тариқи ибтикороту ташаббусоти арзанда алайҳи ҷараёни фарогири бегонашавию

бегонаситезӣ мубориза мебаранд ва дар заминаи боло бурдани сатҳи худогоҳию худшиносии миллӣ, таҳкими хотираи таърихӣ ва тақвияти ҳувияти тоҷикӣ иқдомоти сазоворе рӯйи даст гирифтаву мегиранд. Таҷлили бошукӯҳи 2700–солагии китоби муқаддаси “Авесто” (дар сентябри соли 2001), 1100-солагии давлатдории Сомониён (соли 1999) ва Соли бузургдошти тамаддуни Ориёӣ (дар соли 2006), таъсиси Боғи Куруши Кабир ва соири ибтикороти давлатӣ дар ростои арҷгузорӣ ба шахсиятҳои номовари сиёсию давлатӣ ва таҷаммули фарҳангу тамаддуни бостонии форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи иқдомоти саривақтию зарурии миллии шахси Сарвари давлат маҳсуб мешаванд. Яке аз иқдомоти шоистаю боистаи ахирии Сарвари давлат пешниҳодоти таъсиси Конуни тамаддуни Ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе мебошад, ки ахиран дар доираи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.

Ҷолиб ин аст, ки пешниҳодоти Сарвари давлати Тоҷикистон дар заминаи таъсиси Конуни тамаддуни Ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16-уми декабри соли 2025) маншаъ мегиранд, бори дигар моро муваззаф месозанд, ки дар самти эҳёву муаррифии шоиставу боистаи суннату ойину маросиму бовару ормонҳои бостонии миллӣ, ки ҳастаи фарҳангу тамаддуни Ориёиро ташкил медиҳанд, ҳадафмандона талош намуда, ҷиҳати таҳкиму тақвияти давлатдории миллӣ-дунявӣ иқдомоти зарурӣ рӯйи даст бигирем.

**Зебониссо ЗИЁЕВА,**
ходими калони илмии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ

## ДИДИ ЗЕБОИШИНОСИИ ФОРОБӢ ВА ПУРИ СИНО

Абунаср Муҳаммад бинни Муҳаммади Форобӣ (873-950) яке аз саромадони ҳикмати машшоии давраи тасаллути ислом маҳсуб мешавад. Вай дар соҳаҳои гуногуни илми замонаш дасти қавӣ дошт ва осори зиёде чун «Шарҳи мантиқи Арасту», рисолаҳое дар ахлоқ, сиёсат, тарбият, дин, риёзиёт, табииёт, мусиқӣ, таърихи табақабандии улум, омӯзиши артиш ва ғайра ба ёдгор мондааст. Бинобар ҳамин вусъати фарогир ва шабоҳаташ ба Арасту буд, ки ӯро Муаллими сонӣ (дуюм) лақаб додаанд. Бисёре аз осораш дар қарнҳои минбаъда ба ибораи лотинӣ тарҷима шудааст.

Форобӣ асарҳои зиёди фалсафӣ низ таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон -«Эҳсо-ул-улум», «Мақола фи маъонӣ ул-ақл», «Китоб-ул-ҷамъ байна-л-ҳакиматайни-Афлотун-ул-Илоҳӣ ва Аристотолис», «Китобу орои аҳли-л-мадинат-ил-фозила», «Китоб-ут-танбеҳ, ало сабили-с-саода», «Китоб ул-сиёсати-л-мадания», «Китобу фусул-ул-маданӣ» мебошанд. Дар осораш назари машҳуртарин файласуфон – Демокрит, Афлотун, Арасту, Буқрот, Флутин, Фурфуриус, Уқлидус, Батлимусро тафсиру ташреҳ кардааст. Ӯ вобаста ба масъалаҳои онтология, гносеология, фалсафаи табиат, ҷамъиятшиносӣ, эстетика ва этика андешаҳои арзишманд пешниҳод кардааст.

Абӯнасри Форобӣ (870-950) намояндаи арастуияи шарқӣ (бо номи машшоия машҳур аст), шореҳи Арасту ва Афлотун. Ба андешаи ӯ, зебоии ҳама предметҳо дар татбиқшавии комили вуҷуди он ва камолоти ҳадди аксари он мебошад. Дар инсон зебоии зоҳирӣ (ба андешаи ӯ, зебоии табиӣ аз зебоие, ки ба воситаи зебу зиннат додан ба даст оварда шудааст, болотар аст) ва зебоии ботинӣ иборат аст, ки дар рафтори ахлоқи олӣ ва инкишофи ҳамоҳанги шахсият "адаб" зоҳир мегардад. Форобӣ санъатро ҳамчун "тақлид" мавриди баррасӣ қарор медод, ки ҳадафи он бедор гардонидани эҳсосот ва тахаюлот мебошад. Ба фазли тахаюлоти эҷодии худ, рассом дар образҳои алоҳида ғояҳои умумиро таҷассум мекунад. Шеърият ва санъати калом (риторика) дар доираи мантиқ баррасӣ мешаванд: суханҳои шоирона "мутлақо дурӯғ", риторикӣ "асосан дурӯғ" ва диалектикӣ бошанд, "асосан ҳақ" мебошанд.

Гуногунии савти инсон назар ба савти мусиқии асбобҳо дорои қудрат ва ҷаззобияти махсус мебошад. "Фанни шеър"-и Арастуро Форобӣ, Сино ва ал-Киндӣ шарҳ додаанд.

Ғояи дурӯғи мутлақ будани ашъор бо он шарҳ дода мешуд, ки онҳо ба шуури шунаванда он чиро намерасонанд, ки "дар бораи он сухан меравад", балки образеро мерасонанд, ки комилан маҳсули тахайюлот мебошанд. Форобӣ мундариҷаи "Фанни шеър"-и Арастуро шарҳ дода, таснифоти илмҳо ва таърифҳои назми юнониёнии худашро пешниҳод намудааст.

Форобӣ илми мусиқиро ба амалияи мусиқӣ, ки бо иҷрои вокалӣ ва инстументалӣ алоқаманд мебошад ва назарияи мусиқӣ, ки мусиқиро новобаста аз иҷроиши он мавриди омӯзиш қарор медод, тақсим мекунад. Аз назари сохтори оҳанг ҳамоҳангӣ ва ритм ба таври махсус таъкид шудаанд. Форобӣ ҳамчунин мафҳуми "мимикаи ритмӣ"-ро ворид намудааст, ки на ба овоз, балки ба фикри ҳаракатҳои мавзуни

раққос тобеъ буда, ваҳми савтҳоро ба миён меоварад. Форобӣ афкори зебоишиносии худро дар китобҳои “Муҳокимаҳо дар бораи санъати шеър”, “Китобу-л-мусиқии ал-кабир”, “Санъати калом (Риторика)”, “Китоби мусиқӣ”, “Китобу эҳсоу-л-иқоъ (ритмҳо)”,”Китоби фи-н-нақлати” ва “Ал-калому фи-л-мусиқӣ”, “Китобу-л-таснифу-л-улум” ва ғ. инкишоф додааст.

Ба андешаи Форобӣ, амалҳои зишт ва зебо вобаста ба хулқи инсон содир шуда, заминаи омезиши ахлоқ ва зебоишиносиро ба вуҷуд меоваранд. Зебоӣ, аз нигоҳи Форобӣ, ҳам дар кайҳон ва ҳам дар инсон вуҷуд дошта, беҳтарин зебоӣ рафтори зебо мебошад. Фазилатҳои зебову зишт дар инсон дар ҳоли билқувва нуҳуфтаанд, яъне онҳо на ба таври табиӣ, балки дар натиҷаи тарбия ба вуҷуд омада, ба воқеият табдил меёбанд. Хислатҳои зебо дар раванди такрор шудани онҳо ба одат табдил ёфта, минбаъд ба шарофати он, инсон соҳиби хулқи зебо мегардад. Тарбияи ахлоқ дар ҳар гуна санъату ҳунар мисли машқу тамрин барои камолот зарур мебошад. Масалан, инсон бо воситаи машқ кардан ва одати доимии навиштан ба дараҷаи баланди ҳунари хаттотӣ мерасад. Аз ин рӯ, ҳокимони мадинаи фозила мардумро бо воситаи такрори доимӣ ба рафтори зебо одат мекунониданд. Дар маркази рафтори хуби ахлоқӣ ва рафтори зебо эҳсоси андоза вуҷуд дорад. Масалан, саломатӣ – натиҷаи нигоҳдории меъёр аст. Нигоҳдории андоза ва ҳамоҳангӣ, асоси мавҷудияти зебоиро ташкил медиҳад. Вайрон шудани он нишонаи пастии ахлоқ ва рафтори зишт аст. Масалан, агар андозаи ҷасорат нигоҳ дошта нашавад, он ба зиддҳои худ табдил меёбад: аз як тараф, ба беақлӣ ва аз тарафи дигар, ба тарсӯӣ. Саховат ва дигар арзишҳои ахлоқӣ низ айнан чунинанд.

Инсон дар санъату ҳунар чанд ҳадафро пайгирӣ мекунад: гуворо, фоидаовар ва зебо будан. Донистани ҳақиқат ва пайдо

кардани донишҳои бунёдӣ ҳунари аз ҳама зебо аст, ки дорои ҳадафи зебо мебошад. Амале, ки ҳадафаш дарёфти зебоӣ аст, фалсафа ё ҳикмат ном дорад. Фалсафа аз қисмати назарӣ ва амалӣ иборат буда, қисмати дуввум, роҳҳои татбиқи зебоиро нишон медиҳад.

Дар таърихи илм Форобиро ҳамчун асосгузори илми мусиқии ҷаҳони ислом мешиносанд. Ба андешаи ӯ, мусиқӣ баёнгари ҳолатҳои рӯҳӣ ё равонии инсон аст. Ӯ зарбҳои мусиқиро натиҷаи эҳсоси зебоипарастии инсон мешуморид, ҳарчанд ки заминаҳои мусиқӣ дар муҳит, кайҳон ба шакли зарб, иваз шудани ҳолатҳои табиат, ҳаракати низоми кайҳонӣ ва ғ. ба мушоҳида мерасад.

Форобӣ ба воситаи осори худ чанд ҷиҳати зебоишиносиро мавриди муҳокима қарор додааст: дар фалсафа (ҳадаф дарки ҳамоҳангии ҳастӣ дар кайҳон), дар ахлоқ (зебоӣ – ин ҳадди охирини саодати инсонист) ва дар сиёсат (зебоӣ дар ҳамоҳангии муносибатҳои ҳаётии муҳими одамон) ифода меёбад.

Дар осори Форобӣ масоили зиёде, аз қабили алҳон чист? Мусиқӣ чист? Чӣ гуна мусиқӣ дар инсон таъсир мерасонад? Меъёри зебоӣ чист? Дар кадом асос бунёд меёбад? Мусиқии инсон ва тафоввути он аз мусиқии табиат ва ғ. баррасӣ шудаанд.

Ибни Сино (980-1037) низ аз намояндагони мактаби арастуияи шарқӣ буда, ҳамчун табиб ва донишманди сатҳи доиратулмаорифӣ машҳур аст. Афкори фалсафӣ, зебоишиносии ӯ то андозаи муайяне идомаи таълимотест, ки Форобӣ бо онҳо машғул будааст. Хосияти лаззате, ки аз мусиқӣ ба вуҷуд меояд, ба андешаи ӯ, натиҷаи дар замон ба таври пайдарпайии лаҳнҳо тавсеа ёфтани ҳамоҳангӣ мебошад. Агар дар миёни объектҳои идроки ҳиссӣ чунин бошад, ки эҳсоси марғуб ва ғайримарғубро чӣ аз рӯи табиат ва чӣ аз рӯи

шиддаташон ба вуҷуд оваранд, пас дар овози мусиқӣ чизе вуҷуд надорад, ки аз рӯи табиат нек ё бад бошад, на аз рӯи худи оҳанг, балки аз тарзи навохтани он бар меояд. Пайдошавии мусиқиро ӯ тибқи ғановати сухани инсонӣ, ки масалан, дар паст кардани савт - ҳангоми дурӯғгӯй, босуръат ва саросема баровардани савт - ҳангоми таҳдид ва ё нишон додани тавозӯъ. Баланду паст шудани савт, ки дорои арзиши мустақил аст, ба андешаи Сино, сабаби тимсол (намуна)-и санъати мусиқӣ гаштаанд, ки дар натиҷаи "тақлид" бар кайфияти инсонӣ офарида шудаанд.

Ибни Сино асари махсусе дар бораи зебоишиносӣ надорад, аммо андешаҳои зебоишиносии худро дар фасли риёзиёт (таълимоти мусиқӣ) ва табииёт (таълимот дар бораи санъати калом ва шеър) дар "Китобу-ш-шифо", "Донишнома", "Ишорот ва танбеҳот", "Рисола андар ишқ" ва ғ. баён намудааст. Доираи андешаҳои зебоишиносии Сино жанрҳои санъати мусиқӣ, шеърӣ, адабиёт, рассомӣ, риторикаро дар бар мегиранд, ки асосан зери таъсири андешаҳои Арасту ва Афлотун инкишоф ёфтаанд.

Аз назари ӯ, зебоӣ чизест мутлақ ва тағйирнопазир: "зебоӣ барои ҳама ва ҳамеша". Аз назари ӯ, зебоӣ ҷавҳари фавқулҳиссӣ, як навъ мафкураест, ки на бо ҳис, балки бо ақл дарк мешавад. Ӯ зебоиро аз мафҳумҳои "ҳақиқат" ва "некӣ"(хайр) ҷудо накарда, дар ягонагӣ баррасӣ менамояд. "Зебоӣ", ба андешаи ӯ, бе хайр ва ҳақиқат комил шудан наметавонад.

Ҷаҳонбинии инсон, ба андешаи Сино, мустақиман аз табиати ақлонӣ ва ахлоқии инсон, бармеоянд. Бесабаб нест, ки доираи ҳамаи фазилатҳоро маҳз ақл, ҳӯш ва ҳадс (интуитсия) оро медиҳанд, ки ба туфайли онҳо инсон комилтарин ва аз ҳама имтиёзноктарин мавҷудоти табиат маҳсуб меёбад. Ҳаёти инсон, ба андешаи ӯ, хушзот, беҳтар ва накӯтар мегардад. Ин

фазилатҳо чун асоси шаҳомат ва тавоноӣ хизмат намуда, дар баробари тарбияи хуб, ахлоқи накӯ ва маншаи камолот, манбаи зебоӣ, фатонат ва латофати инсон мебошанд. Ӯ фармудааст: “Худованди қодири мутаъол хасоис ва неъматҳои худро ба бани инсон ихтисос дода ва сабаби онҳо мақоми одамиро дар миёни коинот аз бисёре аз махлуқоташ бартару болотар намудааст. Дар асари ин имтиёзу бартарӣ вуҷуди башар зеботарин махлуқ шуда ва табиаташ комилтарини табоеъ гашта ва таркибаш муътадилтарин таркиб шудааст”.

Дар ғояи зебоӣ ва ишқи Ибни Сино ҷанбаҳои ҳастӣ (онтология), маърифатӣ (гносеология) ва арзишӣ (аксиология) бо ҳам синтез шудаанд.  Зуҳуроти олии зебоиро, ба андешаи Сино, ишқ ба вуҷуд меоварад. Аз нигоҳи ӯ, кулли мавҷудоти зинда ва ғайризиндаи олами зери қамар ва ухравӣ, гирифтори ишқ аст. Пас, ҳамаи онҳо бо зебоӣ таҷаллӣ шуда, ба зебоӣ майлу рағбат пайдо мекунанд.

Инсон симои зеборо на аз баҳри лаззати ҳайвонӣ, балки баҳри иртифоъ ва васл ба хайри олӣ дӯст медорад. Инсон сафои ишқро эҳсос намуда, хушзотӣ, ҷавонӣ ва зебоӣ насибаш мегардад. Ҳама чизе, ки дорои қомати рост, мавзун ва мутаносиб аст, дар инсон зебоиро бедор мекунад. Сино дар инсон на танҳо мавҷуди табиӣ, балки шахсияти комил, хушахлоқ ва дорои маънавиётро медид.

Дар силсилаи арзишҳо Сино ишқро ба чунин мақоме бардошт, ки он ҷавҳари фарогири фазои кайҳонӣ гашта, кулли ҳастӣ - аз ашёи оддитарини табиӣ, то олитарин ташкилаҳои маънавии онро фаро мегирифт.

НАВРӮЗИ БОСТОНӢ ВА МАОРИФПАРВАРИИ МИЛЛӢ

**Башир АЗИЗӢ**
*пажуҳишгари ИФСХ ба номи А. Баҳоваддинов АМИТ*

## ПАЁМИ УМЕДОФАРИН ВА ЗАРУРАТИ БОЗШИНОСИИ ОЙИНИ НАВРӮЗӢ

Имсол Наврӯз дар Тоҷикистон бо ҳолу ҳавои умедофарине таҷлил мегардад, гӯйӣ Наврӯз дар ин гӯшае аз сарзаминҳои хостгоҳи хеш иқболи баландтаре ёфтааст ва бо паёме тоза дар даст хотири наврӯздӯстон ва ситоишгарони табиатро шод месозад.

Ин паёми тоза ва умедбахш, тарҳи бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе аст, ки дар Паёми торихии Бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Раисҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 16 декабри соли 2025 дар дастури кори мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои илмию фарҳангии Тоҷикистон қарор гирифт. Дар Паём чунин таъкид гардидааст, ки: "Бо дарназардошти фалсафа ва ҳикмати ҷовидони Наврӯз, суннат ва анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи он барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд гардад". Ин гоми расмӣ барои бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар қалби Тоҷикистонро метавон ҳамчун дувумин ҳодисаи бузург дар торихи муосири арҷгузории Наврӯз, пас аз ҳодисаи ба расмият шинохтани Наврӯз дар Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аз 21 марти соли 2010 ба ҳайси Рӯзи ҷаҳонӣ ва муносибати байналмилалӣ, баршумурд.

**Пайванди Наврӯз бо тамаддуни башарӣ.** Аммо суоле, ки метавонад матраҳ шавад, ин аст, ки ойини Наврӯзиро бо мероси тамаддуни башарӣ чӣ пайвандест? Ба иборати дигар, чӣ арзиш ва ҳикмате дар мероси Наврӯзӣ нуҳуфтааст, ки сазовори чунин ҷойгоҳи арҷманде дар торихи башарӣ гардидааст? Барои дарк ва дарёфти ин пайванд, ногузир бояд ба гузаштаҳои бисёр дур назар андохт, ба роҳпаймоии бисёр тулонии башар ва ин ки инсонҳои аввалӣ то дастёбӣ ба ҷойгоҳи инсони мутамаддин чӣ гомҳоеро бардоштаанд?

Донишмандон дар торихи башарӣ ба таври кул се марҳилаи асосиро тафкик мекунанд: якум, марҳилаи ҳаёти бадавӣ; дувум, марҳилаи ҷомеаи кишоварзӣ; севум, марҳилаи ҷомеаи саноатӣ. Марҳилаи аввалӣ ё ҷомеаи бадавиро ба номи марҳилаи пешотамаддунӣ ва дур аз марҳилаи баъдӣ, яъне ҷавомеи кишоварзию саноатиро даврони тамаддуни инсонӣ мешиносанд (ниг.: Геллнер, Эрнест. Говоҳан, шамшер ва китоб. -Чикаго: Донишгоҳи Чикаго, 1989. -288 с. -С.16). Бинобар шавоҳиди генетикӣ, полеонтолоҷӣ ва бостоншиносӣ, ниёкони мо (ҳомосапиенс) ҳудуди дусад то чаҳорсад ҳазор сол қабл дар Африқо ҳамчун мавҷудоти беаҳаммият дар канори дигар ҳайвонот ба ҷамъоварии ғизо ва шикор саргарм буданд. Ҳудуди ҳафтод ҳазор сол қабл аз Африқо ба қораҳои дигар шуруъ ба муҳоҷират намуданд ва нахуст ба Осиё по гузоштанд. Аммо фақат <u>ҳудуди даҳ ҳазор сол пеш дар Осиё ҳунари кишоварзиро омӯхтанд</u>. Нуктаи чашмгир ин аст, ки ин давраи охири даҳҳазорсола дар муқоиса бо садҳо ҳазор сол даврони пешомудерн, замони бисёр кӯтоҳест. Ба иборai дигар, ниёкони мо мутамаддин шуданро фақат ҳудуди даҳ ҳазор сол пеш омӯхтанд. Ба қавли муаррих, фарҳангшиноси машҳури амрикоӣ ва муаллифи китоби “Торихи тамаддун” Вил Дуронт, “<u>Нахустин қадам дар роҳи тамаддун кишоварзӣ аст ва фақат ҳангоме ки инсон дар сарзамине, ба қасди</u>

кишоварзӣ дар он ва захира кардани ғизо барои рӯзи мабодои худ, мустақар шавад ва ояндаи худро таъмин кунад, фароғи хотир ва эҳтиёҷи мутамаддин шуданро эҳсос кард" (ниг.: Дуронт, Вил. Торихи тамаддун. -Ҷилди аввал. Фасли аввал. -Теҳрон, 1367. -С.4). Аммо ниёкони мо пеш аз кашфи кишоварзӣ, дар муддати ин садҳо ҳазор соли ҳаёт чӣ ҷойгоҳ ва мақомеро дар рӯйи замин доштанд? Ва чӣ чизеро метавон ба яқин дар бораи онҳо гуфт? Дар ин робита суханони муаррихи саршинос ва муосир Ноаҳ Ҳарарӣ қобили тааммул аст, махсусан, замоне ки ба ин ҳақиқат ишора мекунад, ки: "Боаҳаммият"-тарин чизеро, ки бояд дар бораи инсонҳои моқабли торих донист, ин аст, ки онҳо мавҷудоти бисёр "беаҳаммият" будаанд. Вуҷуди ниёкони мо дар кураи замин аз кирмҳо, моҳиҳо, ҳашараҳо ва парандагон тафовути чандоне надошт" (ниг.: Суҳбати телевизионии Ноаҳ Ҳарарӣ дар барномаи "TED" таҳти унвони "Чаро башар ҷаҳонро идора мекунад?". Ландан, июни соли 2015. Суҳбати телевизионии мазкурро дар шабакаи YouTube таҳти унвони "Why humans run world" метавонед бибинед).

Бале, ниёкони пешини мо дар тули садҳо ҳазор сол, пеш аз кашфи ҳунари кишоварзӣ мавҷудоти пешипоуфтодае дар кураи Замин буданд ва қодир набуданд, то аз ҳаёти ҷонварӣ фосила гиранд. Шикор ва ҷамъоварии ғизо пешаи аслӣ ва муштараки онон бо дигар ҳайвонот буд ва маҷол намеёфтанд, то аз марзе, ки ду оламе -- барбарият ва тамаддунро ҷудо месозад, гузор кунанд, то он ки кашфи ҳунари кишоварзӣ даричаи наверо ба рӯйи навъи инсон дар роҳи мутамаддин шудан гушуд. Ин гоми зафарманд, аҷдоди моро ба ҷодаи тамаддун раҳнамун сохт, ки баъдҳо бо кашфи ҳунари хатнависӣ ва сипас бо гомҳои устувортаре дар роҳи инқилоби илмӣ гузошт, ки саранҷом бо бароҳандозии инқилоби саноатӣ кори эъмори кохи тамаддунро ба гунаи бесобиқае тасреъ

бахшид. Сарзамини Ирони куҳан, дар канори Байнаннаҳрайн ва Миср аз марокизи пешқадами ривоҷи кишт дар Осиё буд, ки шоҳиди чунин гузори таърихӣ низ будааст.

Кашфи кишоварзӣ ба унвони падидаи тамаддунсоз, нуқтаи атфе дар торихи башар аст, ки паёмадҳои сарнавиштсозро ба ҳамроҳ доштааст. Дар ин ҷо бархе аз паёмадҳои тамаддунсозро бармешумарем:

1.Кашфи кишоварзӣ муҷиби он гардид, то ниёкони мо аз мавҷудоти сирфан масрафкунанда ба мавҷудоти тавлидкунанда гузор кунанд ва тавонистанд, аз мавҷудоти сирфан зистӣ ба мавҷудоти културӣ мубаддал гарданд, ки бо ин гузори торихӣ инсонҳо роҳи худро барои ҳамеша аз ҳайвоноти дигар ҷудо сохт.

2.Ривоҷи кишт ин имконро фароҳам овард, то инсонҳо битавонанд дар як макони собит дар рӯйи замин як ҷонишин шаванд, ки дар натиҷа соҳиби одрес ва ҳувият шуданд.

3.Такрори кишт ва таҷрубаи ҷамъоварии ҳосилот дар фасл ва замони муайян ба ниёкони мо омӯхт, то замонро бишносанд ва торих биофаринанд ва молики тақвим гарданд.

4.Инсонҳо бо ҳунари кишоварзӣ дар коллективҳои бузургтаре бо ҳам дасти ҳамкорӣ доданд ва ин ҳамкорӣ тавоноии ононро дар муқоиса бо дигар ҳайвонот ба гунаи чашмгире афзоиш дод. Миёни онон тақсими кор сурат гирифт, бархеҳо ба умури амниятӣ гумошта шуданд ва бархе ба идора ва раҳбарии созмонҳои ибтидоии давлатӣ пардохтанд. Қарияҳо тавсеъа ёфт ва бо зуҳури шаҳрҳо, тиҷорат равнақ гирифт. Табақоти ҷадид ба вуҷуд омад ва нухбагон ва дигар ақшори ҷомеа тавонистанд ба тафаккур ва умури маънавӣ бипардозанд.

Албатта, ин чунин дастовардҳо масири зиндагии башарро саранҷом ба сӯйи ҷомеаи санъатии имрӯз ҳамвор сохт ва дар ниҳоят, инсонро аз мавҷудоти пешипоуфтодаи дирӯз, акнун

дар ҷойгоҳи идоракунанда ва қудратмандтарин мавҷуд дар кураи замин қарор дод. Ниёкони мо ба поси аҳаммияти тамаддунофарини кишт, онро гиромӣ доштанд ва Наврӯзи хушойинро офариданд. Ин ойини тамаддунсоз ҳамчу мероси маънавӣ кавкаби ҳидояте шуд, то чашму дили ворисони ин фарҳанг, дигар на ба сӯйи осмон, балки ба ҳамин замини неъматофарин дӯхта шавад ва то пайвандашонро бо замин ва табиат пойдортар созанд. Ин чунин пайванд ва наздикӣ бо табиат бо гузашти замон ба навъе ҷаҳонбинӣ табдил гардид, то ворисони ин фарҳанг, саодати лаби кишт ва оби токи ҳамин хокро ба ҳеҷ ваъдае нафурӯшанд ва ба қавли Хайём: "Ин нақд бигир, даст аз он нася бидор". Бад-ин тартиб, ситоиш ва арҷгузории Наврӯз дар руҳи ҷомеаи мо нуфуз ёфт, ки бозтоби онро метавон, бавежа дар мероси адабӣ ва шеърии фарҳанги мо ба равшанӣ дарёфт.

**Кинаварзиҳо бо Наврӯзӣ.** Бо ин ки ойини Наврӯӣ чунин мероси бузурги тамаддуниро бар армуғон дорад, аммо на дар ҳама ҷо ва на ҳамеша аз ин ойини тамаддунофарин ба гунаи шоиста пазирой гардидааст. Торих дар қаламрави сарзаминҳои куҳани мо шоҳиди душманиҳо бо ойини Наврӯзӣ будааст. Достони кинаварзӣ бо Наврӯз ба нахустин ҳуҷуми аъроб ба сарзамини мо мерасад. Аммо бо он ки Наврӯз дар қаламрави хилофати Уммавӣ расман ҳаром пиндошта шуд, хулафои араб худ аз нарасидани туҳфаҳои Наврӯзӣ, ки дар сарзамини Хуросон ривоҷ дошт, хушнуд набуданд, зеро бо манъ кардани Наврӯз аз ҳадоёи Наврӯзӣ бенасиб мемонданд, ба ҳамин далел тамоил нишон доданд, то туҳфаҳои Наврӯзиро ҳалол, аммо Наврӯзро ҳаром шуморанд. Мардуми сарзаминҳои ишғолшуда дар Хуросон саъй карданд, бо дарки тамоили шикампарастии хулафои араби он аср ононро ба қабули туҳфаҳои Наврӯзӣ одат диҳанд, то бад-ин васила суннати таҷлили Наврӯз аз дастбурди онон наҷот ёбад.

Бад-ин гуна Наврӯз тавонист, аз баракати хӯйи шикампарастӣ ва моландузии дукондорони дин ба ҳаёти худ идома диҳад.

Яке аз дарсҳое, ки метавон аз торих омӯхт, ин аст, ки кохи тамаддун бо ҳама шукӯҳмандии он метавонад мавриди тороҷи бегонагон бо тамаддун қарор гирад. Бо он ки бегонагон бо ойини Наврӯзӣ, ба гунаи систематик бештарин зарбаро ба ин ойин расонданд, аммо он чи бисёр дарднок аст, он зарбаҳоест, ки худи ворисони ин фарҳанг ба ойини Наврӯзӣ ворид карданд. Яъне, ононе, ки ворисони ҳамин фарҳанг буданд, аммо ба арзишҳои тамаддунофарини он пай набурданд ва бо хидмат ба бегонагон теша ба решаи фарҳанги пурбори ниёкони худ заданд. Ба қавли зиндаёд, доктор Муҳаммадамини Риёҳӣ, "Хилофати арабии Бағдод ва коргузорони он дар Ирон аз Ғазнавиён ва Салҷуқиён ва дигар силсилаҳои тобеи хилофат, ба таври мустамар кӯшида буданд, ки иронӣ торих ва фарҳанг ва иронӣ будани худро фаромӯш кунад. Ин сиёсатончунон реша давонда буд, ки шоир ва нависандагон аз худ бегона шуда буданд. Масалан, ба унвони намуна донишманди мутафаккире мисли Муҳаммади Ғазолӣ дар "Кимиёи саодат"-и худ зимни мункироти бозорҳо чунин мегӯяд: "Аммо... он чи барои Сада ва Наврӯз фурӯшанд, чун сипар ва шамшери чӯбин ва буқи сафолин, ин дар нафси худ ҳаром нест, валекин изҳори шиори габргон аст, ки мухолифи шаръ аст ва аз ин ҷиҳат нашояд. Балки ифрот кардан дар оростани бозор ба сабаби Наврӯз ва қатоифи бисёр кардан ва такаллуфҳои нав сохтан барои Наврӯз нашояд, балки Наврӯз ва Сада бояд ки мундарис шавад ва касе номи он набарад" (ниг.: Ғазолӣ, Муҳаммад. Кимиёи саодат. -Ҷилди аввал. Ба кӯшиши Аҳмади Ором. -Теҳрон, 1333. -С.407). Имом Ғазолӣ дар дарбори Салҷуқиён ҳамчун мутакаллим ва фақеҳи бузурги шофеимазҳаб дар мақоми мударриси аъзами мадрасаи Бағдод -- олитарин минбари тадриси ҷаҳони исломи он асрро дар

ихтиёр дошт ва аз ҳимояти мустақими сиёсии хулафои Бағдод бархурдор буд. Ғазолӣ бо забони фиқҳ, қудрати сиёсии хилофати Бағдод ва дастнишондодагони салҷуқии онҳоро машруият мебахшид ва аз ҳамин ҷойгоҳи мансабӣ, ояндаи ҷаҳони фикрии ислом шакл мегирифт. Ғазолӣ аз чунин ҷойгоҳ фатво дод, то дигар номе аз Наврӯз бурда нашавад ва аз ҳамин мақом дастур медод, то тадриси фалсафа дар мадориси ин сарзамин роҳ наёбад. Ӯ ҳамон касест, ки файласуфони бузурги сарзамини мо Форобӣ ва Синоро такфир мекард. Аммо ин бор ин ҳама ҷафо дар ҳаққи мероси пурарзиши фарҳангии мо сӯгмандона тавассути як ирониюласл – зодаи Туси Хуросон Ғазолӣ сурат мегирад, ки ҳофизаи торихиашро аз даст дода ва мероси фарҳангии чандинҳазорсолаи ёдгори ниёконашро барбод медиҳад, то фарҳанги биёбониро муқаддас шуморад ва дар хидмати бегонагоне қарор мегирад, ки ба номи дин вориди сарзамини ниёкони ӯ гардиданд, то фарҳангашро тороҷ кунанд. Ба қавли Ҳофиз:

*Ман аз бегонагон ҳаргиз наноламм,*
*Ки бо ман ҳар чи кард, он ошно кард.*

Имом Ғазолӣ, бо он ки ирониюласл ва ҳамшаҳрии Фирдавсӣ буд, аммо навиштаҳои ӯ, ба қавли зиндаёд Муҳаммадамини Риёҳӣ, “инъикоси сиёсати хулафои Бағдод ва дастнишондагони Салҷуқии онҳо, ва намунаи тангназарист. Ӯ таваҷҷуҳ накард, ки Наврӯз рабте ба габргон надорад. Ирониён пеш аз ривоҷи дини Зардушт ҳам Наврӯзро ҷашн мегирифтанд, имрӯз ҳам мегиранд, баъд аз мо ҳам хоҳанд гирифт” (ниг.: Риёҳӣ, Муҳаммадамин. Гулгашт дар шеър ва андешаи Ҳофиз. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1358. -С.35).

Ин ки имрӯз, хушбахтона, Наврӯз бо шукӯҳи ҳар чи бештар дар Тоҷикистон таҷлил мегардад, гувоҳи рӯшани суханони торихии зиндаёд Риёҳӣ аст, ки Наврӯз акнун низ ба ҳаёти хеш

идома медиҳад. Бигзор, ин суруд барои ҳамеша дар сарзамини Наврӯзпарвари Тоҷикистон танинандоз бошад, ки:

*То ба гардун сухани Наврӯз аст,*
*Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст!*

**Бори фалсафӣ ва илмии ойини Наврӯзӣ.** Дар фалсафаи ахлоқ як асли асосӣ аст, ки замоне инсонҳо бо ҳам дар робита қарор мегиранд ва метавонанд ба ҳамдигар асар бигзоранд, онгоҳ дар баробари ҳамдигар масъул низ ҳастанд. Аз ин диди фалсафаи ахлоқ, "мо на танҳо дар баробари аъмоли худ масъул ҳастем, балки дар баробари он чиро ки метавонем ҷилавгирӣ кунем, низ масъул ҳастем" (ниг.: Сингер, Питер. Як зиндагии ахлоқӣ. -Нидерланд: "Спектром", 2001. -С.14). Бар мабнои ин принсипи ахлоқӣ, инсонҳо ҳақ надоранд, ки бо замин, ки метавонанд ба он асар бигузоранд, чунон рафтор кунанд, ки зиндагиро барои мардумони дигари бахшҳои кураи замин ва ё наслҳои оянда душвор ва номумкин созанд. Яъне адолати байни наслҳо бояд риоят шавад.

Яке аз фалосифаи бузурги асри равшангарӣ Иммануэл Кант яке аз усули асосии ахлоқиро чунин баён мекунад: "Чунон амал кун, ки қоидаи рафтори ту битавонад ба сурати қонуни ҳамагонӣ дарояд" (ниг.: Кант, И. Бунёди мобаъд-ут-табиаи ахлоқ. Мутарҷим Ҳамид Иноят ва Алӣ Қайсарӣ. -Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1394. -210 с.). Ҳар гоҳ ин асли ахлоқии Кантро дар заминаи муҳити зист ва чигунагии истифода аз заминро татбиқ кунем ва фарз кунем, ки ҳар инсон, дар ҳар кӯҷои кураи замин барои рифоҳи шахсии худ, ҷангалҳоро нобуд созад, хокро фарсоиш диҳад ва ё танаввуи ҳайвонотро барҳам занад, акнун ин гуна рафторро, агар ҳамчу қонуни ҳамагонӣ бисозем, натиҷа чӣ хоҳад шуд?! Онгоҳ ҳамаи ҷангалҳо ва манобеи табиӣ аз миён хоҳанд рафт. Пас, наметавон аз он амал қоидаи ҳамагонӣ сохт, чунки шарти бақои зиндагии инсонҳоро аз миён мебарад. Пас, инсон аз

лиҳози бархурди ахлоқӣ бо муҳити зист набояд тавре рафтор кунад, ки асли рафтораш натавонад қонуни ҳамагонӣ шавад. Баръакс, бояд чунон рафтор кунад, то таъсири рафтораш ба идомаи беҳтари ҳаёт барои имрӯз ва наслҳои оянда судманд бошад.

Аммо бархурди илмӣ бо падидаҳо, аз ҷумла масъалаи муҳити зист, аз лиҳози равиш, моҳият ва ҳадаф бисёр мутафовит аз бархурди ахлоқӣ аст. Ҳукми илмӣ бар мабнои мушоҳида, озмоиш, андозагирӣ ва таҷруба метавонад чизеро рад ва ё таъйид кунад. Илм мегӯяд, агар аз замин беш аз ҳад баҳрабардорӣ кунем, чӣ паёмаде хоҳад дошт. Аммо қазовати арзишӣ ва ахлоқӣ намекунад, ки ин кор хуб ва ё бад аст. Аммо ахлоқ мегӯяд, ки инсон дар баробари табиат масъул аст ва ҳақ надорем ва набояд заминро тавре масраф кунем, ки ояндагон зиён бибинанд. Пас, ҳукми илмӣ ҷанбаи тавсифӣ дорад ва фақат ба мо меомӯзад, ки воқеият чунин аст. Масалан, об дар сад дараҷа ба ҷӯш меояд ва ё кураи замин дорои зарфият ва марзҳои муайяну мушаххаси зистӣ аст, ки гузор аз он марзҳо монанди тағйироти иқлимӣ ва ё нобудии танаввуи зистӣ муҷиби барҳам задани шадид ва баргаштнопазир мегардад. Шавоҳиди илмӣ ба мо нишон медиҳанд, ки суръати масрафи инсон бисёр бештар аз суръати бозсозӣ ва тавоноии замин аст. Озмоишҳои илмӣ ба мо меомӯзанд, ки бисёре аз дигаргуниҳо дар муҳити зист, монанди аз миён рафтани анвои ҳайвонот, нобудии ҷангалҳои куҳан, зуб (обшавӣ)-и яххои қутбӣ ва пиряххо, ғайриқобили баргаштанд ва идомаи чунин вазъият бақои насли ояндаро дар хатар меандозад. Биноан, ҳифозати муҳити зист аз диди илмӣ, сарфи назар аз чигунагии бархурди ахлоқию сиёсии мо, ҳамчу шарти пойдории ҳаёт ба рӯйи кураи замин аст. Албатта, дастовардҳои илмӣ метавонад пояи мутмаине барои қазовати ахлоқӣ бошад. Ойини Наврӯзӣ ҳам бори ахлоқӣ ва ҳам такягоҳи илмӣ дорад.

**Наврӯз - пуле миёни дирӯз ва имрӯз**. Ҳадафи мо аз бозшиносии мероси фарҳангӣ барои диди имрӯз ва оянда аст, на ба хотири гузашта. Мо таҷлили Наврӯзро барои ваҳдат ва пайвастагии таърихӣ ҳамчун абзори неруманди шинохти падидаҳои фикрии муосир ва пайванди гузашта бо имрӯз ва оянда ниёз дорем, то насли навро дар рӯзҳои парешонии арзишҳо ва азхудбегонагӣ раҳнамун бошад. Рисолати фарҳангӣ танҳо посдории дастовардҳои гузашта нест, балки нигариши тоза ба он низ аст, то падидаи фарҳангро ба савол мубаддал кунем, камбудҳояшро ошкор созем, зеро ҳамаи ҷиҳоти мероси фарҳангӣ наметавонад барои ҳамеша улгӯ ва дастури наҷотбахши насли имрӯз ва оянда бошад. Дар бисёре аз падидаҳои фарҳангии гузаштаи мо, аносире аз одоти қабила ва хурофа низ ғалаба кардааст, ки бояд онро аз вуҷуди фарҳанг пок созем. Дар ҳамин мабно аст, ки ҷустуҷӯйи рисолат дар ойини Наврӯзӣ барои насли имрӯз, ҳамоно шинохти муҷаддади он ба василаи ҳар фарди насли имрӯз аст, то худ ба гунаи мустақил ба бозшиносии мероси гузашта ҳиммат гуморад. Аммо ин мероси фарҳангӣ барои насли имрӯзӣ чӣ арзише метавонад дошта бошад?

Насли имрӯзӣ беш аз ҳар замоне, паёмадҳои бӯҳрони муҳити зистро мустақиман таҷруба мекунад, паёмадҳои ногуворе, монанди муҳоҷиратҳои ногузирии иқлимӣ, таҳдиди амнияти ғизоӣ, олудагии кураи замин, камбуди оби ошомиданӣ аз масоили меҳварии гуфтумони иҷтимоӣ ва сиёсии асри мо ба шумор меравaнд, ки бо масъалаи адолати иҷтимоӣ ва сулҳи ҷаҳонӣ пайванди мустақим доранд. Ривоҷи кишт ва ойини Наврӯзӣ ба мо омӯхт, ки инсон замоне мутамаддин шуд, ки аз мавҷуди сирф масрафкунанда ба мавҷуди тавлидкунанда ва парваришдиҳандаи масъул мубаддал гардад. Фарҳанги Наврӯз дар маҳор кардани масраф, эҳтиром ба замин ва табиат ва ҳифз ва нигаҳдории

дарозмуддат аз кураи замин бозтоб меёбад. Ойини Наврӯзӣ ба мо омӯхт, ки замин ҳамчун сарчашмаи ҳаёт ва манбаи неъматҳои моддӣ замонати пойдории ҳаёти ҳамагон аст. Биноан, покиза нигоҳ доштани онро вазифаи муқаддас шуморем, то ҳангоми истифода аз манобеи замин ончунон бархурд намоем, ки наслҳои оянда низ битавонанд аз он баҳраманд шаванд. Оийни Наврӯзӣ ба мо ахлоқи посдории масъулона ва зисти боҳамӣ бо дигар бошандагони кураи заминро меомӯзад. Пас, ойини Наврӯзиро бояд ба донишкадаи маърифат ва посдорӣ аз табиат ва шод зистан дар кураи замин мубаддал созем, то Наврӯз дигар на танҳо ҳамчун мероси фарҳангии мардумони ҳавзаи муайян, балки ба омӯзаи ҳамзистии муштарак шиносоӣ гардад.

**Сухани поёнӣ.** Наврӯз аз он ойинномаҳоест, ки ифтихори зоиши тамаддунро дар оғуш нуҳуфта дорад. Арзишҳои тамаддунофарини Наврӯз на танҳо ёдгори мардумони ҳавзаи фарҳангии хос аст, балки мероси тамаддуни башарӣ ба шумор меравад, ки акнун шиносномаи байналмилалӣ низ дорад. Наврӯз дорои торихи пур аз фарозу фурӯд аст, ки аз он на дар ҳама ҷо ва ҳамеша ба гунаи яксон истиқбол гардидааст. Паёми бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар Тоҷикистон гоми умедофарине дар роҳи арҷгузории шоиста ва бозшиносии Наврӯз дар замони мо ба шумор меравад, ки метавонад заминаи бозшиносии ин мероси тамаддуниро дар миқёси густурдатаре фароҳам намояд. Ойини Наврӯзӣ ба мо меомӯзад, ки инсони мутамаддин касест, ки танҳо масрафкунанда дар рӯйи замин набошад, балки ҳамчун тавлидкунандаи масъул, заминро дӯст дошта бошад, онро парвариш диҳад ва аз он пайваста мувозибат намояд, то кураи замин на танҳо барои зистани имрӯз, балки хонаи амне барои наслҳои оянда низ бошад.

Бояд ба хотир дошт, ки мо молики мутлақи замин нестем, балки амонатдори масъули он ҳастем. Кураи замин пеш аз мо вуҷуд дошта ва пас аз мо ҳам вуҷуд хоҳад дошт. Мо ҳанӯз охирин насли сокинони замин нестем ва аз лиҳози ахлоқӣ ҳақ надорем ба гунае аз манобеи замин баҳра гирем, то насли оянда қурбонии ниёзмандиҳои рӯзмарраи мо гарданд. Тахриб ва бархурди ғайримасъулона дар баробари замин ва муҳити зист бар хилофи ойини Наврӯзӣ ва бархурди ғайриахлоқӣ ва бар хилофи ёфтаҳои илмӣ ва низ беадолатии ошкор дар баробари насли имрӯз ва оянда аст. Омӯзаҳои ойини Наврӯзӣ бо усули ахлоқӣ ва дастовардҳои илмӣ дар ҳамсӯиии комил аст ва ин мероси куҳан метавонад пули тамаддуние бошад миёни мероси арҷманди дирӯзи башарӣ ва инсони масъулиятмеҳвар ва мутамаддини имрӯз.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
адабиётшинос

# НАВРӮЗ - ҶАШНИ МИЛЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

*Ниёкони мо ҳар ки будаст пеш,*
*Нигаҳ доштандӣ ҳам оину кеш.*
*Фирдавсӣ*

Мусаллам аст, ки ҷашнҳо ба миллӣ, байналмилалӣ, мазҳабӣ, динӣ, касбӣ, тахассусӣ, оилавӣ, шахсӣ, давлатӣ, сиёсӣ, адабӣ, фарҳангӣ ҷамъиятӣ ва ғайра мунқасим мешаванд. Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои миллии мардуми мо мебошад, ки ба рӯзи нахустини солшумории шамсӣ-1-уми фарвардин (Ҳамал), яъне 21 марти солшумории мелодӣ рост меояд. Қариб ҳамаи сарчашмаҳо ба таври расмӣ ҷашн гирифтани Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд. Лиҳозо, онро Наврӯзи Ҷамшедӣ ҳам меноманд. Сарчашмаҳое аз қабили «Китоб-ут-тафҳим», «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳон Берунӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Шоҳнома»-и Саолибӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ ва ғайра. Албатта, дар ин китобҳо маълумоти зидду нақиз, ки аз ҷанбаи илмии дақиқ бархурдор нестанд, низ мавҷуданд, аммо боз ҳам барои омӯхтани Наврӯз-ҷашни миллии ниёкони мо, аз ҷумла расмият пайдо кардани Наврӯз, сабаби ҷашнгирии он ва ғайра, басо муфиданд. Масалан, Абӯрайҳон Берунӣ расмият пайдо кардани Наврӯз ва сабаби ҷашнгирии онро дар «Осор-ул-боқия» ба қарори зайл меорад: «Баъзе уламои Эрон мегӯянд: «Сабаби ин ки ин рӯзро Наврӯз меноманд, ин аст, ки дар айёми Таҳмурас собиа ошкор шуданд. Ва чун Ҷамшед ба

подшоҳӣ расид, динро нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд. Ва боз ид будани Наврӯзро чунин гуфтаанд, ки Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз бар он савор шуд ва ҷину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд».1 Абулқосим Фирдавсӣ низ расмият пайдо кардани ин ҷашнро аз ҷониби Ҷамшед медонад ва мегӯяд:

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андар нишохт.*
*Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,*
*Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво*
*Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй.*
*Фурӯ монда аз фарраи бахти ӯй.*
*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.*
*Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,*
*Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор*
*Бимонда аз он хусравон ёдгор. 2*

«Наврӯзнома»-и Хайём, ки дар ин замина аз муҳимтарин китобҳост, доир ба ҷашни Наврӯз ва аз замони Ҷамшед шурӯъ шудани он маълумоти нисбатан батафсил дар ихтиёри хонандагон мегузорад. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Сабаби ниҳодани Наврӯз он будааст, ки чун бидонистанд, ки Офтобро ду давр бувад, яке он ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯз рубъе аз шабонрӯз ба аввал дақиқаи Ҳамал боз ояд ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта

буд бад-ин дақиқа натавонад омадан, чи ҳар сол муддате кам шавад ва чун Ҷамшед он рӯзро дарёфт, «Наврӯз» ном ниҳод ва ҷашн оин овард ва пас аз он подшоҳон ва дигар мардумон бад-ӯ иқтидоъ карданд…». 3 Дар «Шоҳнома»-и Саолибӣ низ оид ба Наврӯз ва ҷашнгирии расмии он аз рӯзгори Ҷамшед изҳори назар шудааст: «Чун Ҷамшед ба подшоҳии ҷаҳон расид ва париву мардум роми ӯ шуданд, барои онон суханронӣ кард ва гуфт: ман барои вежагиҳо, ки Худованд бар ман арзонӣ дошта ва фурӯғе, ки ба ман додааст, подшоҳи шумо шудаам, то заминро ободон созам ва мардумро бебиму осуда гардонам ва дод бигустаронам, диҳиши бисёр кунам ва некиҳоро зинда кунам ва бадиро аз миён бардорам. Мардум ӯро намоз бурданд ва аз подшоҳии ӯ шодиҳо карданд… Он гоҳ фармон дод, ки гардунае аз оҷу соҷ бисозанд ва онро ба дебо фарш кунанд. Сипас, бар он савор шуд ва девонро фармуд, ки ӯро баргиранд ва ба миёни осмону замин бубаранд ва бо ҳамон чархи якрӯза аз роҳи ҳаво аз Дамованд ба Бобул омад. Ин рухдод дар нахустин рӯзи фарвардин аз нахустин моҳи баҳор пеш омад, ки оғози сол ва ҳангоми тозагии ҷаҳон ва зинда шудани замин пас аз марги он аст. Мардум он рӯзро рӯзи нав ва ҷашни фархунда номиданд ва сарафрозии фароҳам ва подшоҳии шигарфи кишвар донистанд ва онро ба сони бузургтарин ҷашнҳо баргузиданд ва Наврӯзаш номиданд ва Худои гиромиро барои ин, ки чунин ҷойгоҳи арҷманд ба подшоҳашон бахшидааст, сипос гуфтанд ва низ Худовандро, ки ба фархундагии Ҷамшед ба онон рӯзӣ бахшида ва дар сояи ӯ ононро дар нозу осоиш ҷой додааст, ситоиш карданд. Ва ба ҷашну ромишу шодхорӣ ва пойкӯбӣ пардохтанд ва доди ин ҷашни хуҷастаро бидоданд».4 Мо ингуна маълумотро дар «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ, ки дар асри Х11 зиндагию эҷод кардааст, низ боздид менамоем. Ба қавли муаллифи ин китоб, «Ҷамшед ба як ривоят бародари Таҳмурас будааст ва ба

ривояти дигар бародарзодаи ӯ будааст ва падарашро Ваюнҷаҳон гуфтандӣ… ва муддати мулки ӯ ҳафтсаду шонздаҳ сол буд… Ва аввал касе, ки наққошӣ ва суратгарӣ фармуд, ӯ буд. Ва Истахри Порсро дорулмулк сохт ва онро шаҳре азим гардонид… Се қалъа сохт дар миёни шаҳр ва онро Сегунбадон ном ниҳод. Яке қалъаи Истахр ва дувум қалъаи Шикаст ва савум қалъаи Шакнавон… Пас бифармуд то ҷумлаи мулк ва асҳоби атроф ва мардуми ҷаҳон ба Истахар ҳозир шаванд, чи Ҷамшед дар сарои нав бар тахт хоҳад нишастан ва ҷашн сохтан ва ҳамагон бар ин миод он ҷо ҳозир шуданд ва толеъ нигоҳ дошт ва он соат, ки Шамс ба дараҷаи эътидоли рабеӣ расид, вақти солгардиш дар он сарой ба тахт нишаст ва тоҷ бар сар ниҳод ва ҳама бузургони ҷаҳон дар пеши ӯ бистоданд ва Ҷамшед гуфт: «Бар сабили хутба, ки Эзиди таоло варҷу баҳои мо тамом гардонид ва таъйид арзонӣ дошт ва муқобалаи ин неъматҳо ба хештан воҷиб гардонидем, ки ба раоё адл ва некӯӣ фармоем». Чун ин суханон бигуфт, ҳамагон ӯро дуои хайр гуфтанд ва шодиҳо карданд ва он рӯз ҷашн сохт ва Наврӯз ном ниҳод ва он сол Наврӯз оин шуд ва он рӯзи ҳурмуз аз моҳи фарвадин буд ва дар он рӯз бисёр хайрот фармуд ва як ҳафта мутавотир ба нишоту ҳуррамӣ машғул буданд…».5

Хулоса, тамоми сарчашмаҳо Ҷамшедро бунёдгузори Наврӯз ва Наврӯзро ҷашни миллии ақвоми ориёӣ, аз ҷумла тоҷикону форсҳо, хондаанд. Аз ин рӯ, Наврӯз ҳамчун ҷашни қадимию миллӣ ҳамеша барои мо ошно буд, зеро он аз падарону бобоён, яъне ниёконамон ба мо мерос мондааст. Албатта, дар ин замина хидмати муаллифони китобу рисолаҳое, ки оид ба Наврӯз маълумоти арзишмандро дар ихтиёри ҳаммиллатони хеш гузоштаанд, хеле бузург мебошад. Аммо мо ба васфи Наврӯз беш аз ҳама дар шеъри ҷаҳонгирамон рӯ ба рӯ мешавем. Агар мо бихоҳем дар ин замина мисол биёрем, дар чандин муҷаллад намегунҷад.

Бинобар ин, мо бо овардани чанд намуна дар ин мавқеъ иктифо менамоем:

*Рӯзи Наврӯз аст имрӯзу чу имрӯз гузашт,*
*Кас бад-ин дарнарасад, то нарасад соли дигар.6*
*Фаррухӣ*

*Наврӯз рӯзгор муҷаддад кунад ҳаме*
*В-аз боғи хеш боғи Ирам рад кунад ҳаме.7*
*Манучеҳрӣ*

*Наврӯз ҷавон кард ба дил пиру ҷавонро,*
*Айёми ҷавонист заминрову замонро.8*
*Абулфараҷ*

*Алами давлати Наврӯз ба саҳро бархост,*
*Заҳмати лашкари сармо зи сари мо бархост.9*
*Саъдӣ*

Тавре ки мебинем, аҳли илму адаб дар осори хеш доир ба Наврӯз маълумоти муфид додаанд ва онро аз лиҳози мухталиф мавриди васфу ситоиш қарор додаанд. Эшон, бад-ин тартиб дар зинда нигаҳ доштани зеҳну хотираву тафаккури миллии мо хидмати пурарзиш намудаанд ва ба наслҳои бадина сабақи худшиносиву худогоҳӣ додаанд. Ба қавли шоир:

*Аввал сабақи ту абҷад омад, яъне*
*Бар сирати аб ва ҷадди худ бояд буд.10*

Воқеан, агар онҳо дар бораи расму русум, ҷашну идҳои ниёгон, аз ҷумла Наврӯзу Садаву Меҳргон ва ғайра, дар кутуби хеш маълумот намедоданд ва аз ин ҷашнҳо ситоиш ба амал намеоварданд, мо дар бораи ин идҳо ҳеҷ гуна тасаввуроте надоштем. Лиҳозо, мо маҳз аз рӯи гуфтори эшон дар бораи Наврӯз, сабабу оғози ҷашнгирӣ, тарзи барпо кардан ва бисёре аз вижагиҳои он маълумот ба даст меоварем ва аз ҷашни қадимию миллӣ будани он огоҳӣ меёбам. Аз ин рӯ, мо бояд ба муаллифони ин кутубу расоилу ашъор таҳсину офарин

хонем, ки Наврӯзро барои мо муаррифӣ намудаанд ва поягузору оғозгару расмиятбахши он будани Ҷамшедро таъкид ва таъйид намудаанд. Масалан, дар фарҳанги «Бурҳони қотеъ», ки дар асрҳои охир дар Ҳинд иншо шудааст, зимни маълумот доир ба Ҷамшед, аз поягузори Наврӯз будани ӯ низ сухан дар миён оварда шудааст: «Ҷамшед номи подшоҳест маъруф, ки ӯро арабон Манушалх гӯянд. Ва ӯ дар аввал Ҷам ном дошт, яъне султон ва подшоҳи бузург. Ва сабаби Ҷамшед гуфтан он шуд, ки ӯ сайри олам мекард, чун ба Озарбойҷон расид, рӯзе буд, ки Офтоб ба нуқтаи аввали Ҳамал омада буд. Фармуд, ки тахти мурассаъеро дар ҷои баланде гузоштанд ва тоҷи мурассаъе бар сар ниҳода бар он тахт нишаст. Чун Офтоб тулӯъ кард, шуъо ва партави Офтоб бар он тоҷу тахт уфтод, шуъое дар ғояти равшанӣ падид омад. Ва чун ба забони паҳлавӣ шуъоро шед мегӯянд, ин лафзро бар Ҷам афзуданд ва Ҷамшед гуфтанд, яъне подшоҳи рӯшан. Ва дар он рӯз ҷашне азим карданд ва он рӯзро Наврӯз ном ниҳоданд». 11

Мусаллам аст, ки дар таърихи тамаддун ва фарҳангу адаби тоҷикӣ расму русум ва ҷашнҳои зиёде мавҷуданд, аммо бузургтарини онҳо иди Наврӯз мебошад, ки аз бостонзамон бо шукӯҳу шавкати хос дар байни ақвоми эронӣ ҷашн гирифта мешавад. Лиҳозо, на фақат муаллифони китобҳои пешин, балки асри гузашта ва имрӯз низ доир ба он маълумоти арзишманд дар ихтиёри мо гузоштаанд. Ин муаллифон низ дар асарҳояшон Наврӯзро ҳамчун ҷашни миллӣ, оғози баҳор, ҷашни табиат, кишту кор, сари сол, бедории замин, рӯишу ҳаракат таъбир ва тавсиф намудаанд ва бо ин роҳ дар подорию устуворию мондагории он саҳм гирифтаанд. Чунончи, устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» гуфтааст: «Иди Наврӯз, ки дар сари соли шамсӣ, дар аввали Ҳамал сар мешуд, яке аз идҳои пеш аз исломият аст. Бинобар ин халқи тоҷик, дар ҳолате ки иди рамазон ва иди қурбон барин идҳои

диниро як рӯз барпо медошт, иди Наврӯзро ҳафтаҳо давом медод.Ба сабаби дар аввали баҳор, дар вақти ба ҳаракат даромадани тамоми растаниҳо рост омадани ин иди табиат инсон ҳам ба ҳаракат меомад. Аз ин ҷост, ки тоҷикон «Ҳамал-ҳама чиз дар амал» мегӯянд. Дар ҳақиқат, ин ид ба ҳаракат омадани киштҳои ғалладона ва сар шудани киштукори дигар ҳосилоти заминӣ буд, ки инсонро сер карда, сабаби бақои ҳаёти ӯ мешуданд. Дар замонҳои пеш деҳқонони тоҷик пеш аз соли нав-пеш аз моҳи Ҳамал-дар ҳар деҳа ба майдонҳо ҷамъ шуда гӯштигирӣ ва дигар ҳаракатҳои баданӣ карда гӯё ба тани аз сармои зимистон афсурдашудаашон қуввати нав медоданд ва дар аввали Ҳамал се рӯз сайругашти умумӣ карда, ба киштукор медаромаданд. Аммо рӯҳониён ба ин ид ранги динӣ дода, «ҳафт салом» тар карда хӯрданро расм карда, ӯро як манбаи даромади худ қарор доданд. Ҳатто беҳаётарин муллоён «дар бораи шарафи ин ид» аз номи пайғамбар ҳадисҳо сохта бофта баровარданд…» 12 Дар ҳақиқат, аъроб баъди пирӯзӣ кӯшиданд, ки ба ҳар васила бисёре аз расму русум, ҷашну оинҳои миллии моро маҳв созанд ва бад-ин васила ба ёду хотираву худшиносии миллии мо осеб бирасонанд, аммо билкул натавонистанд ба ин мақсади хеш бирасанд, яъне Наврӯзро нобуд созанд, чунки мардум дар баробари пазириши ислом аз расму русум, ҷашну оинҳои миллии худ, аз ҷумла Наврӯз, даст накашиданд, балки бо сабабҳои айнию зеҳнӣ онро ба шакли тоза, бо рангу бори дигар, аз ҷумла бо рангу бори мазҳабӣ, эҳё намуданд. Агарчи бархе аз удабову уламои чоплусу маддоҳ, аз ҷумла Унсурию Фаррухию Ғазолӣ, даст ба бостонситезӣ мезаданд ва ба ҷашни миллии мо метохтанд, аммо ғолибан аҳли қалам барои зинда нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, аз ҷумла забон ва Наврӯз, кӯшо буданд. Дар ин замина, яъне эҳё ва зинда нигоҳ доштани рӯҳи миллӣ, расму оинҳои қадимӣ, шоҳону паҳлавонони

асотирӣ, шахсиятҳои таърихӣ ва ба вижа забон, хидмати муаллифи «Шоҳнома»- Абулқосим Фирдавсӣ хеле бузург ва қобили тамҷид мебошад. Ба қавли худи шоир:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.* 13

Дигар, дар тарвиҷ, зинда мондану эҳёи арзишҳои бостонӣ давлатҳои миллию маҳаллии эронитаборон, аз ҷумла Саффориён ва Сомониён, нақши муҳим бозидаанд. Онҳо на танҳо забон, балки расму русум, ҷашну оинҳои бостонӣ, аз ҷумла Наврӯзро низ зинда намудаанд ва бад-ин тартиб тамадун ва фарҳанги миллиро аз марг наҷот додаанд. Ба қавли Муҳаммадамини Риёҳӣ, «бо ҳимояти давлати Сомонӣ, аз як тараф, фарҳанги эронӣ дар омезиш бо фарҳанги исломӣ ҷилваю таровати навойин ёфт, аз тарафи дигар, баргузории ҷашнҳои эронӣ аз Наврӯзу Меҳргону Садаву Баҳманҷана рӯҳи тозае дар пайкари ҷомеаи Эрон дамид». 14 Аммо, баъди аз байни рафтани давлати миллии Сомониён ва рӯи кор омадани Ғазнавиёни турктабор бостонситезӣ авҷ мегирад, ҳикмату андеша, баҳсу истидлол, озодандешӣ рӯ ба завол мениҳад. Девону мадраса бар алайҳи тамаддуну фарҳанги миллӣ мебарояд. Илмҳои ақлӣ аз мадрасаҳо берун андохта мешаванд, таълим ба забони арабӣ сурат мегирад. Хусусан дар мадрасаи Низомияи Бағдод бозори таассубу хурофоту бостонситезӣ гарм мегардад. Аз ин рӯ, Ғазолӣ, ки аз пешвоёни бостонситезон буд, «баргузории маросими Наврӯзу Сада ва фурӯши лавозимеро барои онҳо «ҳаром» шумурда ва гуфта: «Изҳори шиори габракон аст, ки мухолифи шаръ аст… Наврӯзу Сада бояд, ки мундарис шавад ва касе номи он набарад. Шаби Сада чароғ фаро набояд гирифт, то аслан оташ набинанд. Ва нашояд, ки номи ин рӯз баранд ба ҳеҷ ваҷҳ, чунонки аз ӯ худ нишон намонад».15 Агарчи душманони арзишҳои миллӣ, хушкмағзону кӯрдилон ба Наврӯз ба назари

манфӣ ва душманӣ менигаристанд, вале мардум ҳамвора ин ҷашнро ба масобаи ҷашнҳои миллӣ баргузор мекарданд ва аз бузургтарин идҳо мешумориданд. Ба ҳарфи дигар, тоҷикон, ки аз дер боз қудрати иҷтимоию сиёсӣ, яъне шамшерро аз даст дода, аз миллати забардаст ба миллати зердаст табдил ёфта буданд, минбаъд тавассути қалам мубориза мекарданд ва даст ба халлоқият мезаданд. Мутаассифона, қалам дар хидмати аҳли зӯру зар буд ва аҳли адабу илм бар муроди аҳли зӯру зар сухан мегуфтанд, зеро давлаташонро аз даст додаву асири ғуломони худ гардида буданд. Аз ин рӯ, танҳо ҳузури фарҳангию маънавию адабӣ доштанд ва фақат бо забон ва бархе аз расму оинҳоии миллии хеш, аз ҷумла Наврӯз, аз вуҷуди хеш хабар медоданд. Аммо, тавре ки гуфтем, истилогарон, ки давлатро соҳибӣ карда буданд ва бо андешаву рӯҳи миллӣ душманӣ меварзиданд, натавонистанд, ки билкул забону расму ойинҳои мо, аз ҷумла Наврӯзро аз байн бибаранд. Воқеан, забон ва Наврӯз ду боли тавонои миллат буд, ки Аҷамро зинда нигаҳ медошт ва муҷиби мубоҳоти мо дар тӯли замонҳо, аз ҷумла замони бедавлатӣ (аз асри Х1 то аввали асри ХХ), буд. *Ли*ҳозо, забон ва ҷашни Наврӯз ҳамеша аз муҳимтарин ифтихороти миллии мо дар дарозои таърих будааст ва худшиносию худогоҳии моро таъмин намудааст. Агар чунин намебуд, аз қалами Мавлоно чунин абёт таровиш намекард:

*Форсӣ гӯ, гарчи тозӣ хуштар аст,*
*Ишқро худ сад забони дигар аст.*
*Бӯи он дилбар чу паррон мешавад,*
*Он забонҳо ҷумла ҳайрон мешавад. 16*

Бе сабаб нест, ки донишманди пурмояи муосири тоҷик Акбари Турсунзод забони тоҷикии форсӣ ва ҷашни Наврӯзро ду шаҳсутуни хештаншиносӣ хонда ва гуфтааст: «Иморати хештаншиносии тоҷику эронӣ ду шаҳсутун дорад, ки ба

унвони муҷассамаи суннати зиндаи мардум замонати бақои рӯзгор аст: яке забони форсисту дигар ҷашни Наврӯз. Ва  аз ин рӯ, ҳар истилогаре, ки Ориёзаминро забт карду мардуми зодсарвашро таҳти итоати худ нигоҳ доштан хост, пеш аз  ҳама ин ду рукни ҳастии таърихии аҷамиёнро шикастанӣ шуд: ё забони форсиро хонабанд кард  ё ҷашни Наврӯзро боздошт ва ё ҳар ду. Чунончи, юнониёни мақдунӣ, ҳамин ки Эронро забт карданд, нахуст  тахти Ҷамшедро оташ заданд... Сарафшонони Искандар, ки ӯро вассофони таърихиаш шогирди Арасту мехонанд, иҷрои фармони он «шоҳи оқилу одил»-ро аз китобсӯзӣ сар карданд. Ва нахуст нодиртарин дастхати Авасторо, ки дар чандин пӯсти гов бо оби тилло навишта буданд, аз хазинаи Доро берун оварда, оташ заданд!.. Пас барои ҳокимияти юнониён ё арабҳои ғолибро дар Эрону Турон устувор намудан Искандар ва баъд Кутайбаро мебоист даставвал ҳофизаи таърихии мардуми мағлубро кӯр кардан. Вале чунин кори таърихсӯзро на ину на он аҷнабӣ натавонистӣ кардан!..». 17 Дар ҳақиқат, Наврӯз, ки аз қадимтарин ҷашнҳои миллии мардуми мост, бо вуҷуди фишорҳои мухталиф аз ҷониби истилогарон ва мутаасибони худию бегона, дар дарозои таърих, на танҳо нест нашуд, коҳиш наёфт, балки батадриҷ  хусусияти ҳамагонӣ касб намуд ва ҳар чи бештар таваҷҷӯҳи дигаронро ба худ ҷалб намуд, ба ҷашни қавму миллатҳои ҳамсояву ҳамдин табдил ёфт ва билохира мақоми байналмилалӣ пайдо кард, яъне ба таъбири Мавлавӣ, ба дили мову «ҷаҳониён» шодӣ  ва  нишот илқо намуд:

*Андар дили ман, маҳо, дилафрӯз тӯӣ,*
*Ҳастанд дигарон, валек дилсӯз тӯӣ.*
*Шоданд ҷаҳониён ба Наврӯзу ба ид*
*Иди ману Наврӯзи ман имрӯз тӯӣ. 18*

Бояд гуфт, ки ҷашнгирии Наврӯз дар Тоҷикистони мо маҳз дар асри гузашта хусусияти ҳамагонӣ пайдо намуд, аз зери фишорҳои мухталиф берун омад ва ҳамчун ҷашни миллӣ эҳё гардид. Ба ҳарфи дигар, халқи тоҷик маҳз дар асри гузашта, бо ташкилшавии Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон (1929), на танҳо ҷашнҳои миллӣ, балки номи адибону олимони худро ҳам дигарбора зиндаю эҳё намуд. Маҳз дар рӯзҳои дуюму сеюми Наврӯз таҷлил гардидани «Рӯзи Рӯдакӣ» далели гуфтаҳои метавонанд буда бошанд. Мо ин маъниро дар оғози мақолаи «Рӯзи Рӯдакӣ», ки дар маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор» нашр шудааст, бармало боздид менамоем: «Дар таъқиби як силсила дархостҳои заҳматкашони тоҷик, чи ба воситаи мақолот дар рӯзномаҳо ва чи аз забони ҷиргаи (ҳайати мушовараи) Вазорати маорифи Тоҷикистон, рӯзи 2 ва 3- юми иди Наврӯз-Соли навро «Рӯзи Рӯдакӣ» таъйин кард». 19 Гузашта аз ин, дар қарори вижаи барои КМ ПК Тоҷикистон, ки ба ҷашнгирии Наврӯз ихтисос мегирад, чунин изҳори назар шудааст: «Барқарор намудани «Наврӯз», ки иди меҳнат ва баҳор аст, намунаи муносибати эҳтиёткорона ба маросими башардӯстонаи замони гузашта мебошад. Ин ид аз рӯҳияи динӣ тамоман озод буда дар назари мо чун намоиши ҳаяҷонбахши тантанаи фасли баҳор ҳувайдо гардид». 20 Ҳақиқатан ҳам Наврӯз, ки аз идҳои бузург ва қадимии мардуми мо ба ҳисоб меравад, иди меҳнату баҳор, сари соли нав ва ҷашни башардӯстона буда, ба мазҳабе, ба дине алоқаманд нест, балки як ҷашни шодию нишот, бахту нур, пирӯзӣ бар зулмот, сулҳу дӯстию ваҳдат, айёми баробаршавии шабу рӯз, оғози кишту кор, деҳқонӣ, ҳамраъӣ, ҳамфикрӣ, ҳамдилӣ мебошад, ки роҳи тӯлонӣ ва пур аз шебу фарозро паймуда, то ба имрӯз расидааст. Бинобар ин, мо бояд ин ҷашни миллиро ба таври боиставу шоиста таҷлил бинамоем ва ба гузаштаи худ жарфтар сар фурӯ бибарем,

таърихи онро хубтару беҳтар биёмӯзем ва бад-ин васила дар тарбияи шаҳрвандони Тоҷикистони тозаистиқлоламон, хусусан ҷавонон, ки ояндаи кишвари мо дар дасти онҳост, саҳим бошем. Дар воқеъ, таҷлили бошукӯҳи Наврӯз барои дар рӯҳияи хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию бостонӣ тарбия кардани шаҳрвандони кишвар, ба вижа дар замони истиқлолият ва мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни Наврӯз, аҳамияти хос касб менамояд. Алабтта, ин боиси ифтихори мо-тоҷикону форсҳою эронинажодон ва тамоми мардуми мутараққии олам мебошад. Ҳақ бар ҷониби Президенти кишвар, пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфта: «Имрӯз Наврӯзи аҷдодии мо на танҳо дар кишварҳои ориёӣ, балки дар сарзаминҳое низ ҷашн гирифта мешавад, ки дар замони худ аз сарчашмаи пурбаракат ва ҷовидонаи фарҳанги мо бахравар шудаанд. Мо ҳоло аз он хушбахтем, ки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар рӯзи ин ҷашни фархунда ҳамдигарро ба ибораи тоҷикии «Наврӯз муборак» табрик мекунанд. Ин нукта бори дигар тасдиқ мекунад, ки миллати мо дар тамоми таърихи худ нақши паҳнкунандаи тамаддунро бозидааст». 21 Оре, миллати мо фарҳангофарину тамаддунсоз ва дорои орову андешаи қавии миллиию байналмилалӣ мебошад. Ҳамин рӯҳи қавии миллӣ ва байналмилалии тамаддуну фарҳанги мо буд, ки Наврӯз ба ҷашни ҷаҳонӣ табдил ёфт ва муҷиби таҷлили он дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон гардид. Ҳамоиш ва чорабиниҳое, ки ҳамасола дар ин замина дар кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Тоҷикистон, баргузор мегарданд, шаҳодати густариш ва тавсеаи ин иди миллӣ ва ҷаҳонӣ мебошанд. Мо боварӣ дорем, ки ин ҳамоиш ва чорабиниҳо ба иди дӯстии халқҳою кишварҳо, шеъру сухани воло, ваҳдату сулҳу сафою одамият табдил меёбад ва дар таҳкими

худогоҳию худшиносии миллати мо нақши муҳим мебозад. Ба қавли шоир:

*Ҳар сари мӯи туро ҷилваи нози дигар аст,*
*Нигаҳе сӯи худ андоз, ки дидан дорӣ!* 22

Тавре ки гуфтем, қариб тамоми сарчашмаҳо ва нақлу ривоятҳо таҷлили расмии Наврӯзро аз замони Ҷамшед медонанд ва ба номи ӯ рабт медиҳанд. Агарчи Наврӯз то Ҷамшед низ ҷашн гирифта мешуд, аммо маҳз дар замони ӯ расмият пайдо мекунад. Аз ин рӯст, ки ин ҷашнро ҷашни ҷамшедӣ низ мегӯянд. Мисли он ки Рӯдакиро падари шеъри форсӣ ва сабки хуросониро сабки Рӯдакӣ низ ном мебаранд. Албатта, то Рӯдакӣ низ шоирон шеър мегуфтанд, аммо Рӯдакӣ аввалин касе буд, ки дар анвои мухталифи шеъри он замон шеърҳои пухта гуфт ва ба масобаи муассиси шеъри форсии тоҷикӣ қад баланд кард. Бинобар ин, бо як овоз ӯро падари шеъри форсии тоҷикӣ, бунёдгузори шеъри форсии тоҷикӣ хондаанд ва гоҳе сабки эҷодии ӯро ки хуросонист, сабки Рӯдакӣ ҳам гуфтаанд. Таҷлили Наврӯз низ ҳамин ранг аст, тавре ки гуфтем, агарчи пеш аз замони Ҷамшед онро ҷашн мегирифтанд, аммо дар замони Ҷамшед расмият пайдо мекунад. Аз ин хотир, ӯро муассиси ҷашни Наврӯз медонанд ва муаррифӣ менамоянд. Донишмандоне чун Берунӣ, Гардезӣ, Саолибӣ, Табарӣ, Фирдавсӣ, Умари Хайём ва ғайра таҷлили ин ҷашнро ба Ҷамшед нисбат додаанд. Мутаассифона, имрӯз бархе аз донишмандон дар нигоришоти хеш бунёнгузори ҷашни Наврӯз будани Ҷамшедро сарфи назар менамоянд ва бад-ин тартиб аз ҷанбаи миллӣ бархурдор будани ин иди бузурги ориёиёни эронитаборро зери суол мегузоранд ва онро як иди маъмулии табиат ва қалам медиҳанд, ки гӯё аз ибтидо ҷашн гирифта мешуд ва ба подшоҳе, аз ҷумла Ҷамшед, иртибот намегирад. Аммо, тавре ки дар боло гуфтем, сарчашмаҳо нишон медиҳанд ва ривоят мекунанд, ки ҷашни

Наврӯз маҳз аз замони Ҷамшед ва бо ибтикори ӯ ба анъана даромад ва расмият пайдо кард. Аз ин хотир, ӯро бунёдгузори ин ҷашн медонанд. Воқеан, ҳар ҷашне, ки дар рӯи замин мавҷуд аст, таърихи худро дорад. Масалан, ҷашни Сада, Меҳргон, Иди Қурбон, Рамазон, Иди 8 март ва ё Иди Модар, Иди якуми май ва ғайра. Лиҳозо, мо оғози ҷашнгирии ин идҳоро медонем. Мо танҳо аз оғози ҷаҳон бехабарем, агарчи дар ин замина ҳам суханони зидду нақиз зиёданд, аммо аксари донишмандону шоирону нависандагони мутараққӣ аз аввалу анҷоми ҷаҳон изҳори бехабарӣ кардаанд, ки намунаи волои онро мо дар дар ин байти Калими Кошонӣ боздид менамоем, ки забонзади мардум мебошад:

*Мо зи огозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,*
*Аввалу охири ин куҳнакитоб афтодаст.23*

Аммо, тавре ки гуфтем, бисёре аз рухдодҳои дигар, аз ҷумла ҷашнгирии Наврӯз, Сада, Меҳргон, 8 март, Якуми май ва амсоли ин, таърихи худро доранд ва барои ҳамагон маълуманд. Лиҳозо, нодида гирифтани онҳо ва сарфи назар кардани маълумоти сарчашмаҳои дараҷаи аввал доир ба Наврӯз ва гурез аз ҳақиқати таърихӣ як амали носавобу зиддимиллию зиддиинсонӣ ва таҳрифи воқеият маҳсуб меёбад. Чунончи, баъзе аз амалкарди пажӯҳишгарони эронӣ, ки аз ғаразҳои сиёсию маънавии эшон моя мегирад, барои моворисони ин иди миллии тоҷикону форсҳо хеле нигаронкунанда буда, сахт моро нороҳат месозад, ба рӯҳ ва арзишҳои миллии мо зарба мезанад, зеро онҳо Наврӯзро на як ҷашни миллӣ, ки расман аз Ҷамшед ва бо ибтикори вай шурӯъ мешавад, балки як ҷашне, ки гӯё «онро аз лобалои кӯҳҳо ва синаи даштҳо ва канори наҳрҳо ёфтаанд», медонанд. Масалан, дар баъзе аз китобҳое, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон чоп мешаванд, мо ин гуна бархурдҳои носаҳеҳу нодуруст ва зиддимиллиро нисбат ба Наврӯз-иди миллии ақвоми эронӣ

мушоҳида менамоем. Аз ин хотир, мо бояд ин гуна бархурди носаҳеҳи эшонро, ки аз сиёсат ва мавқеи зиддимиллии онҳо берун меояд, нодида нагирем, балки ҷилавгирӣ намоем ва бо далоилу бароҳини қотеъ исбот намоем, ки ин ҷашн аз ягон ҷо ба кишвари мо (Эрону Хуросону Мовароуннаҳр) наёмадааст, мо онро аз ягон ҷо, масалан, аз домани дашту кӯҳ наёфтаем, зеро он тангаву тилло нест, бузу гӯсфанду гов нест, ки гум карда бошем, балки он иди миллии мост, ки ҳазорон сол боз мо онро ҷашн мегирем. Аммо муассиси он Ҷамшед мебошад ва расман ҷашнгирии онро сарчашмаҳо ба Ҷамшед ва замони подшоҳии ӯ нисбат додаанд. Ба ҳарфи дигар, ба таври расмӣ ҷашн гирифтани Наврӯз аз ҷониби Ҷамшед ва замони ӯ шурӯъ шудааст ва  ҷашни Наврӯз як ҷашни миллӣ буда, муассиси он Ҷамшед  мебошад. Мутаассифона, «муаллифи китоби «Наврӯзгон»-Муртазии Ҳунарӣ, бар хилофи нақлу ривоят ва маълумоти тамоми сарчашмаҳои дараҷаи аввал, ки ҷашнгирии Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд, муассиси ин ҷашни миллӣ ва байналмилалӣ будани ӯро инкор менамояд ва онро на як ҷашни миллӣ, балки танҳо як ҷашни табиӣ, мардумӣ медонад, аммо кадом мардум зикр наменамояд. Ӯ бад-ин тартиб теша бар решаи арзишҳои миллии ақвоми эронӣ, аз ҷумла тоҷикону форсҳо, ки Наврӯз яке аз муҳимтарин идҳои миллии эшон мебошад, мезанад ва мегӯяд: «Наврӯзро мо-эрониҳо ҳазорон сол пеш дар лобалои кӯҳҳо ва синаи даштҳо ва канори наҳрҳои ин сарзамин ёфтем. Ин моем, ки дар дарозои ҳазорон соли худу сарзамини худу фарҳанги худ як рӯзи бошукӯҳи бузург доштаем. Решаҳои барпоии Наврӯз фаротар аз устураҳо ва қиссаҳост. Ҳеҷ кас, ҳеҷ вақт дар ин диёр Наврӯзро ба хотири Ҷамшед ҷашн нагирифта ва намегирад, он ҳам Ҷамшеде, ки баъд аз подшоҳии дароз ва хидматҳои бисёр, оқибат ба шар шуд ва «аз осмон боло рафт». Аз Худо ва мардум рӯй гардонд ва

Заҳҳокро бар тахт хонд. Шояд шоҳон барои ба даст овардани дили мардум ё шодии худ Наврӯзро ҷашн мегирифтанд… Наврӯзро ҷашн мегирем на бад-он ҷиҳат, ки фалон шоҳ ва фалон ҳоким мехост доддеҳӣ кунад, балки аз он рӯй, ки мо додхоҳӣ кардем… Бо ин ҳол касе Наврӯзро барои «ба мазолим нишастани Ҷамшед дар ин рӯз» ҷашн намегирад… Наврӯз ҷашни шумо ва ман ва падарони мост, ки мехоҳем бо саломату оромиш ва шодӣ дар ин диёр ва дар ин фарҳанг зиндагӣ кунем. Пас ин корҳоро мардум барои саломатӣ ва шодмонии худашон мекунанд, на барои он ки Сулаймон ангуштарашро гум кард ва пайдо кард ё Ҷамшед савори сандалии девон шуд ва аз Мозандарон ба Бобул рафт».

Бояд донист, ки таҳрифи таърих, воқеият, сарчашмаҳо ва ситез ба рӯҳи миллӣ, ба вижа олимону андешамандони бузурги илму адабу тамаддуни эронӣ, таҳқир ва таҳвин дар ҳаққи эшон, ки дар нигоришоти баъзе аз муҳаққиқони эронии пас аз Инқилоби исломӣ ба чашм мерасад ва аз рӯҳи панисломистию пантуркистонаи эшон поя мегирад, рӯз аз рӯз ривоҷу равнақ пайдо карда, ба авҷи аъло мерасад. Ин амали носавобу бехирадона ва дур аз инсофу ҳақиқати онҳо на танҳо ба фарҳангу адабу тамаддуни сокинону соҳибони асосии кишвари Эрон-форсҳо, балки тоҷикон низ латмаи бузург мезанад. Воқеан, ҳамлаи онҳо ба рӯҳу андешаву тамаддуни миллӣ мо-ворисони ин тамаддуни бузургро наметавонад бетафовут ва бетараф бигузорад.» 24 Бинобар ин, мо аз пажӯҳишгарону донишмандони эронӣ, ба вижа атрок, ки ба рӯҳи миллӣ, орову андешаи миллӣ аз паси панҷа менигаранд ва ҳама чизро мехоҳанд, ки ба номи ислом рабт бидиҳанд ва андешаву рӯҳи миллиро аз осори бостон дур бияндозанд ва андешаву орои ғайри миллиро ҷойгузини он намоянд, даъват ба амал меоварем ва мегӯем, ки эшон иштибоҳи азим менамоянд, зеро Наврӯз аз бузургтарин идҳои миллии ақвоми

эронӣ, аз ҷумла тоҷикону форсҳо ва соири мардумони ба ин фарҳангу тамаддун мутааллиқ мебошад. Гузашта аз ин, Наврӯзро аз Ҷамшед, ки бунмояи тафаккур ва биниши миллии моро ташкил медиҳад ва дар баробари забони модарии мо баёнгари ҳувияти миллии мо мебошад ва дар байни ҳамаи идҳои мо аз мақоми шомиху вароҷованд бархурдор аст, канда гирифтан, канор гузоштан ва бад-ин тартиб, ҳақиқатро нодида гирифтан, зери бори сиёсати нодурусти замон рафтан ва теша бар решаи арзишҳои миллӣ задан амали ноҷавонмардона, дур аз инсоф ва як кори беҳуда аст. Воқеан, мо вақте ки Наврӯз мегӯем, пеш аз ҳама, номи Ҷамшед пеши назар меояд, чунки тибқи маълумоти тамоми сарчашмаҳои мӯътабар маҳз дар замони Ҷамшед ва аз тарафи вай ин ҷашн расмият пайдо кард ва минбаъд ба бузургтарин идҳои миллии мо табдил ёфт. Дигар, ҳамин рӯҳи миллию инсонии Наврӯз буд, ки дар аввали асри ХХ1 ҳамчун ҷашни байналмилалӣ аз тарафи ЮНЕСКО пазируфта шуд ва маънию мазмуни тоза касб кард ва ба яке аз ҷашнҳои муҳими ҷаҳонӣ мубаддал гардид. Беҳуда шоир нагуфтааст:

*Осори беҳрӯзӣ бувад ойини Наврӯзи Аҷам,*
*Ин рӯзи фирӯзӣ бувад аз давраи «Ҷамшеди Ҷам». 25*

Албатта, ин ҳодисаи ягона нест. Дар ин замина метавон даҳҳо мисол овард, аммо мо бо овардани як мисоли дигар иктифо менамоем. Чунончи, маҷаллаи Ал-Форобӣ, ки аз соли 2003 дар Қазоқистон бо сармоягузории ҶИЭ нашр мешавад ва қазоқ будани Форбиро таблиғ мекунад, дар шумораи аввали соли 2004 мақолаи донишёри Донишгоҳи Истамбули кишвари Туркия-Абуъақаб Қараро нашр намуда, ҷашни Наврӯзро ба устураи туркӣ марбут дониста ва иртибот надоштани онро ба Ҷамшед чунин гӯшзад менамояд: «Ононе, ки поягузории Наврӯзро ба подшоҳи эронӣ-Ҷамшед нисбат медиҳанд, далел надоранд ва дар асл Наврӯз дар устураи туркӣ марбут ба

туркон аст… Душманон тамоми хешовандони Элхон номе аз подшоҳони хоқонати туркро мекушанд ва ӯ бо ҳамроҳии кудаки хурдсолаш Каён ва хоҳарзодааш Туқиз ба ғори Узгинғон меравад ва дар он ҷо ба оҳан ва оташ дастрасӣ пайдо мекунад ва ба кумаки рушании оташ аз ғор берун меояд ва он рузро Наврӯз мехонанд… Ба ҳеҷ ваҷҳ Наврӯз моли ғайритуркон нест «ва агар дигарон низ Наврӯзро ҷашн мегиранд, аз туркон иқтибос кардаанд». 26 Ҳол он ки тамоми сарчашмаҳо, ки мо дар боло руйхати андаки онҳоро овардем, ин гуфтори бемаъхаз ва ғайразноку бадхоҳонаи атрок ва донишмандону донишёрони онҳоро рад менамоянд. Ба заъми Шиблии Нуъмонӣ:

*Ҳарифи ковиши мижгони хунрезаш наӣ зоҳид,*
*Ба даст овар раги ҷоневу наштарро тамошо кун! 27*

**Пайнавиштҳо**


1. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия. Душанбе, Ирфон, 1990, с.233-234.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома, ҷ.1, Душанбе, Адиб, 1987, с.64.
3. Умари Хайём. Наврӯзнома. Душанбе, Адиб, 2012, с.25-26.
4. «Шоҳнома»-и Саолибӣ. Душанбе, Бухоро, 2014, с.46-47.
5. «Форснома»-и Ибн-ал-Балхӣ. Душанбе, Дониш, 1989, с.35-38.
6. Девони Фаррухии Систонӣ. Теҳрон, 1385, с.171.
7. Девони Манучеҳрии Домғонӣ., Теҳрон, 1385, с.136.
8. А.Абдуллоев, С.Саъдиев. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1 ва аввали асри Х1. Душанбе, Дониш, 1988, с.50.
9. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт, ҷ.1, Душанбе, Адиб, 1988, с.40.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1, Москва, 1969, с.25.
11. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ, ҷ.1, Душанбе, Адиб, 1993, с.324.
12. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо, қ.4, Душанбе, 2009, с.580.

13. Шоҳбайтҳои «Шоҳнома». Душанбе, Адиб, 1990, с.205.
14. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ, Душанбе, Шуҷоиён, 2010, с.48.
15. Ҳамон ҷо, с.150.
16. Маснавии маънавӣ. Теҳрон, 2001, с.313.
17. Умари Хайём. Наврӯзнома, с.15-16.
18. Гулчини наврӯзӣ. Душанбе, 2011, с.8.
19. Донишномаи Рӯдакӣ, ҷ.2, Душанбе, 2008, с.428-429.
20. Роҳи васеъ ба расму оинҳои нав. -Тоҷикистони саветӣ, 13 ноябри соли 1967.
21. Гулчини наврӯзӣ, с.7
22. Девони Калими Кошонӣ. Теҳрон, 1369, с.315.
23. Ҳамон ҷо. – С.119.
24. Ҷамолиддин Саидзода. Ғалабаи руҳи мазҳабӣ бар руҳи миллӣ. Миллат 11-18 марти соли 2015.
25. Навруз дар ҷаҳон. – Теҳрон, 1379. – С.21.
26. Сафар Абдулло. Нури сухан. – Олмотӣ: Дайк - Пресс, 2005. – С. 200-201.
27. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. – Ҷ.1. – Теҳрон, 1368. – С. 108.

**Умед НАЗАРОВ,**
*номзади илмҳои таърих*

## ГУФТУГӮЙИ ТАМАДДУНИИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ ВА ФРИДРИХ НИТСШЕ

Илм дар тӯли ҳаёт гиреҳкушои масъалаҳои рӯзмарра, пойдевори қавӣ ва зербинои ҷомеаи рӯ ба рушд аст. Инсони дорои ҷаҳонбинии илмӣ масъулиятпазир, коромад, ҳадафманд ва пойбанд ба арзишҳои воқеан асосноки ҳаллу фасли мушкилот мебошад. Шахси донишманд, ки пажӯҳиши худро сайқал медиҳад, гузинаҳои гуногуни пешбурди на танҳо зиндагии шахсӣ, балки рушди ҷомеаро низ бо такя ба ақлоният ва равиши санҷидашудаи илмӣ дар мадди назар мегирад, бо руҳияи хастагинопазир парчами созандагӣ ва ободкориро меъёр ва мелоки худ қарор медиҳад.

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо вуҷуде, ки зиёда аз ҳазор сол арзи вуҷуд дорад, дар амри рақобатпазир будан бо адабиётҳои пешрафтаи ҷаҳон бинобар пуштивонаи ғании маънавӣ ва пойгоҳи фалсафӣ бовиқор дасту панҷа нарм мекунад, ки дар тарғиби илму дониш ва ҳикмат нақши Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ фарзанди Султони уламо Баҳоваддин ҳамчун файласуф ва олиме, ки масоили калидии фалсафиро бо такя ба биниши дастовардҳои қарни XIII баррасӣ менамояд, бузург аст.

Ҷалолиддини Балхӣ, офтоби маърифат ва ҳикмату адаби тоҷикон аст, ки шуҳрат ва таълимоти ӯро ҷаҳониён барои шахсиятсозӣ, шинохти оламу одам ва роҳҳали масъалаҳои рӯзмарраи ҳаётӣ пазируфтаанд. Рисолати ӯ, ки аз иборaҳои мактаби худсозӣ маншаъ мегирад, паёми равшан ва гиро «ҳар касеро бозсозӣ боядо, гар насозӣ худшиносӣ наоядо!» ба иштиёқмандони илму маърифат медиҳад.

Нуқтаи зариф ва иқтидори зеҳнии тасвири Мавлоно дар равандҳои воқеъбинонаест, ки бо такя ба арзишҳои фалсафаи амалӣ, бо дарки маниш ва моҳияти «худӣ» масъалаҳои калонмиқёсро ҳаллу фасл менамояд. Меҳвари андешаварзиро дар ҷустуҷӯйи масири худӣ ва огоҳии фалсафӣ пайомадҳои ногуворро зина ба зина бар бунёди ақлгароии таърихӣ рафъ ва бартараф менамояд.

Ҷавҳари аслӣ ва калидии хикмати ҳаёт ва фалсафаи Мавлоно ҳамчун илм – инсон будан аст, инсони воқеӣ, ки орӣ аз хислатҳои манфӣ, бо иродаи маҳками равшан нигоҳ доштани чароғи ҳамешабедори зиндагист. Сайри такомули инсонсозӣ ба як мактаби комилҳуқуқ ва тамомайёр ниёз дорад. Мактаби дорои омӯзгори ҳақиқӣ – таҷриба. Инсонро баъзе пажӯҳишгарон «мавҷуди ношинохта» унвон кардаанд, вале агар ҳакимона ва бо усули фалсафӣ ба умқи масъала зеҳн ронем ва ба ин масъала одилона бархӯрд кунем, ба шинохти инсон ба осонӣ ва суҳулат метавон дарёфт, агар Ӯ рисолатасос, ҳадафмадор ва серталош бошад.

Мавлоно паёми равшан ва возеҳ ба хонандаи закӣ дорад, ки танҳо бо талошҳои воқеӣ, иродаи безавол, руҳи шикастнопазири фалсафӣ метавон ба сарманзили мақсуд расид ва шоистагӣ, ҷавонмардиву футувват, шуҷоату ҷасорат, мардумсолорӣ ва саводи комили илмӣ дар масири зиндагӣ гомҳои устувор бардошт.

Ҳанӯз руҳу равони Мавлоно дар дидори ҷуғрофияи «субҳи Балх, Навбаҳор, хиёбони «Бозори ошиқон», Навшод, бурҷи Айёрон, кунгураҳои дежҳое, ки аз дасти ситамкорон валангор шудаанд» побарҷост.

Эътирофи ҷаҳониён аз саҳми Мавлоно дар рушди илмҳои замона бо асрҳои миёна маҳдуд намешавад. Садри аъзами Ҳинд санаи 4-ҷиддии соли 1394 (соли 2016) дар ифтитоҳи Шурои миллии Афғонистон бо эътироф аз ҳикмати волои

ҷаҳоншумули Мавлоно гуфтааст: «Ҳашт қарн пеш як фарзанди маъруфи Балх, аз бузургтарин шоирони таърихи инсонӣ Ҷалолиддини Балхии Румӣ гуфта буд, ки «*Қудрати каломатро боло бибар, на садоятро! Ин борон аст, ки боиси рушди гулҳо мешавад, на раъду барқ». Ва меафзояд «Ин нишондиҳандаи фарзонагӣ ва ҳикмати ин сарзамини бошукӯҳ ва миллати бузург аст»*».

Барҳақ «Агар имрӯз аз Каҳкашони дурдаст бо мо тамос бигиранд ва фавран бихоҳанд, ки ду китоби намунае барои муаррифии шахсияти миллии мо барояшон бифиристем, гумон дорам «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоноро метавон ихтиёр кард *(Суханронии Президенти ЧТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 16-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ, 800-солагии Мавлоно Балхӣ, 08.09.2007с.)*.

Аз сӯйи дигар, соли 2007 китобе бо номи «Мавлоно Ғарбро тасхир мекунад», ки дар таҳияи Саид Ҳоруни Юнусӣ нашр шуд, маҷмуаи мақола ва гузоришҳои мунташиршуда дар рӯзномаҳои муътабари ғарбиро дар бораи Мавлоно гирд овардааст. Дар ин китоб мақолаҳои муҳаққиқон ва рӯзноманигорони барҷаста Чарлз Ҳовиланд, Вилям Дол Римелпал ва аз ҳама муҳимаш таҳқиқоти яке аз бозмондагон - набераи Мавлоно доктор Ҷалолиддини Чалабӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

Ҳамин аст, ки дастандаркорони фалсафа ва ҳикмат бо гузашт аз тилисми фазову вақт ва пойбанди замонӣ, муколамаи ҳакими тавоно Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273) бо файласуфон ва равоншиносон, аз ҷумла Фридрих Нитсше (1844-1900) бар пояи таҳлили ҷаҳонбинии ин ду ҳакими ҷаҳонӣ ба таври тамсилӣ бознашр намуданд, ки хонанда ва иштиёқмандонро ҳаловати истисноии маънавӣ мебахшад. Мулоҳизаҳои худогоҳӣ ва инсоншиносӣ, масъалаҳои калидии ҳувиятӣ, ки сарчашма аз ин баҳси илмӣ

баргирифта мешавад, метавон дар чанд ҷумлаи иҷмолӣ ба ақидаи мо ин тавр хулосагирӣ кард:

**Мавлоно:** Ҳикмати Шарқ, ки ҷилваи онро дар асарҳоям бозгӯ менамоям, мавзуъҳои асосии хилқати оламу инсон, хайру шарр, нақши илм, андеша ва андешаронӣ, амалгарой, инсонмеҳварӣ, воқеъбинӣ, табиатдӯстӣ, таҳаммул дар ақида ва такомул дар масир нақл шудаанд, ки дар тавсифи онҳо ҳунарҳои гуногунро истифода кардаам. Буҳрони маънавӣ, хислатҳои неку бад, обутоби маънавӣ ва илмпажӯҳишӣ аз мавзуъҳои аслии ин асарҳо будааст. Вале, ҳадафи асосӣ ва мавриди баррасӣ – ин инсон аст, ки онро «Инсони ормонӣ» ном мебарам.

Дар ҷустуҷӯйи инсони ормонӣ ба ҳақиқате даст ёфтам, ки дар ботини ҳар як инсон усули ҷунбиши самоъӣ, ҳамон нӯшбоди осмонӣ, ки ӯро аз пастиҳо ба авҷи қуллаҳо, бар фарози маънавӣ мерасонад, вуҷуд дорад. Ин қувва ва иқтидори фавқулода ва истисноии нағзу зебо, ӯро таҳрик медиҳад, пешрафту амалро ба ӯ меомӯзад, то ӯ ба неруи созанда омезиш ёбад ва аз вартаи нестӣ ба ҳастӣ, аз зиштӣ ба зебоӣ, аз фано ба раҳо бирасад. Инсон виқор, салобат ва аз ҳама муҳим дар ҳаёти худ – маънои ҳастӣ пайдо мекунад. Маънои зиндагии пурғановат ва саршор аз тааҷҷубу ҳайрат.

**Нитсше:** Мавлоно, маъное, ки мегӯйӣ ва ба дарки он расидаӣ, агар ба воқеияти рӯзгор наомезад, суде надорад. Ӯ инсонро, ки ҳар рӯз ба мушкилоти печида рӯбарӯст, хайёлпардоз, дур аз ҳаёти воқеӣ, доимо дар ҳолати интизор қарор мегирад. Ин ҳаюло агар аз ҳаракате дар самоъ карда бошад ҳам, барои таҳаввулоти куллии ҳаёт нокифоя аст. Зеро ӯ ба ҷузъ аз худ боз тавонгаре ниёз дорад, ки бурунрафт аз мушкилотро равшан намояд.

**Мавлоно:** Чун меҳри зиёд ба зиндагӣ дорӣ ва онро улгуву намоди ягона ва холис мепиндорӣ, ишқро дар қалби инсон

рад мекунӣ, ягона умеде ки ба ҳаёти рӯзмарраи ӯ маъно мебахшад. Ту ҳаётро яхшуда, хушкухолӣ ва орӣ аз зебоиву умед медонӣ. Паёми ман ба инсон бисёр поку мусаффост, ӯ бо тайи марҳилаи худсозӣ, ки силки худогоҳӣ унвонаш мекунам ва умеди инсонҳоро нуронӣ месозад, ба сарманзили мақсуд мебарад:

*Ҳар касеро худшиносӣ боядо,*
*Гар насозӣ худшиносӣ н-оядо.*

**Нитсше:** Суханони зебо гуфтӣ Мавлоно, чун муаллифи «Маснавии маънавӣ» ҳастӣ, зиндагиро пурмаъно ва зебо тасвир менамоӣ. Вале ҳақиқати ҳол дигар чиз аст. Инсон дорои ҳавоси панҷгона аст ва беш аз ҳама дорои ақл. Ақл рӯзмарра талаби мавҷудият мекунад, тақозои роҳҳали масъалаҳои ҳаётӣ менамояд. Ақл аст, ки чароғи маърифат аст, сатҳи дигари пазириши вуҷуди инсон аст. Инсоне, ки дар ҷаҳон барои раҳёбӣ аз вазифаҳои вогузоршударо мукаллаф аст, ақлро истифода намояд.

**Мавлоно:** *Дил ба ёр, даст ба кор* – маъқулаи созгор ва коромадест, ки инсонро аз рӯзгор бохабар ва берунрафти мушкилот мекунад.Шумо муаллифи китоби «Чунин гуфт Зардушт!» ҳастед, аён аст, ки аз таърих ва адабиёти форс-тоҷик дониши гаронбаҳо доред, ва пайдост, дастовардҳои маънавии Ғарбро бо Шарқ пайванд дода, дурдонаҳои маърифатӣ офаридаед, ки ҷойгоҳи истиноии шуморо дар раддаи аввали ҷараёни равшангарӣ қарор додааст. Шумо, баъд аз мо усули «барои васл кардан» ва пойбанд будан ба ин арзишро густариш додед. Ҳамчун намояндаи ин тамаддун ба шахсияти шумо эҳтироми хосса қоил ҳастем.

Шоистаи зикр аст, ки ҳар мутафаккир мансуби шароити мушаххаси таърихӣ ҳаст ва эҳёи Аврупо бетаъсир ба нигоштаҳои шумо ва пешомадони фалсафа нест. Эҷодиёти ман бошад парварда ва офаридаи замони таназзули минтақа

бинобар истилои хуношоми муғул мебошад, ки фалсафаи вуҷудӣ ва побарҷо мондани инсон ва маънавиёти он дар феҳрасти масъалаҳои авлавиятноки маърифатӣ аст. Инсон дар ин замон ба масъалаҳое рӯбарӯст, ки ба андешаронӣ водор шудааст: «Эй бародар ту ҳамон андешаӣ, мобақо ту устухону решаӣ».

**Нитсше:** Эй пири хирад Мавлоно дар порчае аз асарҳоят боварманд ҳастӣ, ки «пас ҳар кӣ ҳамвазни заррае некӣ кунад, (ба ҳамон андоза) онро хоҳад дид ва ҳар кӣ ҳамвазни заррае бадӣ кунад (ба ҳамон андоза) онро хоҳад дид».

**Мавлоно:** Бале. Ман дар китоби «Фиҳӣ мо фиҳӣ» фармудаам, ки «агар касе дар ҳаққи касе нек гӯяд, он хайру некӣ ба вай оид мешавад. Ва дар ҳақиқат, он санову ҳамд ба худ мегӯяд. Назири он чунон бошад, ки касе гирди хонаи худ гулистону райҳон корад, ҳар боре ки назар кунад, гулу райҳон бинад...». Дар ҷойи дигар бар онам, ки «об кам ҷӯ ташнагӣ овард ба даст» ба пайравон ва соликони худсозиро паём додам, ки ҳамвора дар пайи сайқал додани зарфияти ҷисмонӣ ва равонии худ аз тариқи касби донишу биниш бошанд. Иштиёқманд будан ба ғизои маънавӣ, нахустунусури тарбияи ахлоқиро ташкил медиҳад.

**Нитсше:** Дар Ғарб бо сарозер шудани китобҳои пешомадони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои Эҳё пуштивонаи маънавии ин ҷунбиши ақлгароро ташкил медоданд. Баъдтар Ҳётеи борикбин «Девони ғарбӣ» эҷод кард ва ба арзишмеҳварии ин адабиёти оламшумул дар қалби Аврупо ҷой пайд кард. Бо шинохти насли таҳсилкарда аз эҷодиёти адабиёти тоҷикон ва форсизабонон дар Аврупо илми шарқшиносӣ зуҳур кард.

**Мавлоно:** Медонам, ки футуввату ҷавонмардӣ (рыцарство), ки мактаби ҷасоратро дар Аврупо поягузорӣ карда буд, ба яқин аз додаву ёфтаҳои адабиёт ва тамаддуни форсист. Зеро

мегӯянд, ки ҷавонмард ё ки айёр ба дорои се сифати аслист: Сахо, сафо, ва вафо. Инсони ормонии тоҷикзамин вораста, дӯсти ҳақиқӣ ва мардумдӯст аст.

**Мавлоно:** *Аз Хуросонам кашидӣ то барӣ юнониён, То даромезам ба эшон, то кунам хушмазҳабӣ.* Тавонмандиҳо, иқтидори зеҳнӣ, зарфиятҳои ақлонӣ ва пойгоҳи ғании маърифатии инсон бояд масдари хизмати шахсиятсозӣ, ҳинҷоршиканӣ, қолабрезиҳои созанда, дар умури тарбия ва тазкияи руҳу ҷисм қарор диҳанд. Бешак «ин қадар умр, ки туро ҳаст, дар тафаҳҳуси (омӯзиш)-и худ харҷ кун, амиқ тӯйӣ, агар амиқе (зебое, писандидае) ҳаст тӯйӣ)».

**Нитсше:** Бо Шумо комилан мувофиқам, ки инсони воқеъгаро ва воқеъбин ҳаётро бо такя ба арзишҳои худшиносӣ ва маниши худӣ мехоҳад тай намояд. Зиндагиро бо дарки таърихи бостонии ориёӣ мехоҳад шиносонад. Посухи инсон ба маҷро ва моҷароҳои зиндагӣ мӯшикофона ва дақиқкорона будааст. Ҷустуҷӯйи худӣ ва огоҳии ориёиҳо бар пояи созандагӣ – ҷанбаҳои арзишии инсони пуркор ва мунҳасир ба фардро ташкил медиҳад.

**Мавлоно:** Хислати қудратмандии инсонро ин тавр метавон тафсир намуд: - ин бо тавонмандии фавқулода заҳмат кашидан ва бартараф намудани ҳар гуна мушкилот. Бо истодагариву худгузарӣ пазируфтани нокомиву ва пайомадҳои ногувори зиндагист. Ин тарзи бархӯрд имкон медиҳад, ки ҳадафҳои дарозмуддатро тағйир надиҳем. Нуқтаи иқтидор ҳамвора дар лаҳзаи ҳол аст. Ҳама олами ҳастӣ як нерӯи накӯст, ки моро иҳота кардааст, Зебоиҳо ва хубиҳо фаровониҳо ва боигариҳои моддӣ ва маънавӣ моро фаро гирифтааст.

Маҳз тарафдори таҳаммулпазирӣ ва дидгоҳи холисонаи Мавлоно боиси он гардид, ки «мардуми хуросонию намояндагони қабилаҳои туркманӣ, юнонию халқҳои дигари

маскуни ин Осиёи хурд ба ҳам муттаҳид гардида, як халқу миллати навро ба вуҷуд оварданд».

Ҳамин тариқ, бо таҷассумсозии мунозираи ду намояндаи фалсафаву ҳикмати Шарқ ва Ғарб метавон ба ин натиҷа расид, ки таълимоти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар замони муосир бинобар омилҳои зерин дар мафкураи ҷаҳониён таъсиргузор ва барҷаста боқӣ мондааст: - сар задани муноқиша дар 60 кишвари дунё (1); - бухрони муносибатҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида, ки ҷаҳонро хатарзо сохтааст (2); - нишонаҳои барпо шудани низоми нави ҷаҳонӣ бар пояи зӯроварӣ ва хушунат, ки меҳру садоқатро зери по кардааст (3); - номушаххас шудани мафҳумҳои ривоҷёфта, ба мисли таҳаммулпазирӣ, сулҳ, ишқ, дӯстӣ, баробарӣ ва адолати сартосарӣ (4); - бухрони арзишҳои маънавиёт, хусусан оиладорӣ; -мушкилоти равонии инсони қарни XXI, ки ниёз ба кӯмак дорад (5); - зарурати гуфтугӯйи тамаддунҳо бар асоси риояи ҳуқуқи миллатҳо (6).

Вале, нуктаи аслӣ ва меҳварии пазириши Мавлоно - ин эътирофи дастовардҳои созандаи фарҳанги куҳанбунёди тоҷик ҳамчун пуштивонаи ғановатманди тамаддунӣ барои бурунрафт аз масъалаҳои ба вуҷудомада мебошад.

Бознашр аз ҳафтаномаи
«Омӯзгор» №8 (12543) аз 26.02.26с.

**Нусратулло ЗОКИРЗОДА,**
*мудири кафедраи фалсафаи назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ҶОЙГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР МАОРИФПАРВАРИИ МИЛЛӢ

Аҳмади Дониш (1827–1897) яке аз симоҳои барҷаста ва калидии маорифпарварии миллӣ ва афкори ҷамъиятии Осиёи Миёнаи охири асри XIX мебошад. Осор ва фаъолияти ӯ намунаи пешқадам дар шароити буҳрони амиқи иҷтимоӣ ва сиёсии Бухорои асри XIX ба шумор меравад. Ахмад Махдуми Дониш аз зумраи мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик дар асри XIX аст,[1] ки ҳамчун файласуф,

[1] Барои иттилои бештар, нигаред: Айнӣ С. Куллиёт. -Ҷ. 7. -Душанбе, 1962; Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Душанбе, 2005; Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмада-Калэ Л., 1936; Богоутдинов А. Очерки по истории таджикской философии. Душанбе, 1961; Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX. Сталинобод, 1959; Раҷабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш, 1964; Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш, Тарҷимаи ҳол ва мероси адабӣ ва илмӣ. -Душанбе, 1976; Ашуров Г.А. Диноршоев М.Д. О просветительской социальной философии А.Дониша, Известия АН, № 3. 1978; Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ (Афкори динию фалсафӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш). -Душанбе, 1994; Самиев Б.Д. Социально-философский анализ взглядов таджикских просветителей о структуре социальных отношений конца XIX и начала XX вв, Душанбе, 2007; Муҳаммад А.Н. Аҳмади Дониш – мутафаккир ва сиёсатмадор. Аҳмади Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон (таҳқиқот). Душанбе. «Дониш». 2017.; Зокиров Н.М. Роль и место религии в мировоззрении Ахмада Дониша. Известия АН РТ серия: Философия и правоведение. № 1-2. 2007; Зокиров Н.М. Меъёру-т-тадаюн»-и Аҳмади Дониш сарчашмаи динӣ ва фалсафӣ. Известия АН РТ. Отдел обществ.наук, №4. 2005; Зокиров Н.М. Инсон ва мақоми он аз назари Аҳмади Дониш. Фарҳанг, 2. 2007; Зокиров Н.М. Религиозно-философские взгляды Ахмада Дониша. Диссертация на

сиёсатмадор, ситорашинос, хаттот ва ҷомеашиноси варзида шинохта шудааст.

Имрӯз вақте дар бораи Аҳмади Дониш сухан меронем, дар он асос аст, ки вай яке аз чеҳраҳои калидӣ дар таърихи маорифпаварии тоҷик ва рушди маънавии ҷомеаи мо ба шумор меравад. Ақидаҳои дархури вай барои бедории маънавии аҳли ҷомеа, рушди маориф, илм ва фарҳанг равона гардида буданд, ки имрӯз низ аз ҷумлаи арзишҳо ба шумор рафта, аҳамияти илмии худро гум накардаанд. Аҳмади Дониш дар замоне зиндагӣ намудааст, ки ҷомеа барои дигаргунӣ ва пешравӣ ниёз дошт. Вай дарк мекард, ки бе дониш ва маърифат ҷомеа рушд намекунад ва танҳо рушди ҷомеа, давлат ва шахс аз маърифат вобаста аст. Аз ин рӯ, Аҳмади Дониш на танҳо як шахсияти варзидаи таърихии миллӣ аст, балки осори ӯ барои ташаккули арзишҳои ноби ҷомеа, таҳкими худшиносию худогоҳӣ ва барои ташаккули насли ҷавон дар ин руҳия кумак менамояд.

Ҳамзамон дар шароити дигаргуниҳои азим ва таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир, андешаҳои дархури Аҳмади Дониш аз аҳамият холӣ нест. Даъватҳои вай барои равиши оқилона, тафаккури интиқодӣ ва арҷгузорӣ ба омӯзиши

соискание ученой степени кандидата философских наук. Душанбе. 2011.; Аҳмади Дониш ва андешаҳои фалсафиву динии ӯ. Аҳмади Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон (таҳқиқот). Душанбе. «Дониш». 2017.; Зокиров Н.М. Ахмад Дониш и его основные реформаторские идеи. Ахмад Дониш и общественно политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX веков. Душанбе. «Дониш».2017.; Зокиров Н.М. Реформаторская концепция Ахмада Дониша. -Душанбе: «Бухоро». 2017.; Аҳмади Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги тоҷикон (таҳқиқот). Маҷмӯи мақолаҳо. Душанбе. «Дониш». 2017.; Ахмад Дониш и общественно политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX веков. Сборник статей. Сборник статей (Посвящается 190 летию А.Дониша). -Душанбе, 2017.

илму маърифат моро водор ба он мекунад, ки ба равандҳои муосири ҷомеа, аз он ҷумла равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, муносибати ҷиддӣ намоем ва аз таҷрибаи таърих баҳрманд гардем.

Агар мо аз назари таърихӣ ба ӯ ва осораш назар андозем, пас Аҳмади Дониш намояндаи барҷастаи маъорифпарварӣ мебошад, ки баҳо додан ба равандҳои ҷомеа аз нигоҳи тафаккури танқидӣ дар асоси маърифат рушди ҷомеаро баҳо додан ва ислоҳот даровардан дар ниҳодҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи ақидаҳои пешқадами ӯ ба ҳисоб мерафтанд. Ӯ нафарест, ки дар таърихи афкори фалсафии халқи тоҷик равияи нав – «фалсафаи иҷтимоӣ – маорифпарварӣ»[2]-ро асос гузоштааст. Ба ибораи дигар, Аҳмади Дониш аз илмҳои замонааш бохабар шуда, фалсафа, астрономия, фанҳои табииро аз худ кард ва омӯзиши ин илмҳо ба он мусоидат намуд, ки ӯ аз доираи тафаккури анъанавӣ берун бароял.

Сафарҳои Аҳмади Дониш ба Руссия дар ҷаҳонбинии вай дигаргуниҳои куллиро ба миён овард. Маҳз рушди шаҳрдорӣ, ҷомеаи пешрафта, муваффақкиятҳо дар илмҳои дунявӣ омилҳое буданд, ки дар ташаккули ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш нақши калидӣ гузоштанд. Аҳмади Дониш дар асарҳояш низоми қафомондаи феодалӣ, ҷаҳолатпарастӣ ва сатҳи пасти маорифро танқид менамояд. Саҳми муҳими Аҳмади Дониш ҳамчун шахсияти миллии маорифпарвар дар ду омили муҳим зоҳир мегардад. Пеш аз ҳама, Аҳамади Дониш маърифат, донишҳои ақлӣ ва ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамчун заминаи асоси рушди ҷомеа мепиндошт. Баъдан, вай дар ташаккули андешаи

---

[2] Ашуров Г.А., Диноршоев М.Д. О просветительской социальной философии Ахмада Дониша. Изв. АН Тадж. ССР. Отдел общественных наук. 1978. –С.48.

ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва тафаккури интиқодӣ саҳми бузург гузошт. Масъалаҳои бесалоҳиятии ҳокимон, суистифода аз мансаб, беҳокимиятӣ, ҷаҳолатпарастии ҳокимон ва таъмини адаолати иҷтимоӣ ва амсоли инҳо аз ҷумлаи масоиле буданд, ки ӯ аввалин шуда ба миён гузошт. Аз нигоҳи имрӯз, Аҳмади Дониш шахситяте варзида ва намояндаи ҷомеаи анъанавӣ дар рӯ ба рӯи давраи нави модернизатсия буд. Андешаҳои вай асоси мактаби маорифпарварии тоҷикро ташкил намуда, барои тарбияи насли нави рӯшанфикр асос гузошта, дар рушди маънавӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат намуданд.

**Чаро Аҳмади Донишро асосгузори маорифпарварии тоҷик номидаанд?**

Аҳмади Дониш ҳамчун чеҳраи тобноки маорифпарварии миллии тоҷик аз он ҷиҳат пазируфта шудааст, ки фаъолияти ӯ, пеш аз ҳама, ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таҷдиди маънавии ҷомеа дар асоси дониш, ақл ва маориф равона гардида буд.

Аз нигоҳи илмӣ-фалсафӣ, мавқеи маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ба принсипҳои ақлгароӣ, таҳлили интиқодии воқеият ва эътирофи дониш ва маърифат ҳамчун омили пешбари рушди ҷамъиятӣ асос ёфтаанд. Маҳз маърифат дар таълимоти маорифпарварии Аҳмади Дониш ҳамчун ниҳоди ичтимоии гуногунҷанба баҳогузорӣ мешавад, ки қодир аст, сохтори ҷомеаро ташаккул диҳад, сатҳи фарҳанг ва сатҳи масъулиятшиносии афроди ҷомеаро баланд бардорад. Маҳз ҳамин гуна мавқеъгирӣ ба мо имкон медиҳад, ки Аҳмад Донишро ҳамчун мутафаккири сатҳи баланди миллӣ, ки аз ҳудуди ҷаҳонбинии анъанавии замонааш фаротар рафтааст, шиносему муаррифӣ кунем.

Ҷанбаи муҳими таълимоти маорифпараварона ва ислоҳотии Аҳмади Дониш дар он зоҳир мегардад, ки вай

ниҳодҳои сиёсӣ ва иҷтимоии замонаашро сахт танқид намудааст. Дар таълимоти вай бар он ишора шудааст, ки бо роҳи зурӣ барҳам додани сохти ҷамъиятии замон роҳи ҳал буда наметавонад ва танҳо аз тариқи тадриҷан бомаърифат намудани аҳли ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии ҳокимон ва ҳукуматдорон метавон ба пешрафту таҳаввулот ноил гардид. Дар таълимоти маорифпарварии Аҳмади Дониш анъана дар муқобили илм қарор надошта, балки асоси дигаргуниҳои маърифатӣ ва зеҳнӣ ба шумор меравад.

Аҳамияти ақидаҳои маорифправарии Аҳмади Дониш дар он зоҳир мегардад, ки он ҳамчун замина ва асоси идеявӣ ва методологӣ барои маорифправарони насли нав хидмат намудааст. Инчунин, идеяҳои ӯ барои ташаккули худшиносӣ ва таҷдиди дигаргуниҳои фарҳангӣ ва маърифатии ҷомеа равона гардидааст. Ҳамин тариқ, Аҳмади Дониш, бе ягон муҳобот, ҳамчун равшанфикри миллӣ шинохта шудааст, мутафаккире, ки авлавияти ақл, дониш ва маорифро ҳамчун омилҳои калидии рушди иҷтимоӣ эътироф карда, сарнавишти таърихии халқро бо идеяҳои пешрафти зеҳнӣ пайваст кардааст.

**Идея-ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш**

Ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш дар доираи афкори ҷамъиятии охири асри XIX ислоҳоти комплексии ҷомеаро дарбар мегирифт, ки метавон дар чанд нукта арзёбӣ кард:

**Якум**, дар таълимоти маорифпарварии вай идеяҳои маърифат ва донишҳои ақлӣ дар мадди аввал меистод. Бино ба ақидаи вай, маърифат асоси пешравии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, вай омӯзиши фанҳое ба монанди математика, астрономия, география, таърих ва дигар

илмҳоро ҳатмӣ мешуморид ва таъкид менамуд, ки бе омӯзиши ин илмҳо ҷомеа дар ҳолати рукуд қарор мегирад.

**Дуюм,** идеяи ислоҳотии Аҳмади Дониш, даровардани ислоҳот дар низоми маориф буд. Мутафаккир муқобили азхудкунии кӯркӯрона буд, ки дар низоми анъанавии замонааш ҷой дошт. Ба ақидаи ӯ, маориф бояд он қудратро дошта бошад, ки инсонро ба тафаккур ва хулосабарорӣ водор намояд.

**Сеюм**, дар осори Аҳмади Дониш танқиди мунсифонаи сохти сиёсӣ ва иҷтимоии амирсолорӣ хеле хуб инъикос ёфтааст. Фасод ва фисқу фуҷуре, ки дар дарбор ва ҷомеаи амирсолории Бухоро иттифоқ афтода буданд, ҳамагӣ реша дар ҷаҳолат, нодонӣ, бехабарӣ ва бемасъулиятии ҳокимону ҳукуматдорон доштанд. Дониш масъалаҳои калидии замон, аз ҷумла мавзуи идоракунии одилонаи давлатро матраҳ намуда, бо такя ба донишу маърифат ва таҷрибаи тулонӣ пешрафти давлатро ба иҷрои адолати иҷтимоӣ ва фазилату масъулияти ходимони динию давлатӣ вобаста донистааст.

**Чорум,** Аҳмади Дониш дар таълимоти ислоҳотхоҳии худ омезиши мутаносиби анъана ва модернро таблиғ намуда, мероси маънавӣ ва фарҳангиро бо дастовардҳои замони нав дар тавъамӣ мумкин донистааст. Дар баробари эҳтироми мероси маънавӣ вай мехост, дастовардҳое, ки Русия барои зиндагии мардумаш муҳайё намудааст, амалӣ созад.

**Панҷум**, дар таълимоти вай масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа дар мадди аввал меистад. Инсони комиле, ки Аҳмади Дониш аз он тамҷид мекунад, инсони масъулиятшинос, созанда ва ободкор аст, ки барои пешравии ҷомеа саҳми худро мегузорад.

Осиёи Миёна, махсусан дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX ба як давраи сифатан нав, ки дигаргуниҳои азимро ба дунбол дошт, ворид гардид. Аксари муҳаққиқон ба

ин назаранд, ки дигаргуниҳои азим дар ин давра рух додаанд. Албатта, барои дақиқи намудани вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангии Осиёи Миёна ҳамроҳшавии минтақаро ба Русияи подшоҳӣ наметавон нодида гирифт, ки он воқеаи муҳим дар таърихи халқҳои минтақа ба шумор меравад: "Албатта сиёсати мустамликавии Русия дар ин минтақа яксон набуд. Хонигариҳои Осиёи Миёна - Бухоро (1753-1920), Хива (1770-1920) ва Қӯқанд (1798-1876) пай дар пай аз ҷониби Империяи Русия дар шароитҳои гуногун забт карда шуданд"[1].

Осиёи Миёна асри XIX ҳудуди имрӯзаи ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Узбекистон, Туркманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистонро дарбар мегирифт, ки ба ҳамчун ҳудуди аморати Бухоро ва хонигариҳои Хива ва Қӯқанд номгузорӣ шуда буд. Қариб дар давоми як аср, ааниқтараш то охири асри XIX ин минтақа ба протекторати Русияи подшоҳӣ ҳамроҳ карда шуд. Сохтори иҷтимоии хонигариҳои мазкур иерархияи табақавӣ буд, ки аз хонҳо, бекҳо, амалдорон, сипоҳиён, ҳунармандон, савдогарону деҳқонон иборат буд. Дар хонигариҳо ба масъалаи авлодию қабилавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд. Инчунин, руҳониён низ мавқеи муҳим доштанд.

Аз лиҳози иқтисодӣ, минтақаи мазкур қафомонда буда, дар он кишоварзӣ ва чорводорӣ ва тиҷорати маҳсулоти ин соҳаҳо роиҷ буд. Бояд қайд намуд, ки аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, муносибатҳои сармоядорӣ шакл гирифта,

[1] Зиёдов Ш. Мусульманские источники по истории Средней Азии периода присоединения её к России. Материалы международной научно-практической конференции «Инновационные подходы к изучению языка, литературы, перевода, туризма и культурного наследия на Шелковом пути», 3-4 мая 2024 года. Электронный ресурс: https://zenodo.org/records/11098712. День обращение: 19.12.2025.

баъзе корхонаҳои хурди саноатӣ ба вуҷуд меомаданд. Муносибатҳои тиҷоратӣ низ рушд менамуданд, ки он ба шоҳроҳи бузурги Роҳи абрешим вобастагӣ дошт.

Ҳаёти маданӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна дар ин давра дар маҳдудаи исломи суннатӣ шакл гирифта, марказҳои асосии фарҳангӣ ва маданӣ масҷидҳо ва мадрасаҳо маҳсуб меёфтанд. Меъмории шаҳрҳо низ дарбаргирандаи мардумони форснажод, туркнажод ва анъанаҳои маҳаллӣ буданд.

Аз нигоҳи геополитикӣ, Осиёи Миёна дар зери бархурди таъсири абарқудратҳо -- Британияи Кабир ва Русияи подшоҳӣ қарор гирифта буд, ки ба истилоҳ, нақшаҳои "Бозии бузург" амалӣ мегардид. Марказҳои бузурги маъмурӣ-сиёсӣ шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Қӯқанд, Хива ва Тошканд ба шумор мерафтанд, ки дар онҳо тахминан дар нимаи дуюми асри XIX аз 5 то 6 миллион нафар зиндагӣ мекарданд. Дар худи Бухоро -- пойтахти аморат аз 60 то 70 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекарданд.

Чуноне қайд намудем, марказҳои асоси фарҳангӣ дар ин давра мактабҳо ва мадарасаҳои динӣ буданд, ки бино ба ақидаи муҳаққиқон, дар онҳо илмҳои фиқҳ, илоҳиёт, мантиқ, адабиёт ва амсоли инҳо омӯзонда мешуд. Бузургтарин мадарасаҳо Мири Араб ва Кукалтош маҳсуб меёфтанд, ки дар онҳо толибилмон аз тамоми минтақаҳои Осиёи Миёна ҷалб мешуданд. Барномаҳои таълимӣ асосан динӣ буданд ва дар баъзе мадрасаҳо мантиқ ва асосҳои илмҳои табиӣ омӯзонда мешуданд.

Яке аз сарчашмаҳои пайдоиши ҳаракати ҷадидия, ки бевосита дар ибтидои асри XX дар зери таъсири воқеаҳои сиёсӣ зуҳур намуд, таъсири ақидаҳои Аҳмади Дониш будааст. Муҳаққиқи тоҷик, таърихшинос Намоз Ҳотамов чунин қайд мекунад: "Ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш яке

аз сарчашмаҳои зуҳури ҳаракати ақидавӣ-сиёсии нав буд, ки дар таърих бо номи ҷадидия ё ҷадидгарой машҳур аст".[2]

Бухоро аз замонҳои қадим яке аз марказҳои таълимии эътирофшудаи таълимоти исломӣ дар Шарқ маҳсуб меёфт, ки дар арафаи саранагуншавии аморати амирӣ дар он 150 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард. Аз рӯи баъзе маълумотҳо, дар пойтахти аморат 360 масҷид ва 103 мадраса фаъолият мекард, ки дар онҳо 200 000 толибилмон таҳсил мекарданд.[3]

" Руҳонияти исломӣ дар аморат аз лиҳози иқтисодӣ қишри ҳукмрон ба шумор мерафт. Масҷид, мадрасаҳо ва дигар муассисаҳои динӣ соҳибони заминҳои зиёд ва хубу корам буданд, ки бо номи "заминҳои вақфӣ" машҳур буд".[4]

Ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, ки дар фазои маънавии замонаш равияи пешқадам ва тараққихоҳона ба шумор мерафтанд, дар натиҷаи шиносоии ӯ бо Россия ба вуҷуд омада буданд. Пас аз сафарҳояш ба Петербург, Аҳмади Дониш ақибмондагӣ ва вазъи нохуби сохтори иҷтимоӣ, ҳамчунин сатҳи пойини ҳаёти фарҳангӣ ва илмии кишвари худро дарк кард. Ӯ мефаҳмид, ки барои он ки намояндагони пешрафтаи илму адаб ва умуман, табақаҳои васеи мардум аз ҳолати воқеии кишвар огоҳ шаванд, пеш аз ҳама, бояд диққати онҳоро ба сӯи давлати пешрафтаи Россия ҷалб намуд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар асарҳои ӯ масъалаи таблиғ ва ташвиқи ҳаёти

---

[2] Хотамов Н. Ахмад Дониш и бухарские джадиды. Статья в сборнике: Ахмад Дониш и общественно-политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX вв. (Посвященной 190-летию Ахмада Дониша). -Душанбе, 2017. С.6.

[3] Климович Л. Ислам в Царской России. -М., 1936. С.100.

[4] Воҳидов Ш. Ученик и последователь Ахмада Дониша Домулло Икромча муфтии Бухоро (1847-1925) // Ахмад Дониш и общественно-политическая мысль народов Центральной Азии во второй половине XIX и начале XX вв. (Посвященной 190-летию Ахмада Дониша). -Душанбе, 2017. С.30.

иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии мардуми рус ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад.

Асосан Аҳмади Дониш дар ду боби асари «Наводир-ул-вақоеъ» сафарҳои худ ба Россияро муфассал баён кардааст. Аҳмади Дониш се маротиба ба Россия сафар кардааст. Бори аввал дар солҳои 1856–1857 бо фармони амир Насруллоҳ ҳамчун котиби элчӣ сафар намуд. Бори дуюм дар солҳои 1868–1869 ба Петербург сафар кард ва бори сеюм ин сафар дар соли 1873 сурат гирифт. Дар ин қисматҳо нависанда аз сатҳи баланди санъати мусиқӣ ва ҳунари театрии мардуми рус, аз фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва саноатӣ, сохтмони киштиҳои уқёнусгард ва пулҳои болои дарёи Нева, инчунин аз тарзи зиндагӣ, расму ойин ва одатҳои мардум бо таваҷҷуҳи зиёд ва эҳсосоти самимӣ нақл мекунад. Мутафаккир, ҳамчунин ёдовар мешавад, ки пас аз дидани донишу маҳорати ӯ яке аз вазирони рус — Стремоухов — ба ӯ глобус, яъне кураи замин ва осмонро ҳадя кардааст. Бо тарғибу таблиғи фарҳанг, илму маърифати рус, Аҳмади Дониш мехост дар ҳаёти маънавӣ ва илмии Аморати Бухоро усулҳои нав, махсусан роҳу равишҳои русӣ ва аврупоиро ҷорӣ намояд.

Ин сафарҳо дар ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш як ҷаҳонбинии нав ва тозаеро боз карданд. Вай бо илму фарҳанг, низоми идоракунӣ ва баъзе рӯйдодҳои сиёсии Русия ва Аврупо хубтар ошно гардид ва дарк кард, ки Аморати Бухоро дар ҳамаи ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ ақибмонда аст. Баъди дидани пешрафти фавқулоддаи Русия — тараққиёти саноат ва техникаи ҳарбӣ, санъати меъморӣ ва дигар соҳаҳо, ӯ ба ин бовар омад, ки агар ба инсон илму маърифат дода шавад, ӯ қодир аст, ки дар рӯи замин муъҷизаҳои аҷиб эҷод кунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми андешаҳо ва ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар он зоҳир мегардад, ки ӯ нисбат ба сохтори кӯҳна ва фарсудаи феодалӣ ва низоми

идоракунии давлатие, ки бар пояи он бунёд ёфта буд, муносибати манфӣ дошт. Ӯ дар асарҳои худ камбудиҳо ва норасоиҳои тартиботи амoратро шадидан интиқод карда, намояндагони табақаҳои ҳукмронро бо ҳазлу танзи тезу бурро дар назди ҷомеа ошкор месохт.

Аҳмади Дониш ақидаҳои маорифпарваронаи худро ба чанд бахш тақсим кардааст:

- ислоҳоти иқтисодӣ;
- ислоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ;
- ислоҳоти динӣ (тасҳеҳи шуури динӣ);
- ислоҳоти фарҳангӣ ва таълимӣ.

Аҳмади Дониш пояи асосии ҳокимиятро дар адлу адолат медонад. Ӯ бар он таъкид менамояд, ки подшоҳ бояд ҳамаи корҳои давлатиро бо такя ба ақл анҷом диҳад. Ба андешаи ӯ, адолат натиҷаи камолоти ақл аст ва шахсе, ки ақл надорад, наметавонад одил бошад. Аз ҳамин сабаб, Аҳмади Дониш зарур мешуморад, ки ҳамеша дар сари қудрат шахси донишманду бофарҳанг қарор гирад, ки фаъолияташро бар асоси ақл ва хирад ба роҳ монад.

Аҳмади Дониш зарурати ҷорӣ намудани низоми вазоратдорӣ, яъне парлумонро пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ, дар чунин ниҳод бояд намояндагони ҳамаи табақаҳои ҷомеа ширкат варзанд ва масъалаҳои муҳими кишвар маҳз дар ҳамин маҷлиси машваратӣ баррасӣ гардида, пас аз розигии умум амалӣ шаванд. Ин андешаи Аҳмади Дониш барои замони худ бисёр пешрафта ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар асари «Наводир-ул-вақоеъ», инчунин дар «Рисолаи таърихӣ» ва дигар навиштаҳояш манфиатҳои мардумони меҳнаткаш, хусусан табақаи деҳқононро бо эҳсоси ҳамдардӣ ва некхоҳӣ ҳимоя кардааст.

Дар осори Аҳмади Дониш масъалаҳои таблиғи илму маърифат, омӯзиши илмҳои табиӣ ва дунявӣ, инчунин аз худ

кардани касбу ҳунар ҷойгоҳи хос доранд. Ба ҳамин васила, ӯ зарурати пайваст намудани илму фанро бо зиндагӣ, воқеияти ҳаёт ва ниёзҳои ҷомеа матраҳ месозад. Аҳмади Дониш орзу дошт, ки дар мадрасаҳои Бухоро омӯзиши илмҳои техникӣ ва табиӣ, аз ҷумла фанҳои физика ва химия, ки дар кишварҳои пешрафта таълим дода мешуданд, ҷорӣ карда шавад.

Аҳмади Дониш пешрафти илму маорифро дар Русия бевосита мушоҳида намуда, ба ин натиҷа расид, ки рушди илм ва низоми маориф омили асосии тараққиёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Ӯ чунин дастовардҳоро хоси Русия ва кишварҳои пешрафтаи Аврупо дониста, тартибу низоми давлатдории амирони манғитияро шадидан интиқод менамояд. Ба андешаи мутафаккир, пешрафти ҷомеа бе густариши илму маърифат, маориф ва тарбияи дурусти инсон ғайриимкон аст. Аҳмади Дониш аз тарзу усулҳои таълим дар мактабу мадрасаҳои Бухоро қаноатманд набуда, онҳоро якҷониба арзёбӣ мекунад, зеро дар онҳо асосан ба омӯзиши забони арабӣ ва талаботи дини ислом таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, дар ҳоле ки илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ нодида гирифта мешуданд. Ӯ қайд менамояд, ки донишҳои вобаста ба табиатшиносӣ ва ҳунарҳои хаттотиро берун аз доираи таълими расмии мадраса аз худ кардааст. Мутафаккир усулҳои таълим дар мадрасаҳо, бахусус тарзи омӯзиши забони арабиро сахт мавриди танқид қарор дода, дар натиҷаи сафарҳояш ба Русия ба хулоса меояд, ки омӯзиши забонҳо, аз ҷумла забони арабӣ, метавонад бо усулҳои муосир ва самаранок ба роҳ монда шавад.

Муаллиф менависад: "Агар гӯӣ, илми русум муқаддимот-ул-маърифати илми ҳақиқӣ аст ва мафқуфун алайҳ. Гӯем: Насорою куффори Фаранг аз ғайри тааллуми сарфу наҳв ва мантиқ ба муҷарради тарҷумаи каломи муфраду мураккаби араб чунон маҳорат пайдо мекунад, ки ба забони мутаадида

ҳадису оятро тафсиру таъбир мекунад (аз ғайри тааллум), бе он ки тайи муқаддимот кунанд (аз мубтадову хабар ва ҷору маҷрур ва фоилу мафъул)"[5]

Дар мадрасаҳо низоми воҳид ва муназзами таълим вуҷуд надошт ва ин боиси паст гардидани сифати омӯзиш мегардид. Толибилмоне, ки аз ҷиҳати молиявӣ таъмин набуданд, имкони пардохти ҳаққи таҳсилро надошта, аз идомаи таълим маҳрум мешуданд. Амир низ ба соҳаи маориф, такмил ва беҳбуди раванди таълим маблағ ҷудо намекард. Аҳмади Дониш чунин вазъиятро шадидан мавриди интиқод қарор дода, зарурати анҷом додани ислоҳоти ҷиддии маорифро таъкид менамояд. Ба таъкиди устод С. Айнӣ, Аҳмади Дониш дар асари «Наводир-ул-вақоеъ» муллоёни расмиро сахт танқид намуда, фасоди мавҷуд дар муносибатҳои миёни умаро ва уламо, камбудиҳои усулҳои таълим, ҳамчунин беарзиш ва нодаркор будани аксари маводи таълимии мадрасаҳоро бо ҷасорат ва ошкоро баён кардааст.

Устод С.Айнӣ ҳолати мадрасаҳои аморати Бухороро хуб медонист. Андешаҳои Аҳмади Донишро оид ба сифати пасти таълими мадрасаҳо тасдиқ намуда, навиштааст, ки "Шарҳ ва ҳошияҳо ба ҳадде зиёд шудаанд, ки ба масъалаҳои асосиии ҳеҷ як илму фан навбат нарасида, муддати 18-20 солаи ҳаёти мадрасагии талаба ба омӯзиши дебоча ва Хутбаю "Шарҳи Мулло"- ҳошияи Қутбӣ, Шарҳи Ақоиди Насафӣ, Таҳзиб, Ҳикмат-ул-айн ва Мулло Ҷалол барин 5-6 китоб, ба ҳошияи онҳо ва ба ҳошияи ҳошияҳои онҳо сарф мешуд.

Фанҳое чун ҳисоб, ҳандаса, таърих, тиб ва амсоли инҳо ба номи худ нест шуда рафтанд".[6]

---

[5] Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасар аз таърихи хонадони манғития. -Душанбе, 1992. С.96.

[6] Ҳамон ҷо. С. 111.

Чунин тарзу усулҳои таълиму тарбияи мадрасаҳои Бухоро боиси коҳиш ёфтани шавқу рағбати толибилмон мегардид. Бисёре аз хонандагон солҳои тулонӣ ба таҳсил машғул мешуданд, вале сатҳи зарурии саводнокиро ба даст намеоварданд. Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки соҳаи маориф дар аморати Бухоро нисбат ба кишварҳои дигар, аз ҷумла Русия, дар ҳолати ақибмондагӣ қарор дошт. Ба андешаи ӯ, мардуми Аврупо ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, маҳз дар натиҷаи ин равиш ба дастовардҳои назарраси илмӣ ва техникӣ ноил гардидаанд.

Маорифпарвар хуб дарк мекард, ки дар шароите, ки ҷаҳолат, зулм ва истибдод ҳукмфармо мебошад, пешниҳоди андешаҳои наву пешрафта кори осон нест. Зеро мансабдорон аз тарси аз даст додани мавқеи худ ба ҳар гуна ислоҳоти ҷиддӣ муқовимат нишон медоданд. Аз ин рӯ, мутафаккир андешаҳои сиёсӣ ва маорифпарваронаи худро бо эҳтиёткорӣ баён кардааст. Ӯ ба амир маслиҳат медиҳад, ки барои таҳкими давлат ва такмили низоми давлатдорӣ ба соҳаи таълиму тарбияи мадрасаҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд. Аҳмади Дониш бар он ақида буд, ки тайёр намудани мутахассисон дар соҳаҳои тиб, истеҳсолот, обёрӣ ва дигар бахшҳо бидуни омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ғайриимкон аст. Ӯ дар рисолаҳо ва ҳамчунин дар суҳбатҳои худ бо амир ва мансабдорони дарбор пайваста кӯшиш намудааст, ки онҳоро ба зарурати ислоҳоти сиёсӣ ва такмили соҳаи маориф муътақид созад ва амирро ба ҷалби донишмандони соҳаҳои гуногун ба дарбор ташвиқ намояд.

Муаллиф дар асари «Наводир-ул-вақоеъ» бо истифода аз баёни бадеӣ ҷараёни рушди илму фарҳанги Аврупоро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ на танҳо дар бораи дастовардҳои илмӣ-техникӣ, аз қабили бунёди роҳҳои оҳан,

киштисозӣ, сохтмони биноҳо ва кашфи маъданҳо, балки ҳамчунин оид ба омӯзиши асрори замину осмон маълумот пешниҳод менамояд. Дар баробари ин, муаллиф сокинони Бухороро аз он огоҳ месозад, ки олимони рус ва аврупоӣ масъалаҳои мураккаби илмиро мавриди таҳлил қарор медиҳанд, аз ҷумла саволҳоеро чун: "Чаро инсон то ҳол имкони парвоз ба осмонро надорад" ва "Оё сафар ба дигар сайёраҳо барои инсоният имконпазир хоҳад шуд ё не? матраҳ месозад. Тарҳи чунин масъалаҳо ҳадафи бедор намудани ҷомеаи дар ғафлат мондаи Бухороро дорад.

Аҳмади Дониш таъкид мекунад, ки халқҳои рус ва аврупоӣ ба дастовардҳои назарраси илму техника ноил гардидаанд ва ин пешрафт, пеш аз ҳама, натиҷаи ба таври дуруст роҳандозӣ шудани низоми таълиму тарбия мебошад. Мутафаккир амирро ба рушди илму маориф даъват намуда, зарурати эҳтиром ва дастгирии олимону донишмандонро таъкид мекунад.

Ғояҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар рисолаи «Дар васояти фарзандон ва баёни ҳақиқати касбҳову пешаҳо» боз ҳам возеҳтар ифода ёфтаанд. Дар ин асар мутафаккир инсонро ҳамчун субъекти ҷомеа муаррифӣ намуда, нақши ҳалкунандаи тарбияро дар ташаккули шахсият нишон медиҳад. Ба ақидаи ӯ, кӯдак нахустин маротиба маҳз дар муҳити оила ба зиндагии иҷтимоӣ ворид мегардад. "Ва ҳар кӣ аз абнои ҷинси шумо ба ҷаҳон омадааст, -- менависад муаллиф, -- баъд аз он ки аз канори модар бархост, майл ба лаъбу давидан меорад ва ғалтидан ва бархостан. Чун сукунат ва вақори мардум мебинад, кам-кам аз он доия мутақоид мешавад"[7].

---

[7] Дониш А. "Наводир-ул-вақоеъ". С.112

Инсон бо расидан ба синни камол барои таъмини ниёзҳои аввалияи зиндагӣ, аз қабили хӯроку пӯшок, ба дарёфти воситаҳои моддӣ мекӯшад, аммо тадриҷан дармеёбад, ки ба даст овардани сарват бидуни доштани касбу ҳунар ё фаъолияти меҳнатӣ ғайриимкон аст. Мутафаккир бори дигар ба низоми таълиму тарбияи мадрасаҳо рӯ оварда, бо изҳори таассуф таъкид менамояд, ки дар ин соҳа камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуданд. Ба андешаи ӯ, толибилмони мадраса қисми зиёди вақти арзишманди худро беҳуда аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, муаллиф дар насиҳат ба фарзандон омӯзиши илмҳои дунявиро зарур мешуморад ва тавсия медиҳад, ки онҳо касбу пешаҳоеро интихоб намоянд, ки тавонанд сатҳи зиндагӣ ва шароити маишати онҳоро беҳтар таъмин созанд. Ба назари маорифпарвар, он илмҳо ва ҳунарҳое, ки барои ҷомеа ва манфиати мардум судманд нестанд, бояд рад карда шаванд. Аз ин лиҳоз, касбу ҳунар ва дониш воситаи асосии дарёфти ризқи ҳалол ба ҳисоб мераванд.

Аҳмади Дониш бар пояи таҷрибаи шахсии худ медонист, ки омӯзиши илм заҳмату кӯшиши зиёдро талаб менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки агар инсон ба фаъолияти муайян шавқу рағбат надошта бошад, наметавонад онро ба таври комил аз худ намояд. Мутафаккир хотирнишон месозад, ки ҳангоми ба дабиристон фиристода шудани Аҳмади ҷавон, азбар кардани Қуръон барои ӯ кори осон набуд: "чунки, - ба хотир меорад мутафаккир, - лукнат бар забон доштам ва ба душворӣ сабақе ҳифз мекардам ва ба такрори бисёр ҳавсала надоштам. Ҳамин ки аз мактаб берун мешудам, дар маъракаи таъриххонон ҳозир мешудам ва бар он рағбате ва шавқе дар табиат доштам".

Дар ҷомеа пешаи табибӣ ҳамчун яке аз касбҳои мақбул ва назди мардум мақоми хосса дорад, аммо сохтори аморати Бухоро рушди ин соҳаро маҳдуд сохта буд. Барои тайёр

намудани табибони воқеӣ тадбирҳои муассир андешида намешуданд. Ба таъкиди мутафаккир, аксари табибони мавҷуда сатҳи дониши кофӣ надошта, бе омӯзиши зарурӣ ва бидуни гузаштан аз марҳилаи шогирдӣ назди устодон ба фаъолияти табобатӣ машғул мегардиданд. «Онҳо аз китобҳо баъзе усулҳои табобатро нафаҳмида истифода мебаранд ва сабаби ҳалокати одамони бемор мегарданд".

Мутафаккир вижагиҳо ва ҷойгоҳи ҳар як касб ва ихтисосро шарҳ дода, ҷавононро ба он ҳидоят менамояд, ки ҳангоми интихоби соҳаи фаъолият онро бо нияти пок ва масъулияти ахлоқӣ анҷом диҳанд. "Дар ҳар пеша, - навиштааст муаллиф, - ки мубошири он мешавед, бояд, ки аввал нияту ихлоси худро саҳеҳ гардонед ва матлабро дуруст ва покиза созед".

Аҳмади Дониш нозукиҳо ва хусусиятҳои ҳар як касбу ҳунарро хуб медонист. Ӯ ҷавононро тавсия медиҳад, ки касберо мутобиқ ба шавқ ва хоҳиши дил интихоб намуда, онро чуқур ва ҳамаҷониба аз худ намоянд.

Ба андешаи мутафаккир, ҷавонони лаёқатманд ва меҳнатдӯст дар байни мардум ба осонӣ муайян мешаванд. Онҳоро интихоб карда, барои таҳсил ба кишварҳои дигар мефиристанд, то дар он ҷо мутахассисони воқеӣ шаванд ва пас аз бозгашт ба Ватан дар рушди ҷомеа ва ободонии кишвар саҳм гузоранд. Худи мутафаккир ҳангоми сафарҳояш ба Русия мушоҳида намудааст, ки давлат ба омода намудани мутахассисон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар он ҷо ҷавонон илмҳои дақиқ ва табиатшиносиро меомӯзанд ва дар оянда ба касбҳои гуногуни замонавӣ рӯ меоранд. Муаллиф пешрафти давлатҳои дигарро маҳз дар рушди илму техника ва рушди мутахассисон мебинад.

Дар муқоиса, дар аморати Бухоро ба инкишофи илмҳои дақиқ аҳамияти кофӣ дода намешуд. Муаллиф таъкид мекунад, ки амири Бухоро худро ҳокими бузурги замон

мешуморид, аммо аз дигаргуниҳои илмӣ, техникӣ ва фарҳангие, ки кишварҳои дигар ба даст оварда буданд, бехабар буд. Дар натиҷа, Бухоро кишвари ақибмонда боқӣ монд ва ҳокимонаш куҳнапараст ва маҳдуданд.

Аҳмади Дониш ҷавононро даъват мекунад, ки забони русиро омӯзанд ва аз илму фарҳанги пешрафтаи ин кишвар баҳравар гарданд. Ӯ бо таассуф зикр мекунад, ки бинобар маҳдудияти вақт худ натавонистааст ин забонро омӯзад. Муаллиф бо ёдоварӣ аз пешрафти илму техника ва низоми маорифи Русия, аҳли зиё ва ҷавонони Бухороро ташвиқ менамояд, ки ба омӯзиши илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ рӯ биоранд ва кишвари худро ба сатҳи рушди кишварҳои пешрафтаи Фаранг ва Русия расонанд.

Аҳмади Дониш чандин маротиба ба масъалаи фарҳангу забони русӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ба амир Музаффар ва баъдтар ба амир Абдулаҳад маслиҳат медиҳад, ки аз Русия мутахассисони ҳарбӣ, табибон ва муаллимони забони русиро даъват кунад. Дар доираи машваратҳо. Аҳмади Дониш аз амирони вақт даъват мекард, ки ҷавононро барои омӯхтани касбу ихтисосҳои гуногун ба Русия ва дигар кишварҳои аврупоӣ фиристанд, то ин ки мутахассисони хуби соҳаҳо шуда, ба кишвар бозгардида, дар хидмати мардум ва давлат қарор бигиранд.

Мутафаккир ислоҳоти ҷиддии соҳаи маорифро пешниҳод кардааст. Ӯ дарк карда буд, ки Осиёи Марказӣ аз дигар кишварҳо ба куллӣ қафо мондааст. Сабаби чунин ҳолат маориф аст. Таълими илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, сипас омӯхтани касбу пешаҳои замонавӣ ба инкишофи илму техника мусоидат менамояд. Аҳмади Дониш афсӯс мехӯрад, ки бо сабаби бемаърифат ва бефазилат будани амир ва мансабдорон чунин талаботи замонаро дарк намекунанд ва хоҳиши дигаргун намудани тарзу усули давлатдориро

надоранд. Барои ин тӯдаи ғафлатзада ғорат кардани мардум ва маишату бадахлоқӣ мақсади асосӣ гардидааст. Ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ба ҳимояи манфиати деҳқонон ва дигар табақаҳои заҳматкаши ҷамъият нигаронида шудаанд. Мутафаккир боварии комил дорад, ки агар соҳаи маориф сифатан дигар шавад, барномаи таълим такмил ёбад, ҳатман ба инкишофи илму техника мусоидат мекунад. Дар натиҷа ҷамъият тараққӣ мекунаду дараҷаи зиндагии мардум баланд мешавад.

Андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш дар мавриди ислоҳоти усул ва тарзи таълим дар мадрасаҳо, таъсиси мактабҳои нав, ҷорӣ намудани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, тарбияи мутахассисон дар хориҷа, даъват ва ҷалби муаллимони забони русӣ, роҳандозии корҳои маъмуриву давлатӣ бо иштироки донишмандони фозил, пешгирӣ аз ришвахорӣ ва дигар тадбирҳо то ҳанӯз аҳамияти амалӣ ва замонавӣ доранд.

**Дидавар БЕКЗОДА,**
*равоншинос*

# САРГУЗАШТИ АДАБИИ АНТОН ПАВЛОВИЧ ЧЕХОВ (1860-1904)

1. Даврони наврасӣ

Зодгоҳи нависанда Антон Чехов шаҳрчаи музофотии ҷануби Таганрог (шаҳре дар вилояти Ростов) буд. Дар масофаи шаст чақрим (зиёда аз як километр) аз ин шаҳр мулки граф Платов воқеъ аст. Дар он ҷо бобои А.П.Чехов ба сифати амини мулк (хизматгузори хоҷагӣ) хизмат мекард. Ӯ марди соҳибтадбири суботкоре буда, ки то замони “озодӣ”, пул дода, бо оилааш аз асорати крепостноӣ халос шуда буд.

Антон Чехов дар солҳои бачагиаш дар вақтҳои таътили тобистонӣ ба аробаи барзагов басташуда савор шуда, аз мобайни дашт гузашта, ба хонаи бобояш мерафт, ва ин сафарҳо муддати дароз дар хотири ӯ монда буданд. “Ман моҳҳои дароз дар дашт зиндагӣ мекардам ва онро дӯст медоштам ва ҳоло ки ба хотир меоварам, дашт ба назарам мафтункунанда менамояд”,-навишта буд А.Чехов.

Ҳаёти давраи бачагии Антон Чехов хеле вазнин буд. Падари ӯ Павел Егорович одами сахтгиру сангдил буд. Вай зиндагии пурмашаққатро аз сар гузаронида буд. Павел Егорович аввал крепостной, баъд приказчик (савдогар) шуда кор карда, бо таъбири он замон бо душворӣ “ба қатори мардум даромад” ва дар Таганрог дӯкончае кушод. Нисбат ба фарзандонаш сахтгир буд, онҳоро бо химча мезад ва маҷбур мекард, ки дар дӯкон нишаста савдо кунанд, дар дастаи ҳофизони калисо суруд хонанд. Антон Павлович баъдтар ба бародараш навишта буд: “Ман аз ту илтимос мекунам ба хотир биёр..., ки бедодгарӣ ва

риёкорӣ рӯзгори моро дар айёми бачагӣ ба дараҷае талх карда буданд, ки ба ёд овардани он нафратовар ва даҳшатангез аст. Он даҳшат ва нафратеро, ки мо як вақтҳо ҳис мекардем, ба хотир биёр, ки падарам дар сари дастархон барои сернамак шудани шӯрбо ғавғо мебардошт ё модарамро аҳмақ гӯён дашном медод. Падарам ҳоло барои ҳамаи он кирдорҳояш худро ба ҳеҷ ваҷҳ маъзур дониста наметавонад".

А.Чехов дар муҳити дӯкондорони майда ситамгарию дағалии баъзеҳо ва лаганбардории бандаворонаю чоплусии дигаронро доимо мушоҳида мекард. Бинобар ин ӯ тамоми умраш бандагию разилӣ, ҷабру риёкориро бад медид. Дар вай майлу кӯшиши "аз худ қатра-қатра фушурда баровcovarда партофтани хислати бандаворона", орзуи мустақил ва озод будан меафзуд. Бародари Антон Павлович, Александр, ба ёд оварда мегӯяд, ки ӯ аз ҳуқуқи бародари калонӣ истифода карда, бисёр вақт додарони хурдсолашро "зарбаҳои бунигарданӣ ва торсакӣ" мезадааст; ин кор ба назари ӯ тамоман табиӣ менамудааст. Аммо як воқеаи бо Антон рӯйдода ба ӯ сахт таъсир карда, чашми ӯро кушодааст ва ҳатто дар калонсолиаш ҳам ӯро азоби виҷдон медодааст.

"Дар хотир дорам, ки ману ту,-навишта буд баъдтар бародари калонӣ Александр,-боре дар дӯкони падарам хӯҷаин шуда монда будем...Дар ҳамон вақт аввалин бор характери мустақилонаи ту зоҳир шуд, таъсири ман, ки аз ту калон будам, барҳам хурдан гирифт. Ман он вақт ҳар қадар беақл бошам ҳам, инро ҳис кардан гирифтам...Барои он ки боз туро ба худам зердаст кунонам, ман бо тунукапорае ба сари ту задам...Ту дӯконро партофта, ба пеши падарам рафтӣ". Александр гумон карда буд, ки Антоша рафта ба падараш шикоят мекунад, бинобар ин "шаллоқи сахтеро нигарон буд". Аммо Антоша шикоят накард ва баъд аз чанд соат бо ҷӯраҳояш аз пеши дӯкон гузашта, ба сӯи бародараш, ки ӯро

ранҷонда буд, ҳатто назаре наандохт. Ин ҳол ба Александр сахт таъсир кард ва дар вай ҳаваси дағалона зӯрӣ нишон доданро барои ҳамеша барҳам дод. Ба Антоша модараш Евгения Яковлевна, ки зани одии рус буд, таъсири калон расонд. “Модарам зани бисёр некдил, ҳалим ва оқила аст, ман ва бародаронам бисёр чизҳоро аз модарам омӯхтаем”,-навишта буд баъдҳо нависандаи машҳур. Ӯ мегуфт, ки истеъдоди худи ӯ ва бародарону хоҳараш аз падар, лекин сират ва характери онҳо аз модар мондаанд.

Оилаи Чеховҳо оилаи пуристеъдоди русӣ буд. Павел Егорович ғиҷҷак менавохт, суруд мехонд, расм мекашид. Ду бародари Антон Павлович-Александр ва Михаил-баъдҳо нависанда шуда буданд; бародари бармаҳал вафоткардааш Николай, рассоми хубе буд, ки истеъдоди дурахшоне дошт, Иван педагоги намоён буд; хоҳараш, Мария Павловна, дӯсти наздиктарини Антон Павлович,-рассом буд. Дар музеи Ялта расмҳо, портретҳое, ки Мария Павловна ва Николай кашидаанд, маҳфуз мебошанд.

Падари Антоша Чехов ба Таганрог омада ва дар ин ҷо сарват ҷамъ кардани юнониҳои савдогарро медид. Павел Егорович орзу дошт, ки фарзандонаш давлатманд шаванд ва ӯ гумон мекард, ки агар онҳоро ягон юнонӣ таълим диҳад, онҳо мақсади падарро ба амал мебароранд. Бинобар ин, вақте ки Антоша ҳафтсола шуд, падараш ӯ ва Николайро ба мактаби хусусии Вучина ном юнонӣ даровarда монд. Ин юнонӣ, чунон ки  баъдҳо маълум шуд, як одами ҷоҳили моҷароҷӯе будааст. Ӯ дар як вақт ба панҷ синф дарс медод: талабагон дар як хона ба болои панҷ харак менишастанд. Чораи асосии таъсир расондан ба талабагон дар ин мактаб химчазанӣ буд. Баъд аз як сол маълум шуд, ки Антон ва Николай чизе ёд нагирифтаанд, бинобар ин падарашон онҳоро ба гимназия бурд.

Чехов дар гимназияи Таганрог ёздаҳ сол хонд (аз соли 1868 то соли 1879); дар синфҳои поёнӣ ду бор ба синфи боло гузашта натавониста, ба соли дигар монд. Барои рафтани Антоша ба дарс доимо монеъ эҷод мекарданд: ӯ мебоист гоҳ дар дӯконча ба ҷои падараш менишаст, гоҳ дар дастаи ҳофизони калисо суруд мехонд, гоҳ ҳунари мӯзадӯзиро меомӯхт.

Корҳои тиҷоратии Павел Егорович барор намегирифт. Дар соли 1876 ӯ тамоман бенаво гардида, маҷбур шуд, ки аз Таганрог баромада равад. Дар он вақт писарони калони вай дар Москва манзил гирифта буданд: Александр ба университет, Николай ба омӯзишгоҳи рассомӣ ва ҳайкалтарошӣ даромада буданд. Павел Егорович қарор дод, ки бо аъзоёни дигари оила ба Москва кӯчад. Дар он ҷо ӯ бо маоши андак ба хизмати приказчикии (савдогари хурд) дӯкони як савдогар даромад.

Дар Таганрог танҳо Антони шонздаҳсола монд. Антони ҷавон се сол тамоман мустақилона умр ба сар бурд: ӯ дар синфҳои охирини гимназия мехонд, дарс медод, чизҳои боқимондаи хонаро мефурӯхт, то ин ки на танҳо таъмини маишати худ кунад, балки ба оилаи муҳтоҷи дар Москва буда низ, ёрмандӣ карда тавонад. Дар он солҳо Чехов ба таври ҷиддӣ, суботкорона ва устуворона мехонд. Ӯ меҳнатдӯст, боинтизом, нисбат ба одамон ғамхор буд, ва дар худ ҳисси эътибори инсонӣ мепарварид. “Дар байни мардум эътибори худро шинохтан лозим аст”,-навишта буд он вақтҳо ба бародари хурдиаш.

Муаллимон ва мураббиёни гимназия Чехови ҷавонро қонеъ карда наметавонистанд. Дар дили ӯ ҳусни таваҷҷуҳ ва шавқу завқ пайдо карда наметавонистанд. Ӯ баъдтар онҳоро “ҷисмҳои беҷон” ва одамони ғилофпӯш номида буд. Муаллимон аз талабагони худ хушку холӣ азёдкунии дарсҳоро

талаб мекарданд ва аз роҳ ёфтани ғояҳои озодидӯстӣ ва “рӯҳи либералӣ” тарсида, аз қафои талабагони гимназия поида мегаштанд. Дӯсти ҳақиқии Чехови гимназист китоб буд; ӯ асарҳои классикҳои рус ва Европаи Ғарбӣ: Толстой, Тургенев, Гончаров, Сервантесро ҳамеша бисёр мехонд; асарҳои мунаққидони демократи рус: Белинский, Добролюбов ва Писаревро меомӯхт.

Аммо Чехови гимназист хусусан ба театр шавқ дошт. Дар айёми бачагӣ ва навҷавонӣ ва драматурги оянда Чехов ва ба бародарону дӯстони вай лозим меомад, ки ба театрҳо пинҳонӣ раванд. Барои эмин мондан аз таъқиботи сардорон ва муаллимони гимназия, ки ба талабагони гимназия ба спектаклҳои шабона рафтанро манъ мекарданд, онҳо ҳатто сурати зоҳирашонро ба воситаи грим тағийр дода, либосҳои дигар мепӯшиданд. Машинисти саҳнаи театри Таганрог, мудири асбобу анҷоми театр ва баъзе актёрҳо ба ҷавонони театрдӯст ошноӣ пайдо карда, ба онҳо барномаи тамошоҳоро пешакӣ хабар медоданд ва онҳоро бе билет ба галёркаи (қатори болои театр) театр медароварданд.

Дар саҳнаи театри Таганрог драмаҳои Шекспир (“Гамлет”, “Шоҳ Лир”, “Тоҷи Венетсия”), песаҳои классикии рус: “Дод аз дасти ақл”-и Грибоедов, “Маскарад”-и Лермонтов, “Ревизор”, “Зангирӣ”-и Гогол, “Раъду барқ”, “Беша”, “Пули бемеҳнат”-и Островский намоиш дода мешуданд. Драматурги оянда А.П.Чехов аз солҳои ҷавониаш устодони драматургияро дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Аз худи ҳамон вақт ӯ песаҳои пучу сабукмағзонаи “драмачиён”-ро бад медидагӣ шуд.

Соҳибони театри Таганрог асосан дар пайи фоидахурӣ буданд. Онҳо водевилҳо, (песаи хурди ҳаҷвӣ) опереткаҳои камаҳамияти тарҷимавӣ, “драмаҳои даҳшатангез”-ро, ки дар онҳо одамкушӣ ва қаҳрамонҳои ғайриоддӣ нишон дода

мешуданд, бо майли тамом ба саҳна гузошта, ба тамошобинҳои навкисаи бесавод мақбул шудан мехостанд.

Боре дар вақти таътил Антоша ба Москва омада буд. Дар он ҷо, дар Театри хурд ӯ лаззату ҳаловати ҳақиқӣ гирифт. Дар комедияи "Ревизор", дар "Дод аз дасти ақл", дар песаҳои Островский актёрҳои моҳири рус: Ермолова, Федотова, М. Сдовский, Ленский бозӣ мекарданд. Театри Таганрог дар назари Чехови ҷавон ҳеҷу пуч шуда монд. Ӯ баъди ба хона баргаштан ба бародаронаш навишта буд: "Ман ба қарибӣ ба театри Таганрог рафта будам ва ин театрро бо театри москвагии шумо муқоиса карда дидам. Фарқ бисёр калон аст!"

Дӯстон ва бародарони Чехов ба хотир меоваранд, ки Антоша аз солҳои бачагиаш қобилияти артистӣ дошта, бағоят ширинкор буд. Дар фикр карда баровардани ҳар гуна ҳазлу шӯхиҳо маҳорати фаровон дошт: гоҳ ба ягон кас аз хешовандонаш тақлид мекардааст, гоҳ дар калисо чӣ гуна рафтор кардани сардори шаҳрро тасвир карда нишон медодааст. Боре Антоша либоси гадоёна пӯшида, ба назди амакаш рафта, садақа пурсидааст. Амак додарзодаашро нашинохта, ба вай ним тин садақа додааст.

Баъзе бозиҳои солҳои ҷавонии А.П.Чехов баъдҳо асоси мавзӯҳои ҳикояҳои ӯ гардидаанд (масалан, "Ҷарроҳӣ"). Евгения Яковлевна ҳатто хавотир мекашид, ки мабодо хешовандон аз Антоша ва Николай норозӣ шаванд: "Шумо агар ба ягон кас тақлид кунед ё ягон воқеаро тасвир карда нишон диҳед,-ин ба онҳо маъқул намешавад",-мегуфт ӯ. Вале Антоша аз кори худаш намемонд. Ӯ дар анбори калони холии рафиқи ҳамгимназияаш Дросси "труппаи" (гуруҳи) ҳаваскорон ташкил кард. Ҷавонон спектаклҳо намоиш медоданд, ки дар онҳо Чехови ҷавон ба қавли дӯстонаш ролҳои асосиро "моҳирона бозӣ мекард". Сардори шаҳр дар "Ревизор", Несчастливцев дар "Беша", Чупрун дар опереткаи

“Москаль-чаривник”, пиразан дар водевили Григорьев “Аробакашҳо, ё худ Шӯхии офитсери гусар”-чунинанд ролҳои гуногуни бозикардаи Антон Чехов.

Ӯ на танҳо ба сифати актёр, балки ба сифати драматург ҳам баромад мекард. А.Чехов дар солҳои таҳсили гимназия аввалин водевилҳои (песаҳои хурди ҳаҷвӣ) худ: “Пушти ману табари қассоб”, “Садои мокиён бесабаб нест”, драмаи “Бепадарӣ”-ро навиштааст, ки то замони мо нарасидаанд. Антоша дар “Досуг” (“Вақти фароғат”) ном журнали гимназия иштирок мекард, “Заика” (“Забонгирифта”) ном газетаи дастнависи худро нашр намуда, ба Москва барои хешовандонаш мефиристод. Бародараш Александр “Заика”-ро на танҳо дар байни одамони наздик, балки ба шахсони беруна ҳам хонда медод ва баъд таассуроти аз газета ҳосилшударо ба муаллиф ва ношири он мерасонд: “Ташаккур барои “Заика”. Зуд-зуд бароварда ист”. “Ду шумораи “Заика-ро гирифтам ва ҳар ду шуморааш ҳам дар магазини Гаврилов таъсири зӯр бахшид. Шумораи охиринаш ҳатто худи Гаврилов Иван Егоровичро, ки савдогари дараҷаи 1-уми Москва мебошад, гуфтан мумкин аст, ба ҷунбиш овард”.

Антон, ки ҷавони зиндадил, зирак буда, пурғайратона бо худтарбиякунӣ машғул мешуд, ба оилаашон мадади маънавӣ мерасонд. Хешовандон дар ҳаққи Антон чунин ақида пайдо мекарданд, ки ӯ ҷавони меҳнатдӯст, боғайрат ва мустақил мебошад. Одамони наздикаш дар вай ҳисси рӯзафзуни адолат, ҳақиқат ва эътибори инсониро мушоҳида менамуданд. Ба ӯ эътимод доштанд, фикри ӯро ба назари эътибор мегирифтанд, ба Москва омадани ӯро бесаброна мунтазир мешуданд. “Ба назарам чунин менамояд, ки,-менависад Евгения Яковлевна,-ту ки омадӣ, вақтам хуш мешавад...Ман ба ту бисёр гапҳои гуфтанӣ дорам”.

А.П.Чехов дар моҳи августи соли 1879 гимназияро тамом карда, ба Москва кӯчид. Таганрогро тарк карда бошад ҳам,

лекин ин шаҳри таваллудшудаашро то охири умр аз хотир набаровардааст. А.П.Чехов аз қабили одамони "насаби худро фаромӯшкарда" набуд. Баъд аз нависандаи машҳур шуданаш ҳам чанд бор ба зодгоҳаш омада буд. Антон Павлович Таганрог ва гирду атрофи онро дар асарҳои бадеии худ: "Дашт", "Бахт", "Чироғҳо" тасвир кардааст. Ӯ бо алами дил мегуфт: "Таганроги мо ҳанӯз чӣ қадар бечора ва нообод аст",-ва ӯ бо тамоми қувваааш кӯшиш менамуд, ки ба инкишофи маданияти шаҳри худ ёрӣ расонад, дар бораи ободӣ ва зинат додани он ғамхорӣ мекард. Аз Москва, аз Ялта, аз Нитса барои китобхонаи маҳаллӣ китобҳо мефиристод. Асосгузори галереяи расмҳои музеи Таганрог Чехов мебошад; бо илмисои ӯ ҳайкалтароши машҳур Антоколский ҳайкали Пётри I-ро сохт, ки вай баъдтар дар Таганрог гузошта шуда буд. Чехов то рӯзҳои охири умраш аз ҳаёти Таганрог воқиф шуда меистод; барои вай ба Москва, ба Ялта, ба хориҷа газетаҳои маҳаллиро мефиристоданд.

Таганрог, ки аз як шаҳрчаи қафомондаи нообод ба шаҳри мадании саноатӣ табдил ёфтааст, хотираи фарзанди ғамхори худро эҳтиёткорона нигоҳ медорад. Ҳоло дар Таганрог ба музей, театр, мактаб ва китобхона номи нависандаи машҳури таганрогӣ гузошта шудааст.

**Сарчашмаҳо**


1. А.П.Чехов. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1. Ҳикояҳо (солҳои 1883-1887) Душанбе, нашриёти "Ирфон" 1986. 446 с.
2. А.Чехов. Ҳикояҳои мунтахаб. Тарҷимаи Ҳабиб Аҳрорӣ. Нашриёти "Ирфон" Душанбе 1964. 207 с.
3. Андре Моруа. Шестьдесят лет моей литературной жизни. Сборник статей. Перевод с французского, Москва «Прогресс» 1977. 295 с.
4. Луис Унтермайер. Офаринандагони ҷаҳони нав. Тарҷумаи Мустафо Исломия ва дигарон. Теҳрон: нашри Марказ, 1372-1993. 972 с.
5. Чехов Антон Павлович. Собрание сочинений. Издательство: Диля, 2008. -1184 с.

БАРДОШТУ ТААССУРОТ

**Муҳаммад Алии НУРАЛӢ,**
*шоир, файласуф*

## АЗ "ЁДДОШТҲО" ТО "ЁДДОШТҲО"

(*Баъзе ишораҳо ба "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов*)

### МУҚАДДИМА

Дар бораи шахсияти муаллиф нахоҳам гуфт. Замони Истиқлол ниёз ба муаррифии Саймумин Ятимов надорад.

Аммо дар атрофи "Ёддоштҳо"-и ӯ нагуфта натавонистам. *(ниг.: С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. –Душанбе: "Эко Принт", 2024. - 672 саҳ. Қисми II. –Душанбе: "Эко Принт", 2024. –704 саҳ.)*



Ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик падидаи нав нест. Намунаи классикӣ ва ҷадиди он "Сафарнома"-и Носири Хусрав, "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш, "Ёддоштҳо"-и устод Садриддин Айнӣ ва баъзе муаллифони дигари номдор ҳастанд.

Чун матбуот аз баракати Истиқлол озод шуд, кӯшишҳои зиёди ёддоштнависӣ ҳам як навъ ҳукми анъана пайдо карданд.

Аммо ин жанри нав аст ва дар ҳоли ҳозир инҳоро зиёдтар аз *"ёддоштҳои маишӣ - хонаводагӣ"*, *"ёддоштҳои қавмӣ"*, *"ёддоштҳои хизматӣ - ошногӣ-тавсифӣ"* ном нашояд, чун аз *матбаа* то *хонанда* напояд.

То ёддоштҳо навиштан, муаллифро зарурати садҳо ёддоштҳо омӯхтан, даҳҳо "даргириҳо"-и қаламии эҷодкориро паси сар кардан, андешаи ҷуръати ба "майдон" баромадан ва онро ҳам бо дарки масъулият устокорона аввал ҷойи худ дидан ва баъдан пойи худ мондан бояд. Чунончӣ, устод Садриддин Айнӣ ин мавридро дар мисоли худ, дар шакл хоксорона ва дар асл бузургворона, хотирнишон карда.

Лиҳозо, маслиҳат аст, ки аз истифодаи истилоҳи аслӣ – мантиқии ин жанри адабӣ–бадеӣ, илмӣ–таърихӣ, публисистӣ–сиёсӣ дар ҳар шакл таҳаммулро раво бинем. Насиҳати Ҳоқонии Шервониро фаромӯш насозем, ки фармуда: ***"Суварнигори ҳадисам, агар ҷон дар он натвонам гузоштан, нангорам"***.

Охир, адабиёт майдони бузург аст. Мактаб аст. Имтиҳон аст. Масъулият аст. Унвон, тавон ва меҳру садоқат аст.

**Мусаллам аст, на ҳар кӣ дар даст қаламу қоғаз дорад, рангҳоро аз ҳам фарқ карда метавонад, рассом аст. Агар не, бигузор расм кашад. Худ онро бодиққат тамошо кунад. Ба мардум ҳам нишон диҳад. Хулоса бигирад.**

Дар ин маврид бо тамоми масъулият изҳор медорам, ки "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов асари нав, дорои арзиши баланди адабӣ, бадеӣ, илмӣ, таърихӣ, фалсафӣ, воқеъиятшиносӣ, публитсистӣ ҳунарӣ ва дархӯри ниёзҳои иҷтимоии имрӯз ва фардост. Чуноне, ки маҳсули эҷодии имсолаи ӯ – **"Муаллими ман", "Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ"** даҳҳо вокуниши хонандагони одӣ, муаллимони мактабҳои миёнаву олии дуру наздикро то олимони Академияи миллии илмҳо ба бор оварданд.

Ва ташаббускорон онҳоро баъди чанде ба дигар забонҳо низ тарҷумаву нашр карданд.

Бо ин ҳама, ман ҳаргиз ҷонибдори аз камбудиҳо орӣ будани ин навиштаҳо нестам ва даъвои мутлақияти хулосаамро ҳам ба худ раво намебинам.

## ШУНАВ ПАНДУ ДОНИШ БА ОН ЁР КУН

Агар дар мавриди "Ёддоштҳо"-и С. Ятимов, бахусус, муҳтавои қисми аввали китоб, ки хотироти айёми хонавода, тадриси мактаби аввалу сонӣ, кӯдакиву ҷавонии муаллиф аст, сухан оғоз кунем, бидуни иғроқ борҳо месазад ашк аз дида хориҷ карду ханда бар лаб овард.

"Ёддоштҳо"-и устод Айниро айёми мактаби миёна хонда будам.

Чун "Ёддоштҳо"-и С. Ятимовро хондан доштам, хостам санъати ёддоштнависии Айниро пеши хотир орам.

Аммо бароям гарон шуд. Зеро аз миён 50 сол сипарӣ гаштааст.

Лозим донистам, ки барои гирифтани ҷавоб ба андешаҳои суолии худ, "Ёддоштҳо"-и Айниро аз нав хонам.

Аз китобхонаи шахсиам мунтахаби ҷилди яку дуи онро, ки нашриёти "Адиб" соли 1990 чоп кардааст, пайдо кардам. Ин дуҷилда аз 351 саҳифа иборат аст.

Онро таъҷил хондам.

То кадом андоза С. Ятимов аз мактаби устод Айнӣ дар навишти ёддоштҳояш истифода кардааст, намедонам.

Аммо дар ёддоштҳои тарафайн нуқтаҳои ҷудогонаеро пайдо кардам, ки ба ҳам якнавохтӣ доранд.

Ин ҳамнавохтиҳо дар мавзуъҳои зер дар тамоюл ба айнияти яқдигарианд:

Тасвири Хайбар ва Барфак. Ҳамнавоии Лутфулло Гӯпон ва Девлох. Раванди хатмашққунӣ. Ҳодисаи ғӯзакашӣ ва чӯҷабарорӣ. Пофишории падари ҷонибҳо ҷиҳати исботи

нуқтаи назари худ. Таъкиди падарони ҷонибҳо бо ифодаҳои ҳаммазмуни: "Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! (Айнӣ); "То камтарин имкон дорӣ, хон, бачам *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. –С. 85*); ҷанги Махдуми Гав бо Рӯзӣ Бабурут ва ҷанги Сафари "Каҷала" бо Девлох; сайри Шербадан ва сайри Душанбе; истифодаи ҳазломези шеваи вайроншудаи русии Айнӣ ва шеваҳои вайроншудаи русии рӯзгори ориёниёни Ятимов; ҳолати каллапочафурӯшии Болои Ҳавз ва хӯрокхӯрии саримизии ҳайати мухолифин; портретофарии ҳарду нависанда. Барои намуна ду тасвири чеҳраофарии ҷонибҳоро пешниҳод менамоем.

Тасвири устод Айнӣ дар чеҳраи Махдуми Дониш: ***"Ин одам қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони одӣ ба замин мерасид. Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд бори он каллаи калон ба он гардани дароз, бо вуҷуди пурра будани он, вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд ва гӯё гардан мехост, ки дар бардоштани он сар ва бозувони соҳибаш мадад кунад"*** *(С. Айнӣ. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 230*).

Тасвири С. Ятимов бар чеҳраи Девлох: ***"Ман дар умри худ ин гуна одами девсуратро надида будам. Каллаи пок тарошидаи ӯ кадуи калони сурхи дарозрӯяи барои намоишгоҳи кишоварзӣ парваридашударо мемонд. Чашмони суп-сурхаш ба андозаи ду пиёлаи хурд, абрувонаш ду дастаи қили монанди банди абрешимӣ тобдода буданд, гӯё дар ин каду бо шireши махсус часпонидашуда бошанд. Бурутҳои ғафси чандин моҳ қайчинашудааш дар ду тарафи манаҳ овезон. Аз таги манаҳи ӯ дастаи пашми аз қафаси синааш ба берун ҷаста менамуд. Раги бари гарданаш ба найчаи ғафси***

***резиние шабоҳат дошт, ки гӯё онро пуф карда, дар бадани ин гӯл часпонида бошанд. Панҷаҳои дастонаш шохинеро ба ёд меоварл, ки гӯё барои канда ва ҳамвор кардани замини санглох тайёр карда бошанд. Зонуҳои ин одами фавқулода аз бадани азимҷуссааш дар масофаи тақрибан якунимметрӣ фосила гирифта, ду сутуни дуқадро ба хотир меоварл"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 90).*

Фарқияти ҷиддии ёддоштҳои Саймумин Ятимов аз устод Айнӣ дар сохтани ҷумлаҳо ва гузоштани сарлавҳаҳост.

Ҷумлаҳои устод Айнӣ бештар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба бо пайравҳои мутаносиб, аммо ҷумлаҳои Саймумин Ятимов, аслан, ҷумлаҳои сода ва гоҳо ҷумлаҳои мураккаб ҳастанд.

Ҳамчунин, дар "Ёддоштҳо"-и ӯ рафти ҳодисаҳо дар матнҳои ҳаҷман хурд, тахти сарлавҳаҳо пешниҳод шудаанд, ки ин ҳолат раванди хонишро осонтар менамояд.

"Ёдоштҳо"-и Саймумин Ятимов аз нуқтаи назари доираи мавзуъ фарогиранд. Масъалаи мубрами ҳаётие нест, ки муаллиф ба он дахл ва ҳаводиси зиндагиро бо тобишҳо таҳлил накарда бошад. Хосияти маҳзи "Ёддоштҳо"-и ӯро бо буди ин аломатҳо таъкид кардан бамаврид аст:

-ҳаммонанд бо устод Айнӣ мавриди корбурд қарор додани вожа ва ибораҳое, ки дар забони адабиёти бадеӣ маъмул нестанд. Чунончи: ҳирғай, хасар - хусур *(хашар - хушур);* тарғел *(чизи вазнини тар афтода, ки қобилияти ҳаракати ваҳмангезро дорад),* шушулка (*сушилка - хушккунаки пахта*); ворох (*пахтатозакунак*); парта, радиои панҷсӯма, ҳашари пахтакунҷӣ, портупея (*тасмаи миёнбанди чармӣ*), дарбеҳ (*поргӣ*), "асҳоби одил" ("*особый отдел*"), кавсанг, ноҷаи дар, ҳаёта, печка, чӯчик (*чӯбча, резагӣ*), ҳелча, талхакаф, одами меҳнатрӯзӣ, пасикаллагӣ, лош (*-и палак ё чизе*), кастинка (*касынка*), пенҷак (*костюм*), печ (*гайка*), лебёдка, болт, лингча,

чапарак, ҷайбур (*риши ҷайбур, тулт*), алас (*алас як навъ амали дуохонии муллоҳо*), "хлеби горбушка", тилдир (*муаллиф навишта, ки ин вожа аз куҷо пайдо шудааст, намедонам*), буча-буча (*пора - пора*), гармошка, тарғафа (*нони дар чой ё об тар карда хафашуда)*, фанни гармония, укроп (*шибит*), пех (*ченаки певоз*), гарданбанд (*галстук*), шойеот;

- бо забони шеър таҳкиму ҷамъбаст намудани нуқтаи назар, ҳаводис ва афкори худу қаҳрамонони асар;

- ба мисли "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ зиёд ва бамавқеъ истифода бурдани зарбулмасал, мақол, фразиологизм ва ибораҳо ҷиҳати тақвияти афкори худ ва персонажҳои асар. Чунончи: ***"Авлоди ту худоиро тӯй мегӯяду тозиро қуй", "Вақти шодӣ ба майдону вақти ҷанг ба каҳдон", "Ман миру ту мир, хари моро кӣ об медиҳад", "Изо ҳам қарз асту иззат ҳам", "Ҳафтои худам ҳеч чиз неву оҳ яктои боғчонам", "Аз гургак шарикиву аз рӯбаҳак тоқагӣ-ҳа?!!!", "Дӯст дӯст, ҳисоб раҳи рост", "Марди 60-сола ҳамонест, ки дар 6-солагӣ буд", "Кор кун ғуломон барину бихӯр мирон барин", "Ҳам музду ҳам миннатдорӣ", "Гови хуб даркор нест, гов аз авлоди хуб даркор аст", "Бикаш хирбичу бихӯр рубич", "Ду бор кӯчидану як бор сӯхтан ба ҳам баробар", "Нодон аз по мехӯраду доно аз сар", "Дар зимистон шиками меҳмонро гӯшна монӣ ҳам, ҷойи хобашро гарм нигоҳ дор", "Ҳам музду ҳам миннатдорӣ", "Беҳтарин хотира дафтар аст", "Хуб ҳамон касе механдад, ки охирон хандад", "Қассоб бачаи худашро фиреб кардааст", "Аввал бифурӯшу баъд бихар", "Барои фурӯшанда як чашм бас аст, барои харидор сад чашм кам"*** ва ҳамин тариқ даҳҳои дигар.

Дар ёддоштҳои устод Айнӣ симои як падари одилу комил, серталабу соҳибназар таҷассум ёфтааст.

Падари Саймумин Ятимов ҳам дар ҳамин чеҳраи нодир ҳувайдост. Худи муаллиф ишора дорад, ки падарам дар

истифодаи мақолу масал ва ҳикмати баён он қадр ҳунар дошт, ки ҳеҷ сухани худро бидуни он баён намекард.

Рӯзгори падарбузурги Саймумин Ятимов сарнавишти устод Айниро монад, ки барои харҷи иловагии мурдаи падараш аз амлокдор қарздор шудаву аз охирин афзори иҷтимоии худ – хонаву замини меросӣ маҳрум гаштааст. Худу бародаронаш дастёри як шахси давлатманд мешаванд ва исми зебои бо умед мондаи волидайнаш – Камолро Ҳалимбой бо калонигарии хӯҷаинона "Ятим" гуфта, муроҷиат мекардааст, ки оқибат он ба ном табдил ёфтааст.

Ин ҷо хондам, ки дар фарҳанги мардуми кӯҳистони Қафлондара ятим номи гулест, ки камёб аст ва ҷигари калфсангро шикофта, тани танҳо рӯяд.

Падари нависанда Абдусаттор, чун устод Айнӣ дар синни 7-солагӣ ятим гаштааст. Се додару як хоҳари noбoлиғ бори дӯшаш гаштанд. Бо ин ҳама, зери насиҳати падар аз ҷабри раиси колхоз гурехта, ба мактаб рафта, омӯзишгоҳи муаллимтайёркуниро хатм кардааст.

Дастурҳои падари муаллиф на танҳо панду насиҳатӣ, балки хосияти методологиву илмӣ доранд. Чунончӣ: ***"Агар хоҳи забонат бурро шавад, калимаҳо дар ёдат монад, ё мақсад дорӣ шеърро зуд аз ёд кунӣ, қадамзанон он матнро барои худат шунаво хон. Сипас, китобро пӯшида, мисраҳои даркориатро аз ёд такрор кун"***.

Ё ***"Аввал мавзуи дарсатро хуб мутолиа намо. Пас аз он роҳ гашта, мавзуатро, гӯё дар назди минбар баромад мекарда бошӣ, бо овоз нақл кун. Дар ин маврид, матн ҳам тез аз ёд мешавад ва ҳам дигар фаромӯш намегардад"***.

Ё ин ки ***"...агар чизеро хоҳӣ, ки тез дар хотират монад, саросема нашуда, аввал дар дафтарат навис. Бо даст дар варақ навиштан баробари дар майна сабт кардан аст.***

***Баъдан бо матни аслӣ муқоиса кун, ки хато набошад"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 151-152).*

Падари Айнӣ ба ӯ фармуда буд, ки "***агар тасмими мадраса - Бухоро дорӣ, ана он заминро кишт кун, ҳосили онро фурӯхта, харҷи сафару мактаб ба даст ор"***.

Ятимов ҳикоя мекунад: ***"Зимистон оғилхонаҳоро мерӯфтем, дастҳоямон тар шуда, дар ҷорӯбу белу каланд ях карда, мечаспид. Падарам ин аҳволро медид, вале вонамуд мекард, ки надидааст"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 420).*

Ин ду падар бераҳму золим нестанд. Шафқат ҷавҳари ҷонашон аст. Аммо медонанд, ки зиндагӣ раҳим нест. Медонистанд, ки онҳо кафолате надоранд, ки ҳамеша чатри сари рӯзгори хонадон ҳастанд. Бинобар, писаронро барои ин рӯзгори ҷаббор омода кардан доштанд.

## САРҶАМЪИИ ТИЛЛОИ ПОШХӮРДАИ МУҲИТИ ОИЛАВӢ

Модари Саймумин – Зебуннисо дар 4-солагӣ аз падар ятим шудааст.

Падари ӯ ба иллати носозгориҳои зулмафкани замон аз ноилоҷӣ фарзандонро гузошта, тарки диёр карда, ба Афғонистон кӯч бастааст.

Баъди ба балоғат расидан ва хонадор шудан, сарнавишти талхи ятимони кӯчак – бородарон ва хоҳари шавҳар ба дӯшаш афтодааст. Рӯзгори сағирапарварӣ дар рӯзҳои сахти қаҳтиву гушнагиву нодорӣ ба сараш омадааст. Ба ҳар ҳол, онҳоро бо ҳазор азоб асраву авра карда, ба зиндагии мустақилона гуселонидааст. Ва дар дил ба як умр нисбат ба онҳо эҳсоси фарзандӣ доштааст.

Бо гузашти замон, модар, акнун ҳамроҳи "писари калон"-и кӯчаки хона шавҳарро кифт бардоштанд. Ба саҳро барои ҷамъ

кардани кох мерафтанд. Навбати пода мегузарониданд. Аз Осмонтеппа ҳезум ҷамъ карда, меоварданд.

Модар табъи шоирӣ дошт. Шеърҳои содаву равони кӯтаҳ менавишт. Ӯ устоди аввалини хатту хониши писар шуд.

Кӯшиши дастрасӣ ба китоби "Алифбо", аз болохона бо варақҳои кандаву пошхӯрдаву паҳну парешони пур аз чангу хок пайдо карда, бо меҳрубониҳои дилсӯзонаи модар бо риштаву ширеш аз нав банду баст кардани он, дар синни шашсолагӣ рустӣ рафта дар синфхонаи як нишастан ва худи ҳамон рӯз аз ҷониби муаллиме, ки ҳамсабақ ва гӯё аз ошноҳои падараш буд, бешафқатона аз синф пеш кардани ӯ ва баъдан бо кумаки модари ғамхораш, бо ҳазор шавқу завқ ёд гирифтани хондану навиштан, як таърихчаи ибратомӯз барои тамоми падару модар ва мактаббачаҳои имрӯз аст.

Ба фикри мо, меарзад, ин ҳикоя ҳарчӣ зудтар ҳамчун як брошюраи саридастии боғчаҳои бачагонаи имрӯза ба чоп расад ва мавриди истифода қарор бигирад. Он аз нақши бузурги модар ҳикоят мекунад, ки чӣ тавр ба садои дили фарзанди ҷигарбанди табиатан китобдӯсташ ҳамовоз шуда, устоди аввалини хату саводи ӯ мегардад.

***"Баъзан дар мактабу донишгоҳу кор иттифоқ меафтод, касоне лутф карда, ба ҳусни хати ман, мисле ки баҳои мусбат медоданд. Ман бо ифтихор иқрор мегаштам, ки ин ҳусни хати нахустустоди ман-модари ман, нишона ва ёдгорӣ аз ӯст",*** – навиштааст муаллиф ва бо ифтихор ёддошт кардааст: ***"...ҳоло дар китобхонаи шахсии ман аз замони кӯдакиву наврасӣ ба сифати ёдгорӣ аз модари ҷигарбандам гаҳвораи ман, номаҳои модарам..., китоби Алифбои ман ва дар болои он акси ...модарам мондаанд"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 155 -156)*.

Ин тасвирҳо ба симои модари устод Айнӣ ҳамнавоӣ доранд.

Дар омади сухан, ногуфта намонад. Аҷаб, ки ба мисли ***Тута-пошшои Садриддин Айнӣ*** дар деҳаи Ориён ҳам ***як кампири кари донои афсонагӯ бо номи Музайян*** будааст, ки аз нақлҳои ҷолиби ӯ дар “Ёддоштҳо”-и Саймумин Ятимов ҳикояву ривоятҳои аҷибу ғариб оварда шудаанд.

Ростӣ, чун “ғарқи” “Ёддоштҳо” шудам, аввал гумон кардам, ки шояд пиразане бо номи Музайян як образи маҳсули тахайюли бадеии нависанда бошад, ки ӯ барои осонии банду басти хотирот ин персонажро фикр карда баровардааст.

Чун ман давраи ҷавонии худро солҳо дар кори адвокатӣ сарф кардаам, ба ёд овардам, ки наздик ба понздаҳ сол қабл, замоне маҳз аз ҳамин деҳа ба як ҷавонмарди миёнсол хизмати “сафедкунандагӣ”-и муваффақ расонида будам.

Ӯро ба ёд овардам.

Аз бойгонии шахсиам “парванда”-ашро пайдо кардам. Занг задам.

Дар бораи воқеият доштани кампири афсонагӯ – Музайян дар деҳаи Ориён пурсон шудам. Ҳамсуҳбати ман бидуни мушкилӣ ёдовар шуд:

– Кампири Музайян, зани бобои усто Абдурауф буд. Қариб 90 сол умр дид. Барои чӣ ӯ ин рақамро аниқ медонад? Чунки гӯри пиразан дар даромадгоҳи оромгоҳи Шӯртеппаи деҳаи Ориён аст.

Агар дарвозаи манзили хомӯшонро кушодӣ, хоҳу ноҳоҳ санги мазори ин кампир, ки як порча бетони шикастаи сарироҳӣ оварда, он ҷо гузошта, аз даст бо ранги одии замони Шуравӣ, соли таваллуду вафоти он маҷлисорои фавқулодаи ҳашаракии пахтакунҷии шабҳои дарози зимистони Ориёни давраҳои бебарқиву бетелевизиониву берадиоӣ, навишта шудааст, беихтиёр ба чашм мерасад.

Кампир ду фарзанд дошт. Яке бо номи Зайнура, ки ӯ ҳам кар аст, ҳоло дар қайди ҳаёт мебошад.

Шиноси ман илова кард, агар вақт бошаду ман нақл кунам, афсонаҳои ин кампир як ҷилди калони китоби қиссаҳои аҷоибу ғароиби ҳеҷ гоҳ нашунидаро мемонанд. Ва мухлиси ғайриихтиёрии банда, тааҷҷуби худро ҳам пинҳон карда натавонист... Модоме, ки кампир қобилияти шунавоӣ надоштааст, аз куҷо ин қадар афсонадону афсонагӯ мешудааст? Ҳамсуҳбат, мисли дигар ҳамқишлоқиёни зираку кунҷковаш, тахмин мекард, ки шояд ҳамаи ин маҳсули тахайюлу бофтаи худи ин пиразани донои мармузи як умр *"танҳо бо худ"* ва *"гарқа дар хаёли худ"*, дорои *истеъдоди фавқулода,* як навъ муъҷизаи табиат мисли кампири машҳури нобино – Ванга будааст.

Аз нақлҳои Саймумин Ятимов дар "Ёддоштҳо" аз номи кампири Музайян, беш аз ҳама, "Тиллои пошхӯрда" ҷолибу хотирмон омадааст.

Ин далел бори дигар нишонгари он аст, ки нависанда чӣ қадар эҳтиёткор будааст. На танҳо воқеаҳои даврони балоғат, балки замони бачагии худро ҳам бо ҳақиқатнигорӣ рӯйи коғаз овардааст. Гарчанде ***масъулияи воқеънигорӣ*** дар хулосаи "Ёддоштҳо" ҳам бо қотеият таъкид гардидааст.

Бисёрҳо шунидаву хондаем, ки сарнавишти як миллат ба маърифати зан – модар сахт пойбанд аст. Басо бузургони ҷаҳон фатҳи қуллаи маърифатро маҳз аз домани фазли модар насиб кардаанд.

Модари Саймумин Ятимов ҳам, чун модари Айнӣ, ҳамин гуна зан - модар аст. Адиб навиштааст: *"**Модарам қаламро гирифта, дар се ангушти ман монда, тарз ва самти ҳаракати ангуштонро нишон дода, фармуд, то машқ кунам**" (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 142).*

Ҳамин нақши модар аст, ки идома додааст муаллиф: ***"Як чӯбчаро тарзе модарам гуфта буд, дар се ангушти дасти ростам гирифтам ва тамоми рӯз ҳам молчаронӣ кардам ва***

***ҳам машқ"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 143).* Ва инчунин муҳаббатпарварист, ки ба ифодаи соҳибкитоб, дар се моҳ хондану навиштани Алифборо ёд гирифтааст.

Дар "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов, чуноне дар боло зикр шуд, мавзуъҳои вобаста ба вақт, маҷрои худро доранд. Акнун ҷаҳони ду муаллифи ёддошт ба самтҳои хоси вобаста ба вақт ва замон равона шудааст, ки қисмати ба қалами Саймумин Ятимов дахлдор дар гуфтори зер баён мешавад.

Низоми ойилавии хонадони нависанда пандафзост. ***"Аҳли хонаводаи мо, шурӯъ аз кӯдаке, ки акнун хубро аз бад фарқ мекард ва дар болои ду по истода метавонист, то сарвари хонадон ҳама бояд кор мекард",*** – навиштааст муаллиф *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 124).*

Дар ойила ҳама бо ҳамдигар меҳрубон, вале ҳама аз ҳама серталаб аст. Бемасъулиятии касеро касе таҳаммул надорад. Аз ин ҷо, дар айёми камолот адиб ба ин хулоса расидааст, ки ***"ҳар ойила мисли як давлати хурдакак аст".*** Дарк ва эҳтироми ин манзалат калиди дари мақсуд аст.

## МУНОСИБОТИ МИЛЛӢ

Мавзуи миллат ва муносибатҳои миллӣ аз мавзуъҳои мубрами ҳар ҷомеа ва умуман, сайёра аст.

Дар ҳар кишваре, ки масъалаи миллат мантиқӣ, мунсифона ҳалли худро ёфта бошад, ин кишвар муваффақ хоҳад гашт.

Намунаи он Амрикост, ки дар ҳайати худ "фишурда"-и тамоми миллатҳои ҷаҳонро дорад ва аз зиддияти масъала дар канор мебошад.

Ин аст, ки дар ёддоштҳои муаллиф ба мавзуъ, миллату маҳал эътибори хос аст. Нависанда бо далел собит кардааст, ки ҳеҷ миллату маҳалле мутлақ нек ва бад нест. Балки дар хоки ҳар сарзамин гулу хор рӯяд. Қиссаи Каземири поляк барои аз

асорати фашистони немис гурехтани амаки муаллиф – Азиз, қиссаи директори мактаби деҳаи Шидзи Рӯшон Муродмамад Алибеков ва завҷаи украинии вай Елена Илйинична Школа, қиссаи дар беша гум шудани муаллиф ва ҳамсабақи ӯ Володя дар кишвари Белорус ва наҷоти онҳо аз дасти кампири белорус исботи ин гуфтаҳоянд.

Дар тафсири ин мавзуъ хонанда метавонад аз хусусияти руҳиву равонии миллат ва халқиятҳои гуногун огаҳ шавад.

Нависанда ҳайати миллии ноҳияи Фархори замони Шуравиро тасвир карда, навиштааст: ***"Русҳо бо техникаи хоҷагии қишлоқ, кореягиҳо ба замини иҷораву пиёзкориву биринҷкорӣ, яҳудиҳо ба хизматрасонӣ, осетину лезгинҳо ба устоӣ ва тунукакорӣ, асбоби рӯзгорсозӣ, фарғоначиҳо, ки аз тоҷикону узбекҳои Фарғона буданд, ба обчакорӣ машғул мешуданд"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 285).*

## МАСЪАЛАИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

Дар ин радиф, нависанда ба таъриху тамаддун, хулқу атвор ва мақоми миллати тоҷик гаштаву баргашта дахл карда, изтироби худро ҷиҳати сарнавишти миллат дар масири таърих ба таҳлил кашидааст. Ва ҷойе хулоса кардааст: ***"Эътиқоди ман бар ин асос меёфт, ки ҳувияти миллати тоҷик, муҳимтарин омиле, ки баъд аз ҳазор сол ӯро соҳибдавлат кард, забон, адабиёту таърих, яъне решаҳои тамаддунии ӯст..."*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 358).*

*"**Фирдавсӣ тавассути иншо кардани шоҳасари безаволи худ на танҳо миллати падардор, фарҳангӣ, таърихӣ, асрҳо соҳибдавлат будани тоҷиконро исбот кардааст,*** – гуфтааст муаллиф – ***дар як вақт ӯ сабабу омилҳои шикастпазирии ин миллати соҳибтамаддунро мавриди таҳлил қарор дода, аз назари шахсиятҳои хос ба он баҳо додааст"*** *(Ҳамон ҷо.– Саҳ. 412).*

Аз назари сардори бахши сиёсии қисми ҳарбие, ки нависанда дар он хизмати аскарӣ адо кардааст, Брюханович овардааст: ***"Пойдории сарнавишти як миллат ба шаш омил вобаста аст; ҳимояи марзу буми ватан; таъмини осудагии ҷомеа; рӯ ба тараққӣ ниҳодани иқтисод, илму техника, мунтазам баланд бардоштани дараҷаи иҷтимоии мамлакат; дар сатҳи баланд нигоҳ доштани таълиму тарбия, мактабу маориф; ҳифзи сохти давлатдорӣ; роҳ надодан ба ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти бегона"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 575).*

Дар ҷойи дигар, ҳангоми фаъолияти дипломатӣ, ки ба замони ҷанги шаҳрвандӣ ростомад дошт, назари намояндаи Созмони Миллал граф фон Шуленбергро дар мавриди вазъи кунунии миллати тоҷик, носозгориҳои басаромада ба он вобаста кардааст, ки ***"...ҷавонони шумо зери роҳбарии муллоҳо омодаанд, кишвари худро хароб кунанд. Бародари худро ба шаҳодат расонанд. Ин ҳам айби онҳо нест. Айби таърих аст, ки як миллатро тавассути ҷаҳонбинии хурофотӣ ғулом кардааст ва лаҷоми онро ҳар касе ки бештар ақл, пул, қудрат, минбар ва ғарази сиёсӣ – ғасби ҳокимият дорад, мегирад ва мардумро ҳамон тарафе хоҳад, мебарад"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 336).*

Ҳамин хулоса дар вохӯриҳои муаллиф бо Раҳим Мусулмониён, ёдраси сафҳаи хиёнати ашхоси ҷудогона ёддошт шуда, ба ин натиҷагирӣ омада расидааст: ***"Тоҷикон дар таърих 13 маротиба дар чеҳраи модҳо, ҳахоманишиҳо, портҳо, кӯшониён, сосониён, ҳайтолиён, тоҳириён, сафориён, сомониён, ғӯриён, куртҳои Ҳирот, сарбадорҳо, музаффариён қудрат ба даст оварда, шикасти ин салтанатҳои хурду бузург бо хатои аъён, ашроф, хиёнатҳои баъзе намояндагони миллат ба вуқӯъ пайвастааст. Ва иллати сукути онҳоро ҷаҳолат ва аъмоли номувофиқ ташкил медод. Чун ба худ***

***меомаданд ҳазорҳо бор "тавба мекарданд, ки гӯш ба нодон карданд"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 541-542).*

Аммо афсӯс, ки боз тавбашикан мешуданд. Дар раванди ифротгароии бесобиқаи муосир, саҷдагорӣ ба бегонагон ва бегонапарастӣ ин хулоса тасдиқи навбатии худро ёфта истодааст.

## НАҚШИ МУАЛЛИМУ МАКТАБ ДАР "ЁДДОШТҲО"

Дар китоб дар боби мактабу маориф, илму дониш, аҳли адаб ва муаллим таҳлилу хулосаҳои арзишманд пешниҳод шудаанд.

Нависанда симои ду муаллимро дар қиёс овардааст.

Яке муаллиме, ки бо донишу малака, хислату рафтор, масъулиятшиносии худ шогирдро дар домани муҳаббат ба илму дониш ва фазилати инсонӣ парвариш кардаву дигар муаллиме, ки акси онро.

**Таъкид шудааст, ки дарс вақт аст ва вақт умр.**

**Ба андешаи Саймумин Ятимов, дар давлат бузургтар ва муқаддастар аз мактаб дигар муассисае вуҷуд надорад. Ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад. Он чизе ки дар ҷомеа ҳаст – сохти давлатдорӣ, сулҳу суботи имрӯзу оянда, рушду тараққиёт, – аз мундариҷа, муҳтаво сифат ва натиҷаи кори мактаб вобаста аст. Муҳандис, табиб, олим, шоир, нависанда, сарлашкар, созандаи ҷомеа, роҳбар, номбардори Ватан шудан, нангу номуси ватандорӣ, эҳсоси хештаншиносӣ ва миллатдӯстӣ, шинохти оламу одам аз мактаб сарчашма мегирад.**

Ногузирии робитаи мустаҳками мактаб ва оиларо аз масъалаҳои умдаи таълиму тарбия шумурда, адиб ба ин натиҷа расидааст, ки ҳаёти пурҷӯшу хурӯш ва меҳнатқарини оилавӣ, сахтгириҳои падару модар ва натиҷаи таълиму тарбияи мактаб асоси ташаккули ӯст.

Муаллими хуб мебояд аз миёни шогирдон чеҳраҳои хосро ёбад. Хос таълим диҳад. Тарбият кунад. Ва ин чеҳраҳо фардо миллату Ватанро намояндагӣ кунанд.

С. Ятимов бо ифтихор исми муаллим – устодони некманиши худро аз мактаби ҳамагонӣ то Донишгоҳ, дар симои муаллими таърихи мактаби деҳа Усмон Раҳмонов, адабиёт Саид Шарифов, устодони Донишгоҳ Иззатулло Тамлихоев, Рустам Ҷураев, Қаюм Сангов, Ёралӣ Содиқов ва дигарон зиндаёд сохтааст.

Адиб ёдовар аст: ***"...дар замони Шуравӣ муаллимони соҳибтафаккур, устоди касб, масъул, серталаб, пуркор ва натиҷамандро дар тамоми қаламрави ноҳия мешинохтанд. Мардуми деҳа ба онҳо ифтихор дошт. Сухани муаллими солҳои 70-и асри гузашта вазн дошт"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 224)*.

Ҳангоми фаъолияти корӣ наздиктарин дӯстони нависанда аз табақаи муаллимон будаанд. Нақши муаллим Душанбе Амрихудов (бобои Душам) аз Рӯшон, ки ин муносибатро муаллиф гоҳо мисли робитаи падару фарзанд тафсир мекунад, ҷолиби таваҷҷуҳи маҳз аст.

Муаллим дар тасвири Саймумин Ятимов бузургтарин қаҳрамони кулли ҷабҳаҳои зиндагӣ – мактаб, маориф, мубориз роҳи ҳақиқат, адолат ва роҳнамои давр аст.

Дар ин мавврид, нақши муаллим Ҳусейнзода *(дӯсти бобои Душам)* аз деҳаи Мотравни водии Язгулом ниҳоят барҷаста ба қалам дода шудааст.

Муаллиф ҳам дар портретофаринии симои ин омӯзгор, ҳам муколамаи ӯ бо саркардаи ҷаллодони наҳзатӣ Ризвон, ки мардумро дар клуби деҳа ҷамъ карда, ҳамаро *"ба ҷиҳод ба муқобили куфор"* даъват мекунад, тавонистааст, муҷассамаи як шахсияти бузургро ҳамчун намуна ба зиёён ва наслҳои

имрӯзу фардо муарифӣ намояд. Ибрат гирифтан аз чунин устодро барои ҳама давру замон пешкаш созад.

Ё ин ки дараҷаи маърифатнокӣ, маданияти баланди муомила ва муошírати муаллим Бегаков бо манзур ва шарҳи принсипи таърихият дар донистани равандҳои ҷамъиятӣ, ки минбаъд муаллиф ин самти донишҳоро сайқал дода, тамоми умр истифода кардааст, аз намунаи олии донишу маърифати муаллимони одии музофотӣ мебошанд.

**Мантиқи тасвир ва тафсири маънавиёт ва кору амали муаллимони давр симои муаллими имрӯзро ба муаллими таъкидии муаллиф дар домани қиёс мекашад.**

Саймумин Ятимов вохӯрди тасодуфии худро дар ноҳияи Рӯшон бо муаллифи китоби "Алифбо" – Ҳилол Карим, барои худ ҳамчун бозёфт ба қалам дода, иззатгузории худро ба ӯ рамзи сабақбардорӣ ба хонанда дарсомӯз намудааст.

Дар китоб нишон додани нақши олими барҷаста, маорифпарвар, якрӯ, яктан, ватанпарасти асил Раҳими Мусулмониён аз шахсиятҳои марказии давраи дар Эрон фаъолият кардани нависанда мебошад.

Мутаассифона, то ин дам ҷузъиёти ҳаёти ин олими бузург, баъди фирор аз мамлакат, ба мо шогирдони замон ноаён буд. "Ёддоштҳо" ба ин мушкилоти маънавӣ рӯшании шарафмандона андохт.

Маълумоти охирон, ки нависанда бо эҳтирому эътиқоди махсус ба хонанда пешниҳод мекунад, барои адабиётшиносӣ, мубоҳисаҳои таърихӣ, этнографӣ, фарҳанги мардумшиносӣ ва шинохти ҷузъиёти тарҷумаҳолии шахсиятҳои маъруф аҳаммияти омӯзандагӣ дорад.

Ҳар як боби китоб, ки муаллифи "Ёддоштҳо" ба мактабу муаллим бахшидааст, ба назари мо, ҳам аз лиҳози илмӣ, илмӣ - методӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ барои хонанда ҳамчун *усули тавонгар кардани равон ва "хирадро ба сар афсар намудан хидмат*

*мекунанд"* (Фирдавсӣ). Дастури амалианд ба хотири таҳқиқ, омӯхтан ва истифодаи назарию амалӣ.

Нақши худомӯзӣ ва комилгардонии шахсият, сайқал додани донишу таҷриба мавзуи мустақили "Ёддоштҳо" мебошад.

Хонанда метавонад тавассути он тарзи омӯхтани решаҳои этимологии забони тоҷикӣ, роҳ ва усули дар кӯтоҳтарин муддат аз бар намудани забонҳои русӣ, англисӣ ва фаронсавиро аз бар намояд, ҳамин тариқ, пешкору пешраву пешсаф бошад.

## ҶОЙГОҲИ ОДАМОНИ ОДӢ ДАР АСАР

Бо овардани симои ҳисобчии колхоз Валиев, ки ҳамагӣ маълумоти миёна дорад, муаллиф нишон додааст, ки андӯхти дониш танҳо кори муаллим, ҷамъан, шуғли як зиёии расмӣ нест.

Дониш василаест, ки инсони бетарафро ба инсони иҷтимоӣ ва фоидарасони ҷомеа мерасонад. Барои ҳамин дар ҷузвдони ҳисобчӣ Валиев ҳамеша китоб буд, қайд кардааст адиб. Аммо шахсияти ӯ бо доштани китоби ҷузвдон хулоса нашудааст.

Ӯ ҳангоми танаффус ва бозгашт аз саҳро бо ҷавонони мактабхон аз фанҳои мухталиф саволу ҷавоб мекунад. Суолҳои шавқовар медиҳад, чунончи: ***"як тақсими ду калон аст ё 0,5? Касри оддӣ аз касри ашорӣ чӣ фарқ дорад? Формулаҳои зарби мухтасар кадомҳоанд? Субҳи содиқ чист ва субҳи козиб чӣ маъно дорад ва ғайра"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 325).*

Як услуби маъниофаринии нависанда, ки аз сар то пойи китоб мушоҳида мегардад, дар он ифода меёбад, ки ӯ арзиши инсонро на аз рӯйи мансабу манзалат, унвону ҷоҳу ҷалол, аслу насаб, балки аз рӯйи фазилат, тахассусмандӣ, доштани илму маърифат, соҳибкасбӣ, инсони масъулиятшиносу ростгӯву

растагор будан баҳогузорӣ мекунад. Ва хонандаро ҳам ба ҳамин сифатҳо раҳнамун месозад.

Дар ин маврид накши тракторчӣ Абдуғаффор, қаровули идора Мансурхон, Сафар – хидматгори бой, тракторчии соҳибкор дар Восеъ, дӯстони бадахшонӣ – Лоламир, бобои Мирҷамол, Азиз ва дигарон ҷолиби таваҷҷуҳи махсуси хонанда мебошанд.

## ИНЪИКОСИ ШОИРУ НАВИСАНДА ДАР "ЁДДОШТҲО"

Хулосаҳои адиб дар атрофи олимон ва шоиру нависандагон мавриди андеша ва муҳокимаронии ҷиддист. Шояд он мавзуи таҳқиқоти алоҳидаро дар мавриди "Ёддоштҳо" тақозо кунад.

Ба қавли қаҳрамонони асар, олимону шоирону нависандагон инсонҳои хокианд. Аммо онҳо бо дарки табиат, муҳити атроф ва ҷомеа тавассути зеҳнияти фавқулода кор доранд. Онҳо аз одамони одӣ як қадам, гоҳо фарсаххо пешанд. Аёну ноаён табиат ба онҳо як навъ масъулияти тарбияи маънавии одамиро вогузор кардааст. Аз ин ҷиҳат, чунин афрод роҳнамо, пешкор ва маслиҳатчии инсонҳо мебошанд.

Дар "Ёддоштҳо" ин суханҳо аз тарафи муаллиф, аммо тавассути қаҳрамонони соҳибмаърифати асар хеле муътақидона садо медиҳанд.

Устод Айнӣ бошад, ба чеҳраи шоир дахл карда, баён доштааст: ***"Одам ба як ду байт гуфтан шоир намешавад. Ҳар касе ки андак шуур дорад, метавонад як ду байт гӯяд. Аммо шеъргӯӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илм ва шамшер аст, агар ба шамшер одами бадро – душманро кушӣ, хуб аст, аммо агар бо шамшер ягон одами одӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад, кушандаро куштан лозим меояд. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор***

***фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест"** (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 97, 125).*

Аммо дар идомаи афкори Саймумин Ятимов иттиҳоди назарӣ ва маънавии ҳарду ёддоштнавис дида мешавад. С. Ятимов бо овардани қиссаи як моҷарои Салмони Соваҷӣ ва Убайди Зоконӣ бо устод Айнӣ дар ақидаи боло ҳамфикр меояд.

Ӯ дар тасвири чеҳраи Салмон як адиби маддоҳу косалес ва дар симои Убайд адиби мубориз, адолатхоҳу некманиш ва ҷавонмарду рӯинтанро дидааст ва бо далелҳои муътамад исбот кардааст.

Таҳлилҳои муаллиф дар масъалаи фалсафаи дониш ҷолиб аст.

Ин арҷгузориҳо гоҳ аз назари персонажҳо ва гоҳ аз номи худи ӯ ифода шудаанд. Фалсафаи ибтидо ва интиҳои донишро таҳлил намуда, ба ин хулоса расидааст, илм вақте ба охир мерасад, ки он ҷо "***боварҳо хосияти мутлақ мегиранд. Сабаби бутпарастӣ, рукуд ва бадбахтии оқибати сухани мулло низ дар ҳамин аст"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 395).* Аз номи муаллим Ё. Содиқов гуфтааст, ки *"**илм гуфта, маҷмуи донишҳоеро меноманд, ки қонуниятҳои пайдоиш ва инкишофи ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафакурро меомӯзад. Ин донишҳо дар натиҷаи таҷрибаи инсонӣ тасдиқ гаштаанд ва ба беҳбудии зиндагии одамон нигаронида шудаанд ...на ҳама донистанҳо илм аст. Баръакс ҳамаи илмҳо донишро ташкил мекунанд"** (Ҳамон ҷо. – Саҳ. 404).* Илм бояд ба саволи "барои чӣ" ҷавоб дошта бошад. Ва бо далелҳои дар зиндагӣ санҷидашуда онро исбот кунад.

Аввалин кори илмии озмуни донишҷӯии муаллиф **"Назарияи инъикос, сабаб ва оқибат дар "Гулистон"**-и Саъдӣ, ки муаллиф дар байни донишҷӯёни ҷумҳурӣ сазовори ҷойи сеюм гаштааст, ҳамчунон, аввалин дарси озмоишии

муаллими ҷавон Саймумин Ятимов дар мактаби 8-солаи №15 дар бораи **“Мазмун ва мундариҷаи ғоявии эҷодиёти Носири Хусрав”**, бидуни шак, ба сифатҳои хоксоронаи шахсияти муҳаққиқ ва нависандаи оянда ишораҳо кардаанд.

## АҚИДАҲОИ ФАЛСАФӢ ДАР ЁДДОШТҲО

Дар ёддоштҳои С. Ятимов назарҳои умдаи фалсафӣ нақши намоён дорад. Ба қавли адиби мо, сухан аст, ки аз муҳтаво ва сифати шуур дарак медиҳад.

Рафтору амал ифодакунандаи шуури инсон аст. Шакли хаттии ифодаи фикр беҳтарин намуна ва ифшогари ақл, хирад, фаросат ва умқи ҷаҳонбинии ӯст.

Аз назари мутафаккир, заъфу қудрати шуур мақоми инсонро дар ҷомеа муайян мекунанд. Ин аст, ки муаллиф ба хулоса мерасад: ***“фақат онҳое доимо даст сӯйи осмон мегарданд, ки дар Замин роҳи худро гум карданд”*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 445)*.

Ин нуқтаи назари адиб ба он асоснок карда шудааст, ки ба андешаи ӯ ҷараёни аз одам сохтани инсон на аз таълим, балки аз тарбия сар мешавад. Ва дақиқ аст, ки ҳадафи тарбия шуур аст.

Ҳамин равандро муаллиф бо ёддошти фалсафаи И. Кант – зарурати истифодаи мантиқӣ ва пайдарҳамии хулосаҳои илмӣ, худдорӣ аз суиистифодаи дастовардҳои фалсафаи муҳокимавӣ, нақши тарбия дар ҷаҳонбинии илмӣ, шинохти воқеъбинонаи моҳияти ашё таҳким бахшидааст.

Фалсафаи ***вақт*** аз назари адиб муҳимтарин арзиш аст. Ӯ аз забони персонажи худ изҳор кардааст: ***“Қудратмандтарин зуҳуроти олам як сония аст. На ту, на ман, на каси дигар ва на тамоми олам наметавонанд онро ба қафо гардонанд. Ва қадри онро бояд донист”*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 317)*. Аз ҳамин хотир, дар мавриди дигар дар редаксияи

рӯзномаи машҳури Аврупо **"New Europe"** (Белгия) чунин шиорро мебинад ва онро дар зиндагии ҳамарӯза чун роҳнамо ба раҳбарӣ мегирад: ***"Who can't take into account the time, He wasn't born for glory"*** *("Касе, ки қадри вақтро намедонад, на барои шараф тавлид шудааст"*).

Яке аз нуқтаҳои хосси фалсафӣ, дар ёддошти адиб, ***масъалаи тақдир ва тадбир*** мебошанд, ки ***ҳамчун мантиқ ва мафҳумҳои озод ба инобат*** гирифта шудаанд. Ба қавли ӯ, ***таърихи одамизод ва таърихи ҷамъият қонунмандӣ ва хосияти мутлақ*** надоранд.

Тақдири давлату миллатҳо аз шахсиятҳо вобаста аст. Ба ҳамин сабабу омил ниҳоят пешгӯинашаванда, осебпазир ва гоҳо хавотирангезанд.

Ҳадди ақал, нигаред ба тақдири панҷоҳ соли қабл – давраи Шоҳигарии Афғонистон, ки донишҷӯён аз 43 давлати дунё барои илмомӯзӣ ва рушди маънавӣ ба Кобул меомаданд.

Ҳоло бубинед, ки "ҳазрати одам" ба ин шаҳр, ки ***"ашки суда ҳама шаб ба домонаш мерехт ва шаҳри ишқу муҳаббату сафо ва маърифату вафо буд"*** *(порчаи шеърии радиои солҳои шастуми Афғонистон)* чиҳо кард.

Ба қиёс бигиред давраи ҳокимияти 8 сарвари **бузургтарин дар олам кишвари** аз ҳам пошидаро, ки ҳоло дар кадом ҳолат аст ва садҳои дигар:

***Басе шикастабиёбон, ки боғи хуррам буд.***
***Ва боғи хуррам гашт он ҷо, ки биёбон буд.***

Яъне, табиат бо вуҷуди дар чаҳорчӯбаи се қонуни диалектикӣ –***инкори инкор, ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо, тағйироти миқдор ба сифат ва акси он қарор доштанаш,*** ҳангоме ки ба ҷамъият табдил меёбад, қонунҳои ҳатмие чун қонунҳои далектикӣ дар макони табиат мемонад ва дар ҷамъият қонумандии ҳатмие пойдор нахоҳад буд, балки ба

кадом самт, чӣ гуна, кай, дар кадом шакл ҳаракат кардани онро шахсҳо муайян мекунанд.

Аз ин ҷо, адиб дар масъалаи фалсафаи ҷамъият – таърих ба чунин хулоса меояд: **инсон маҷмуи мафҳумҳоест, ки хулосаи он паси сар кардани мушкилиҳо ва ба мақсад расиданҳост.** Дар акси ҳол, одам чизи одиест, ки тақдир ӯро бозӣ медоронад. Мисоли онро мо дар фитнаи гурӯҳи сарубаргумкардаи муллоҳои хурофотӣ ва думравони онон – зиёиёни пайваставу вобаставу шогирдони онон дидем.

Як қимати "Ёддоштҳо"-и Ятимов таъкид, ҳушдор ва даъват ба шинохти саривақтии ҳамин равандҳост. Дар ин масъала, муаллиф ҳам аз лиҳози назарӣ ва ҳам масъулиятшиносии амалӣ, пайрави устод Садриддин Айнӣ буданро собит кардааст.

Нависанда таъкид мекунад, ки хислати инсонӣ бояд ба кулли имконот ва қудрат барои ***тарбияи ирода*** равона шуда бошад.

***Истеъдод*** фақат тавассути иродаи қавӣ зуҳур мекунад. ***Истеъдод ва ирода дугоник ҳастанд.*** Хулосаи муаллиф оид ба дугоникии истеъдод ва ирода суолеро ба вуҷуд меорад, ки оё ин ду сифат маҳсули табиӣ ҳастанд ё ҷамъиятӣ. Агар онҳо табиӣ ҳастанд, пас сарчашмаи онҳо ба ирқ хоҳад расид. Агар онҳо ниёз ба тарбият дошта бошанд, пас хосияти табиӣ ва дугоникии онҳо аз миён хоҳад рафт.

Дар посухи ин суол, муаллиф нуқтаи назари Талбак Назаровро бо чунин хулоса пешниҳод кардааст: ***"Ӯ мантиқан насиҳатгӯиро вақтгузаронии судманд ҳисоб намекард. Ақидааш он буд, шахс ҳамонест, ки бо ҳамин сифатҳо таваллуд шудааст. Таълиму тарбия фақат хосиятҳои генетикии мусбии одамро метавонад такмил диҳад".*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 472).*

Аз хулосаҳои ҷолиби нависанда ***масъалаи зуҳур, амали хайр ва шарр*** аст: тамоми бадиҳо зери шиорҳои некӣ амалӣ карда мешаванд. ***Ин ҷамъбаст парда аз рӯйи ҳама бозиҳо мебардорад. Парда аз рӯйи дин, ойин, мазҳабу фирқаву ҷараёну ҳоказо. Ин хулоса касро ба ҳушёрӣ ва зиракӣ даъват кунад.***

Ин ҷамъбаст дар баҳси муаллифи китоб бо журналисти маъруфи Аврупо Ритсос дар масъалаи фалсафаи демократия хуб арзёбӣ ёфтааст.

Масъалаи ***моҳият ва зуҳур*** ҷанбаи дигари фалсафии ёддоштҳои муаллиф мебошад, ки хулосаи он дар ҳикмати баёни муаллиф сари масъалаи мантиқи зиндагиномаи Абдуҷаббор Суюнов – собиқ сардори КАД-и ноҳия Фархор, аввалин муаллим, мураббӣ ва пуштибони муаллиф дар пайроҳаи корманди амният шудани ӯ шакл гирифтааст.

Адиб навиштааст, ки барои дидорбинии Абдуҷаббор Суюнов *"бори навбатӣ ба ноҳияи Вахш рафтам.*

*Ин дафъа суҳбати ӯ маро сахт ғамолуд кард. Ба худ гуфтам:* ***Ҳар инсоне хоҳ аз кеҳон бошад, хоҳ аз меҳон, хоҳ тавонгар бошад хоҳ барзгар, хоҳ аз гузаштагони шоҳон бошад хоҳ аз қавми гадоён, рӯзе андар миёни ҳамагӣ баробар шаванд ва ин фарҷомро бошад фано ном"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 605)*

## ФАЛСАФАИ ТАБИАТ ВА ҶАМЪИЯТ

Махсусияти дигари "Ёддоштҳо"-и Саймумин Ятимов ин аст, ки аз оғоз то анҷом дар он таҳлили муҳокимавии ҳаводиси табиат ва ҷамъият дар маркази диққат аст.

Муаллиф асоси низом, табдилҳои сиёсии ҷомеаҳо, омилҳои таҳким ва заъфи онҳоро бо назарҳои мушаххас мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор додааст.

Ӯ бо ифодаи як суханвари Коммунаи Париж дарҷ намудааст, ки ҳукуматро метавон ба қувваи зӯрӣ ба даст овард. Аммо роҳбарии он дар ҳар сурат ниёз ба ақлу хирад дорад.

**Сиёсатмадоре, ки дар идораи давлат ба афроди донишвар, хирадманд ва ҳакиму доно такя нанамояд, на танҳо иҷборан тарки қудрат мекунад, балки сияҳномаи дафтари аҳвол аз худ боқӣ мегузорад.**

Дар сари хокдони Н. С. Хрушёв аз забони ҳамхизмати муаллиф Юсупов ин нуқтаи назар нисбати Хрушёв, гарчанде омиёна ҳам бошад, лекин барҳақ садо кардааст: *"Дар номат мурам, дар даврони ту аз нони ҷавию маккагӣ хӯрдан, ки он ҳам набуд, қариб аз гушнагӣ мемурдем. Оне ки (мурод Сталин) Рузвелту Трумену Черчил ва тамоми оламро бо ақлу хираду ҷавонмардӣ дар ҳайрат гузошт, дар сӣ соли замони роҳбарӣ хато накард, дар тамоми набардҳо пирӯз гашт, аммо* ***туро – душмани аслӣ, адуи хонагии хоса ва ҳамкосаашро****, ки доимо дар бараш будӣ, нашинохт. Чунки ту калиди* ***мағзи доҳиро дар шакли масхарабозӣ, хушомадгӯйӣ, чоплусӣ, таърифу тавсифи баҷову ноҷои дурӯғин ва тамаллуққорӣ*** *пайдо кардӣ.* ***Барои он ки худи туро нашносад, чандин одамони ростқавлу содиқи Ватанро бо аҳлу авлодаш ба хиёнат, ба ҷаҳолат, ба ҳиллаву найранг ба ӯ "шиносондӣ".*** *Вақте ту роҳбари Украина будӣ, ба доҳият мактуб навишта хоҳиш кардӣ, ки иловатан барои нобуд кардани боз даҳ ҳазор "душмани халқ"иҷозат диҳад. Ӯ ба ту рӯирост навишт: "Аблаҳ! Ором шав!!!"*

*Аммо ту боз аз ҳамон* ***калиди сеҳрнокат*** *истифода кардӣ.*

***Коре, ки ту дар ҳаққи ин мард кардӣ, Рустам дар ҳаққи Суҳроб накард****" (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 583-584).*

Ва муаллиф дар хулосаи ин суханони Партов афзуда, ки чунин иштибоҳот хеле зиёданд ва ҳазорҳо бор такрор шаванд.

Худи нависанда ба ёд меорад: ман ёддоштҳои писари хурдии Хрушёв – Сергей Хрушёвро дар бораи лаҳзаи ба хок

супурдани падараш хондаам. Ӯ навиштааст, ки *"бисёриҳое, ки дар рӯйхати сухангӯён навишта шуда буданд, аз ҷумла, шоир Евгений Евтушенко, аз сухан кардан даст кашиданд (Ҳамон ҷо. – Саҳ. 584).*

Ва айнияти ҳамин гуна ҳаводиси сиёсиро дар атрофи замони ҳукуматдории Горбачёв мавриди таҳлил қарор додааст: *"Мо муътақид будем, ки бозсозии горбачёвӣ,* – навиштааст адиб, – *маҷмуи ҷаҳонбинӣ ва амалкарди сиёсии дар пойи ақидаҳои зиддиилмӣ, тахайюлоти устувори игвогароёнаи анархияи идеологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мудофиавӣ, амниятӣ, фарҳангӣ, назариявӣ ва геополитикӣ асос ёфта буд. Он тавассути дастгоҳи муташакили моҷароҷӯёнаи дохилӣ ва берунӣ ба хотири заиф намудан ва шикаст додани сохти давлатдорӣ ва парокандагии кишвар роҳандозӣ мегашт" (С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 186)*

Дар алоқамандӣ бо фанои дар пешистодаи давлати бузург, эҳтимоли қавии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон **муаллиф афзудааст, ки дар ҳамон айём аз боби ин хатароти воқеӣ, пас аз он ки дигар ҳокимони олии давр ба маълумоти расмиву махфиву ошкору ғайриошкори мақомоти махсус – органҳои бехатарии давлатӣ гӯш накаранд, вокуниш нишон надоданд, афсарони амниятро қариб, ки дар иғвогариву зиёдаравию воҳимачигӣ гунаҳгор меҳисобиданд,** як корманди одии Кумитаи бехатарии давлатӣ ҳаёти худро дар хатар монда, дар пуриқтидортарин рӯзномаи давр "Тоҷикистони Советӣ" ***аз таърихи 20-ноябри соли 1990*** мақолаи доманадоре таълиф намуда ба кулли раҳбарон ва мардуми кишвар ҳушдор дода буд *(муаллиф изҳор медорад, ки нусхаи ин рӯзнома ҳоло ҳам дар бойгонии давлатӣ ҳаст ва ҳамчунон дар музейи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ҳамчун "намунаи бузургманишӣ ва худбоварии беасоси раҳбарони олимартабаи давлат ва муносибати онон ба маълумоти дақиқи*

*органҳои амниятӣ" ошкоро ибрози назар карда буд, нигоҳ дошта мешавад).*

Аммо оқибати он воқеаи пешгӯишудаи фоҷеабор дидаву дониста, бошуурона нодида гирифта шуд.

## САБАБ ВА ОҚИБАТ

Дар асар сарнавишти сиёсии Тоҷикистон аз ҳазор сол муқаддам то замони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Сабабу иллатҳои ба нобасомонӣ дучор шудани давлатдории тоҷиконро таҳлил карда, муаллиф афзудааст: ***"Муҳимтарин ҷузъи тафаккури ҳаётбахши миллиро теологияи космополитикӣ гирифт. Тоҷикият аз мадди назар дур афтод. Ақидаҳои бунёдии руҳи миллӣ хор шуд. Мардум мехонданд. Медиданд. Аммо намефаҳмиданд. Намешинохтанд. Фаҳмидан аз хондан хубтар аст. Гарчанде асоси фаҳмидан хондан аст. Ҷомеа ниёз ба ҳокимияти сиёсии мустақилро дошт. Ин масофа беш аз ҳазор солро гирифт. Ҷонфидоён барои сохтани давлати миллӣ дар ақаллият буданд. Бозсозии Шуроҳо заминаи фурӯпошии давлати бузургро муҳайё намуд. Ва имконияти таърихии дар харитаи ҷаҳон пайдо шудани давлати мустақили миллии тоҷиконро омода кард.***

***Тоҷикистон даҳҳо, садҳо академик, доктор ва номзади илм, ҳазорҳо зиёӣ дошт. Аммо руҳ ва маънавиёти ягонаи устувори миллӣ надошт.***

***Онҳо, яъне зиёиён, худро мағзи миллат мешумориданд. Дар воқеъ, баъзеи онҳо пасмондаҳои одамӣ буданд, на мағзи миллат"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 221-222).*

Муаллиф барои тасдиқи ин ибора - "зиёиҳои пасмондаҳои одамӣ",- чандин фактҳоро пеши рӯ овардааст, ки намунаи онҳо аз дохили Кумитаи амният хоинона фош кардани

чорабинии таъмини бехатарии КАД, дар мисоли Амон Садиров, ки пешниҳоди таслим ба оппозитсияро гузошта буд; монеа шудан барои пешгирии фалаҷи ҳокимияти сиёсӣ дар соли 1992; роҳ надодан ба татбиқи нақшаи КАД барои дар тамоми ҷумҳурӣ гузаронидани амалиёти поксозӣ аз террористон мебошанд.

Адиби сиёсатмадор ошкор дарҷ кардааст, ки роҳбари онвақтаи Тоҷикистон Раҳмон Набиев ҳушёрии сиёсиро аз даст дод. Гуфт: – *Рафиқон, хунрезӣ ба кӣ даркор. Кани ман як бори дигар бо муҳтарам қозӣ–домулло маслиҳат карда гирам. Он кас чӣ мегуфта бошанд" (Ҳамон ҷо. – Саҳ. 245).*

Ва натиҷаи ин фалаҷшавиро бо ҳодисаи рамузонаи аз тарафи исломиҳо ба қатл расонидани қаҳрамони Ҷанги бузурги Ватанӣ Ҳайдар Қосимов хулоса кардааст.

Ва афзудааст, ки душмани доно бо дасти тоҷик тоҷиккушӣ кард.

Ва хулосаи ниҳоӣ ин шудааст: ***"ҳар халқ ба он сохти давлатдорие сазовор аст, ки ҷаҳонбинӣ, дараҷаи ақл, хирад ва донишаш ба он мувофиқ аст"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 576).*

Дар бораи истиқлоли кишвар сухан ронда, муаллиф ҳукм кардааст, ки озодӣ ва истиқлол бузургтарин масъулият аст. Шиор нест. Сиёсат, амният, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, маърифат, фарҳанги сиёсӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва амал аст. Назарияи Ватан ва ишқи ватандориро адиб бо суханони аъло пеш овардааст, ки суруду тантанаи хушки ватансароӣ ягона роҳи тарбияи ватандӯстӣ нест.

## ШАХС, ҚОНУН ВА ҶОМЕА

Нависанда образи сиёсии давлатдориро дар тантанаи қонуният, покии шахсиятҳои роҳбарикунанда, серталабӣ дар кори идораи давлат, якрӯйӣ, пушти по задани риёкорону

чоплусҳои мақомоти давлатӣ пешниҳод карда, ифтихоран аз чунин амалияи сиёсӣ ёд кардааст.

Нависанда афзалияти маърифат, донишҳои зираконаи сиёсӣ, кафолати бебаҳс будани илму донишро дар кори давлатдорӣ борҳо таъкид намудааст.

Ҳаводиси дин, ифрот дар дин, хурофоти динӣ, анъана ва урфу одатҳои бо ин асосёфта дар чеҳраи персонажҳои асар ва ҳаёти муаллиф хатти фаъол дошта, дар баъзе маврид, дар зиддиятҳои тезу тунд қарор гирифтаанд.

**Муаллиф, аслан, душмани ҷаҳонбинии динӣ нест.**

Вай бо ин анъанаи бунёдии башарият ба чашми рафоқат, эҳтиром ва ҳақшиносӣ назар намудааст. Нисбат ба онҳое, ки андешаи башардӯстона, хайрхоҳона, некманишонаи динӣ доранд, некбин аст.

Намунаи чунин персонаж домулло Абдулло аст, ки аз зумраи ба ном табақаи бонуфузи аҳли дин – эшонҳост.

Тафовути эшони Абдулло бо мулло Ҳошимча далели ин гуфтаҳост. Баҳси мулло Абдулло бо мулло Ҳошимчаи "ришаш ҷайбур" ва мулло Ҳасид "Ҳадаҳа" ду сирати ба ҳам носозгоранд. Дар қатори назари пуртазоди ду табақаи муллоҳо, хашинтарин тоифа, ашхоси хурофотист, ки на аз хайри дин хабар доранду на аз шарри он. Балки ин дастаи ҷоҳил тавассути "эҷод"-и кӯрдилонаи худ, барои дин қавонине эҷод кардаанду мекунанд, ки барои таъмини раванди физиологии табиат ва ҷамъият аз ҳар гуна заҳрпечак хатарзотар аст. Бештари ин мардум касонеанд, ки бо маҳзи бесаводӣ хилофи дигаронанд.

## МУСИҚӢ ВА ЗЕБОШИНОСӢ ДАР "ЁДДОШТҲО"

Мавзуи санъат, мусиқӣ ва овозхонӣ аз мавзуъҳои дигари асари муаллиф аст. Мусиқӣ чист? Оғози он аз кай аст? Башар ба ин ҳунар чӣ назар дорад?

Аслан, табиат худ мусиқӣ аст.

Аз садои боду оби равон то садои олами вуҳуш. Башар онро расмӣ кард. Асбоб сохт ва навохту суруд.

Аммо боз ҳамин башар гоҳ онро тавассути дину ойину ақида ҳаром эълон кард. Ва ин кадом навъи башар аст? Табиист, ки аҳли хурофот. Муҳимияти ин мавзуъ муаллифи ёддоштҳои моро ҳам канор нагузоштааст. Ва дар он мақоми мухталифи аҳли дин ба мусиқиро тасвир кардааст. Муаллиф аз боби мусобиқаи дастаҳои ҳунарии мактабҳои замони Шуравӣ ёддошт кардааст. Аз забони муаллими мусиқӣ Рустам Мирзоев зикр кардааст, ки дар асоси тасдиқи Библия, Худо барои осонии кораш одамро зери навои мусиқӣ офаридааст. Нависанда ҷаҳолати аҳли хурофотро андар ин мавзуъ дар таънаву маломати мулло Холмурод ба муаллим Мирзоев ба ин шева тасвир кардааст: ***"Ту барои чӣ тифлони маъсумро гунаҳкор ва ин қадар онҳоро ба мусиқӣ ташвиқ мекунӣ? Ин бас набуд, ки бо ҳамон рубобат сари калонсолҳои бенамозро гаранг ва як деҳи калонро сурудхону мусиқидон ва ба ин амали куфрат моил кардӣ? Бо ҳар баҳона дар мактабат иди Моҳи маю иди Наврӯзу иди Соли наву иди фалону бисмадон гуфта, анбуҳи муслиминро ҷамъ мекунӣ? Чӣ, кори дигар надорӣ? Фардо, рӯзи қиёмат бо ин корҳоят чӣ ҷавоб медиҳӣ?"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 319-320).*

Моҳияти фалсафии мусиқиро адиб аз назари Арасту ёддошт кардааст, ки мусиқӣ ба ахлоқ таъсиргузор аст. Гуфтааст, ки сухан гоҳо ба мусиқӣ ниёз дорад, аммо мусиқӣ ба ягон чиз ниёз надорад. Ҳукм кардааст, аз инсонҳое, ки мусиқиро мефаҳманд, бадӣ нарӯяд. Изҳор кардааст, ки Антонио Стадивари созандаи муҳимтарин асбоби мусиқии

дунё – ғижжак буду ду писари ӯ навъҳои дигар ғижжак – алт ва виолончеро сохтаанд. Дар “Ёддоштҳо” аз рози пардаҳои мусиқӣ дар инкишофи “Шашмақом”-и қавми тоҷик, ҳунари асбобсозии Бободӯстов, эҷоди навоҳои “Регравон” ва “Навои Бухоро” сухан рафтааст, ки ин тасвирҳо на танҳо аҳаммияти бадеӣ, балки илмиро низ дар худ касб кардаанд.

## МАВЗУИ МЕҲНАТ ВА ҲУНАРМАНДӢ ДАР АСАР

Мавзуи ҳунару ҳунармандӣ, ки асоси ҳастӣ аст, дар “Ёддоштҳо” сарфи назар нашудааст. Хусусияти хосси назари муаллиф дар ин ҷода, дар мисоли симои чор тракторист бо аломати хос омадааст. Чор трактори як тамғаи Т – 40, чор тракторист, чор намояндаи майдони як ҳунар.

Аммо дар симои ин чаҳор, чаҳор мавқеъ, чаҳор дид, чаҳор хислат ва чаҳор бинишро сифат кардааст.

Яке трактористи чиркинак дар кони намаки Хуҷамуъмини ноҳияи Восеъ аст, ки гӯё ин касбу ҳунарро танҳо барои қутти лоямут пеша кардааст.

Дуюм, тасвири Абдулғаффори тракторчӣ, ки ин шуғлро дар заминаи мехр хоставу ҳар оҳани трактори худро чун ҷабини худ озода парварад.

Сеюм, трактористи майзада, ки трактори шалақи худро дар нишеби хатарзо гузоштаву аз дарки масъулият ғофил аст.

Ва чорум, ҷуръати муаллиф андар идораи трактору арзиши ҳамчунин тракторҳо дар ноҳияи Рӯшон, сафар ҷониби деҳаи Миршакар. Натиҷаи равонии ин чаҳоргонаро муаллиф ба ин баёни фалсафӣ ҷамъбаст кардааст, ки: ***“Моҳият зуҳур меёбад, зуҳур моҳитист”***.

Тасвири бакордарории самолётҳо аз тарафи лётчикҳо, ёдраси он ки мототсикли сечархаро немисҳо ихтироъ кардаанд, рӯшангари арзиши ҳунар ва дониш аст.

Ин ҳама суолеро пайдо мекунад, ки мо, тоҷикон, миллате, ки фахри тамаддунофарӣ дорем, дар ин рӯзгор чизе тавонем офарид, ки башар онро бо арзи миннат қабул дошта бошад? Аз самари чанд тан уламое, ки мероси "Танди Шопур"-ро дошту ҳосили он дар завқи Синову Беруниву Хоразмиву Закарё бор дод, пасон чӣ шуд? Посух як аст. Аз бозе, ки ба кори масҷиднигорӣ гузаштему мақоми илмро ба дин додем ва ба "ҳаёҳӯй"-и сӯфиёна "рақси гирди сутун"-ро маҳзари ақида қарор додем, магар тавонистем, ки ҳаддалимкон тасбеҳи зикр офарида бошем? Ҳамин аст, ки мусалло дар бағал, ҳама ҷониби кишвари "куфор" дар сурати як мавло роҳ мепӯйем. Шояд Зебуннисо ҳамин ҳолати равониро дарк карда бошад, ки гуфта:

***Дин агар ин асту ойин ину аҳли қибла ин,***
***Риштаи тасбеҳро зуннор хоҳам карду рафт.***

Ва то замоне, ки садои азони масҷидҳо садои занги расадхонаҳоро пахш кунад, то замоне, ки олими мо пойбанди "ҳама аз Ӯст" гуфтаву азамати худойгонии худро раҳо кардааст, ба ҷуз аз "олимхасак"-они унвондор беш нахоҳем буд, ки танҳо барои даргирони алов ба кор оему бас.

## МУТОИБОТ ДАР "ЁДДОШТҲО"

Мавзуи мутоиба, танз ва мазҳака дар дуҷилда ҳамсафари сужа аст. Муаллиф дар тасвири чеҳраи персонажҳо ва ҳаводис лаҳзаҳои басо зебои мутоибот, ҳазлу шӯхиро корбасти сухан кардааст, ки заҳмати хонданро сабук созад. Аз забони кампири Робиямоҳ дар мунокиша бо набераҳояш каломе омада, ки чашми хастаро ба олами ханда кашад. Ва ханда бунёди саломат аст.

Тасвирҳои зер исботи ин гуфтаҳост. Вақте набераи кампир коргурезӣ карданӣ шуда изҳор медорад:

– ***"Вообшем (в общем), кампир, ту гаранг кардӣ!"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 275).*

Аз ин калимаи нофаҳмо кампир ба ғазаб омада, бо изҳори қаҳру ситеза, охирин эҳсосоти эътирозии худро ба ким-чӣ хел сухани ба назари пиразан сахти мармузи наберааш, бо овози ҳамашунав эълон медорад:

***– Вообшем, бачам, туро хок бкашат. Вообшем, бачам сарам бенабера шавад. Вообшем, туро бачам, бурда ҳо дар баландӣ, дар таги як янтоқ тап-тап карда гашта биём, вообшем, бачам..."*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 275);*

***"Э Ҳайдаре, Ҳайдаре, ба Худо аз ҳамин хел модари бузург ҳамин хел бачаи муғамбир мебаромадаст-е. О, кампири бечора, ки моро ин қадар дӯст медоштааст, маълум, ки чанд вақт боз интизор будааст, барои чӣ мо, сағераҳои ғарибро дар як ҳафта, ақаллан, ду маротиба даъват намекунӣ, ки ҳамин очаҳаки бечораат хурсанд шавад, э беинсоф-е"*** *(Ҳамон ҷо. – Саҳ. 332-333);*

***"...Барфак" "Ҷангалӣ"-ро дошта овард. Модарам гуфт, онро сар деҳ. Сар дод. Ба замин афтодан баробар, ҷонвари ҷабрдида, ки агар адвокат мешуд, онро тамоман бегуноҳ мебаровард, дар ҷояш дароз кашид. Ӯ қувват ҳам надошт, вагарна тавассути радиои "Озодӣ" изҳороти махсус пахш ва дигар ҳайвонҳоро ба митинг даъват мекард"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 2. – Саҳ. 55);*

Ҳамин гуна лаҳни танз дар тасвири як корманди НАТО омадааст, ки чунин аст: ***"Қомати ӯ ба дараҷае баланд буд ки зонуҳояш як ваҷаб аз миз болотар меистоданд. Ман самти осмон даст ёзонда, ба осонӣ панҷаи овезонкардаи он мардро гирифтам ва ба саломи ӯ посух додам"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 500).*

Аз лиҳози дигар, тамоми моҷарои Девлох Паҳлавон бо Сафар Каҷала, вохӯриву суҳбат бо оғои Амирӣ, ки соҳиби зану

сиву панҷ фарзанд аст, қиссаи тарбузтезхӯрак бо Мансурхон, муколама бо Зуҳур Ёров баъди таркиш дар “Гардиши Наврузалӣ” ва чандин лаҳазоти дигари “Ёддоштҳо” ҳамагӣ аз ҳазлу шухиву мутоибот иборатанд, ки хотири хонандаро болида мегардонад.

## ХОСИЯТИ ЗАБОНИ “ЁДДОШТҲО”

Забони осори дуҷилдаи “Ёддоштҳо” рангин аст.

Аммо, бидуни истиҳола, бо такя ба назардошти талаботи нақди адабӣ – сабки нигориши аён ва тарзи услуби баён, “Ёддоштҳо”-и Саймумин Ятимов дар пайравии ногусастанӣ ба забони «Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айнӣ эҷод шудааст.

Аз ин лиҳоз, барои хондан, фаҳмидан ва дарки муҳтавои хотираҳо ва тобишҳои маъногии калимоти истифодашуда ба барандаи забон ниёз ба истифодаи луғати тафсирӣ нахоҳад монд.

Ҳамзамон, ба хотири фардикунонӣ ва типпизатсияи забони қаҳрамону персонажҳои асар, ба муаллиф гоҳо истифодаи шеваву лаҳҷа ва ҳамчунон вожаҳои корбурди забонҳои хориҷӣ зарурат пеш омадааст. Лекин онҳо ҳамагӣ эзоҳу тафсир ёфтаанд, ки барои хонандаи муҳтарам мушкил эҷод нагардад.

Дар хотироти нависанда, чунончӣ, воҳидҳои шевагӣ ва иқтибосии маҳалликунонидашудаи чм *(чашм)*, дуову дабара, қоқсар *(яккаписар)*, лош *(сарҳуй, бесоҳиб)*, суркунопешкунак *(бозии дунболгирак)*, ҷим-ҷит *(хапу хомӯш)*, асраву абра (*нигоҳу бин, парвариши ятимон, яъне асра – умр бахшидан, абра – зери соябон гирифтан*), ваабше *(вообщем)*, *шушулка (сущилка)*, *бӣ* (*будан*) ва монанди инҳо истифода шудаанд.

Масъалаи поксозии забон ва зарурати татбиқи ин мавзуъ низ, аз ҷониби муаллиф сарфи назар нашудааст.

Муаллиф ҷонибдори ақидаест, ки ҳангоми корбурди меъёрҳои *лексикӣ ва синонимӣ,* аз ҷониби сохторҳои марбути забонӣ, кӯшишҳои сарфи назар кардани *этиология, этимология, полисемия, ассимилятсия ва назокати фонетикии* забони адабии ҳозираи тоҷик, гоҳо ба саҳлнигарӣ роҳ дода мешавад. Нисбат ба қавмият ва хешигарии забонҳо беэътиноӣ зоҳир мегардад.

Эътимоди ин ҷониб бар он аст, ки хулосаи нависандаи соҳибназар оиди мавзуъ аз аҳаммият холӣ нест.

Барои мисол, муаллиф изҳор медорад, ки истилоҳи "фестивал" (*аз фаронсавӣ ба маънои ҷашнвора, маросими ҳамагонӣ барои намоиши осори ҳунарӣ мебошад. Бо маънои кӯчида дар забони англисӣ* ***first of all*** *– пеш аз ҳама, дар ҷойи аввал*) фаҳмо, дақиқу аниқ, то замони Истиқлол хеле серистифода ва маълуму машҳур буд.

Баъдтар, ба ҷойи он вожаи сабқат *(арабӣ),* ба ҷойи кабинет *(франс.)* – утоқ *(туркӣ);* ба ҷойи рул (*ҳоландӣ*) – чанбарак; ба ҷойи билет (*фран.)* – чипта ва ғайра омаданд.

Вожаҳои аввалӣ бо мурури забон, дар натиҷаи муносиботи фаъоли ҷамъиятӣ барои ҳар тоҷик фаҳмо, худӣ ва пазируфта, аслан аз забонҳои *ҳиндуаврупоӣ* гирифта шуда буданд. Аммо вожаҳои ба ҷойи онҳо номбаршуда, ба таври сунъӣ ба забони мо ворид кунонида шудаанд.

Дар талаффузи калимаҳои ивазшуда, ғайр аз бегонагиашон *(гарчанде кӯшишҳои тоҷикӣ нишон додани онҳо ҳам ба чашм мерасад, аммо ин "писарҳо" аз нишони "падар"камтар баҳраварӣ доранд)* забон латма хӯрад.

Албатта, бояд иқрор бошем, ки ягон забони дунё наметавонад аз ҳодисаи баҳамтаъсиргузорӣ *(хосияти ассимилятивӣ)* канор бошад.

Бузургтарин забонҳои дунё ба иллати муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хоҳу ноҳоҳ ҳатто аз хурдтарин забонҳои дунё имкон дорад, таъсиргир бошанд.

Барои бори дигар таъкидсозии қудрати бузурги маъниофаринӣ доштани забони модарии мо, адиб қайд кардааст, ки тамоми калимаҳои мансуб ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки решаи *st* доранд, ҳолат, ҳаракат, макон ва мансубиятро мефаҳмонанд, дар асл аз решаи феъли ёридиҳандаи *"аст"* бунёд гардидаанд. Мисли *stop, stay, stood, establishment, stabil, state, stile station, estimate, statistik, story* ва ҳоказо.

Дар ин маврид, нависанда ба хотири муътақид намудани ин назарияи илмӣ, суффикси маконсози *–истон*-ро мисол меорад, ки манзалати байналхалқӣ гирифтааст. Он хосияти таркибӣ касб карда, аз *феъли замони ҳозира – оянда ва ҷонишини ишоравӣ* таркиб ёфтааст. Дар як макон ҷойгир будан, ҷамъ омадани предмет, ашё, халқу миллатҳои гуногун ва ҳатто баъзе кишварҳои аврупоиро ҳам тасдиқу таъйид мекунад.

Решаи феъли ёридиҳанди англисӣ, ки асоси замонҳои ин забонро ба таври бунёдӣ ба танзим медарорад, феъли ёридиҳандаи *"будан"-и тоҷикӣ* аст *(to be).*

Дар ин шакл, истифода бурдани калима дар шеваҳои сокинони шарқӣ ва шимолу ҷанубии Тоҷикистон, ин феъл ҳамчун зуҳуроти мустақили морфологӣ маълуму машҳуру маъмул аст.

Қудрат ва мақоми забони тоҷикиро баҳогузорӣ карданӣ шуда, муаллиф иброз медорад: ***"Фирдавсӣ ...исбот кардааст, забони тоҷикӣ маҳсули таърихии тамаддун ва маънавиёти халқест, ки тавассути ин муҳимтарин абзори муошироти бани Одам, тамоми рӯйдодҳои табиат, ҷамъият ва тафакурро қудрати ифода кардан дорад"*** *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми 1. – Саҳ. 413).*

Ёддоштҳои Саймумин Ятимов ба мавзуъҳои анъанавии адабӣ, чун **мавзуи ишқ** дар мисоли тасвири ҳолати руҳиву равонии персонажҳо Сайфиддин ва Хумор, дӯстии дар бунёди намунавии оиладорӣ абадигардида дар ҳикояи **"Тақдири як духтари украинӣ", илми боғдорӣ** дар таҷрибаи деҳқони асил Карими Дадабой, заҳмати бобои Абдулло дар соҳаи боғпарварӣ, **чорводорӣ** дар намунаи кори Асомуддин, **касбияти тахассусмандона** дар аъмоли тракторчӣ Абдуғаффор ва монанди инҳо мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

"Ёддоштҳо"-и дуҷилда аз ҷиҳати дарбаргирии мавзуъ, хусусияти бадеияти асар, паҳлуҳои тасвири таърихӣ, арзишҳои илмӣ ва алалхусус, моҳияти тарбияи ватандориву миллатшиносӣ, ба андешаи мо, дорои арзиши баланд аст.

## САФАРНОМАҲО ДАР "ЁДДОШТҲО"

Кишваршиносӣ дар амали нависанда мақоми махсус ва аз ин лиҳоз, хотирмонро дорад. Қисматҳои муҳимтарини онро муаллиф рӯйи коғаз овардааст.

Махсусан, сафарҳои адиб ба Исфаҳон дар ҷустуҷӯйи ҳамватанон, ба Қазвин баҳри муайян кардани макони таваллуди Убайди Зоконӣ, ташкили намунавӣ, тахассусмандонаи дипломатии маҳфили ҳамагонии донишҷӯёни бо сабаби тақдири талхи ҷанги шаҳрвандӣ ба гурӯҳҳо ҷудогашта, зиёрати мақбараҳои Ҳофизи Шерозӣ ва Саъдии Шерозӣ, Абуалӣ ибни Сино, оромгоҳи шоири машҳури тоҷику форс – Орифӣ Қазвинӣ ва тафсири илмӣ – таърихӣ ва адабии вобаста ба ҳаёт ва рӯзгори онон, тавассути олими машҳури эронӣ оғои Солукӣ бо иштироки профессор Мусулмониён тасдиқ кардан ва зиёрат намудани оромгоҳи шаҷара – авлоди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва таъйиди

воқеии мансубияти эшон ба қабилаи бани араб ибратомӯз ва ҷолиби таваҷҷуҳи махсусанд.

Бо даъвати яке аз машҳуртарин шахсиятҳои Эрон, марди фарҳангӣ, се карат қаҳрамони ҷаҳон Ҳасан Ҳабибӣ сафар кардан ба Мозандарон, муҳтавои мулоқот бо "Бабр"-и он (*лақаби машҳури огои Ҳабибӣ аз лиҳози бузургмардӣ ва паҳлавонӣ*), баҳс ва табодули афкор бо эшон на танҳо диққати хонандаро ба худ ҷалб мекунад, балки як таассуроти нек дар бораи ҳаёту фаъолият, дараҷаи донишу фарҳанг ва дӯстдори адабиёти тоҷик будани эшон ба бор меорад.

Хотироти нависанда аз сафари Британия, омӯзиши хулқу атвори ибратомӯзи мардуми Дунёи Куҳан, дараҷаи ватанпарастии Ричард Блейк, ки дороиашро барои афзун гардонидани сарватҳои моддӣ ва мадании ватанаш сарф мекунад, шоистаи пайравӣ барои ҳамватанони муаллиф аст.

Тасвири Саймумин Ятимов аз тамошои музейи қаҳрамони ҳамноми асари Артур Конан Дойл Шерлок Холмс, як мақолаи илмии адабиётшиносӣ ва фарҳангпарастиро мемонад.

Ин ҳама, барои нависандагон ва ҳам барои омилоне, ки мехоҳанд, шаҳри худро аз рӯйи қаҳрамонони воқеӣ ва хаёлӣ ба фарҳангистон мубаддал созанд, аз баҳри *"мазорҳои бешафоати аҷнабиён бо руҳияи амиқи хурофотситоӣ ва бегонапарастӣ"* мардуми оламро бо образофаринии шахсиятҳои миллӣ ҷалб намоянд, мактаби бузурги омӯзишӣ мебошад.

## ХУЛОСА

**Довари аслии "Ёддоштҳо" – Саймумин Ятимов, мухотаби нависанда – одамони одӣ, мардум, мактаббачагон, донишҷӯён, муаллимон, устодон, аҳли зиё, адабиётшиносон, олимон, ҳамчунон вақту замон ва албатта, худи таърих аст.**

Аммо шиносоии умқии “Ёддоштҳо”-и адиб, дар ҳоли ҳозир, ва вокунишҳои зиёде, ки муддати ду сол оид ба қисматҳои алоҳидаи он, махсусан, дар соҳаи мактабу маориф, ки дар васоити ахбори умум ба табъ расиданд, ба хулоса меорад, месазад, ки муҳтавои мунтахаби онҳо дар дарсҳои факултативии мактабҳои миёна ва миёнаи махсусу олӣ мавриди омӯзиш, тадқиқ ва таълим қарор гиранд. Аз ҷониби забоншиносон ва донишмандони ҳирфаии адабиёти муосир, ҳамчун падидаи адабӣ, дар асоси таснифи мавзуоти зидахли иҷтимоии ин асари бадеӣ, *тибқи ниёзҳои воқеии нақди адабӣ,* ҳамчун предмет воқеъбинона пажуҳиш ва корбарӣ гардад.

**Муҳимтарин омиле, ки имрӯз барои сохтани Тоҷикистони худкифову худдифоъ ногузир аст, мубрамияти илм, маърифат, фосилагирӣ аз ақидаҳои фоҷиабарангези аҷнабиён, баръакси он рӯ овардан ба ҷаҳонбинӣ, маънавиёт, руҳ – идеологияи миллӣ ва ватанпарастист.**

Асари мазкур, ки ифодакунандаи ҳаёти воқеӣ ва талаботи насри реалистӣ мебошад ба бисёр масъалаҳои мавқеъгирии руҳияи сиёсии наврасон, ҷавонон, ниёзҳои тахассусӣ ва иҷтимоии кормандони соҳаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ посухгӯ мебошад.

**Меҳр СОБИРИЁН,**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми назди Раёсати АМИТ*

## ҲАМОСАИ ТОЗАИ МИЛЛӢ: ХИРАДГАРОӢ ВА РАСТАГОРӢ

(мулоҳизоте куллӣ дар ҳошияи ҳамосаи "Зардуштнома"-и Меҳроспанди Отбиён)

Адабиёт абзори муҳим ва муассири ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва ҷаҳонбинии фард мебошад. Агар асари бадеӣ мазмун ва муҳтавои созанда дошта бошад, бе шак, он дар ташаккули зеҳнияти шаҳрвандон ва ҷомеа таъсири мусбат хоҳад расонид. Аммо агар асари бадеӣ ғояҳои иртиҷоӣ ва мухаррибро тарғибу талқин кунад, он гоҳ он мутавонад андеша ва амали одамонро фосид карда, таъсири номатлуб расонад. Аз ин рӯ, давлат муваззаф аст, ки ангеза ва фазои мусоидро барои эҷоди осори инсонсозу офаринанда муҳайё созад ва аз интишори адабиёти хурофотиву нафратпарокан ҷилавгирӣ кунад. Дар ҳолати танзиму назорати дуруст адабиёт ба ҷомеа таъсири созанда расонида, дар рушду пешрафти фардии инсон нақш мегузорад ва ҷаҳонбинии инсонҳоро ташаккул медиҳад. Чигунагии пиндору гуфтор ва рафтори афроди ҷомеа маҳз дар заминаи ҷаҳонбинии онҳо ба амал меояд. Илова бар ин, тавассути адабиёт таҷрибаи наслҳои пешин дар замони кутоҳ ва бе хароҷоти зиёд ба фард ва ҷомеа расонида мешавад, то ки онҳо хубро аз бад, дурустро аз ғалат ва роҳро аз ҷоҳ фарқ карда тавонанд. Амалҳои дурусти онҳоро такрор карда, аз рафтору гуфтори зиёновар парҳез намоянд.

Аз бомдоди таърих мардуми шарафманди тоҷик (ориёӣ, эронӣ) ба адабиёт ва эҷоди асарҳои илмиву адабӣ таваҷҷуҳи зиёд дошт. Бузургони миллати мо ҳазорҳо асари гаронарзишу дилчасп эҷод кардаанд, ки хонандагони бешумор доранд ва раҳнамои мардуми мо дар ҷодаи давлатсозӣ, миллатсозӣ, зеҳниятсозӣ ва фарҳангофаринӣ буда, ҷаҳонбиниву ҳувияти моро тақвият медиҳанд. Бузургтарин намунаи онҳо "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Абдулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки баъд аз ду қарни сукути истеъмори араб тавонист миллати моро аз нестшавӣ раҳо намояд ва ҳатто имрӯз дар ростои худшиносиву меҳанпарастии мо кумак карда истодааст.

Миллате, ки аз эҷодкориву навоварӣ мемонад, нобуд хоҳад шуд. Ин аст, ки адибони равшанфикри мо аз қадим то ба имрӯз ҳамеша асарҳои нав офарида, мардумро дар шароити нав раҳнамоӣ ва тарбия менамоянд. Баъд аз давраи таҷаддуди Аврупо мардумони гуногун дар асоси болоравии ҳувияти миллӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ тавонистанд ҷомеаи худро ба куллӣ дигаргун намуда, бо роҳи навоварӣ қудрати технологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба даст оварда, ҷаҳонро идора намоянд. Дар ин раванд ҳувияти миллӣ нақши ангезадиҳандаро иҷро намуда, ҷаҳонбинии илмӣ воситаи ба даст овардани навовариҳо буд. Ин аст, ки барои миллати тоҷик низ корбурди абзорҳои нав барои боло бурдани ҳувияти миллӣ ва васеъ сохтани ҷаҳонбинии мардум шарт ва зарур мебошад. Ҳукумати Тоҷикистон бо роҳҳои гуногун дар ин ҷода корҳои мондагор карда истодааст. Арҷгузорӣ ба давлати Сомониён ва давлатмардони ин сулолаи миллӣ, бознашр ва ройгон расонидани китобҳои "Тоҷикон" ва "Шоҳнома" ба тамоми аҳолӣ, ҷашнгирӣ ва ҷаҳонӣ сохтани Наврӯзи Оламафрӯз, эълон намудани соли 2006 ҳамчун "Соли тамаддуни Ориёӣ", ба номи Шоҳаншоҳи ориёӣ Куруши

Бузург гузоштани яке аз зеботарин боғҳои пойтахт бо гузоштани пайкара ва намунаи Маншури ҳуқуқи башари ӯ ва ахиран ҳадафгузорӣ ҷиҳати сохтани Конуни тамаддуни ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе аз ҷумлаи онҳост. Дар баробари ин, донишмандон, фарҳангиён ва равшанфикрони тоҷик вазифадор ҳастанд, ки бо мақсади боло бурдани сатҳи худшиносии миллӣ ва тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа асарҳои тозаву ҷаззоб эҷод намоянд.

Яке аз зинаҳои асосии кори илмӣ-эҷодӣ ин дарёфти холо, яъне холигиҳо дар пажуҳиши мавзуъҳои мавриди назар бо мақсади такмил додани он мебошад. Таҳқиқоти гузашта оид ба ин ё он масъала наметавонанд ҳамаи паҳлуҳои онро дар бар гирад. Дар аксар маврид дар ин фазо холо вуҷуд хоҳад дошт ва он бояд аз ҷониби дигарон пур карда шавад ва ё тақвият дода шаванд. Дар масъалаи ҳувияти миллӣ ва худшиносиву меҳанпарастӣ низ чунин мушкилот вуҷуд доранд. Бо вуҷуди гаронарзишу ҷаҳонгир будани "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ мо ниёз ба эҷоди асарҳои тоза дар мавзуи худшиносиву худогоҳӣ ва ҷавонмардиву меҳанпарастӣ дорем. Махсусан, дар шакли ҳамоса, ки ҷаззобу дилнишин ва нишонрас мебошад. Барои мо ҳамосаҳои нав дар бораи корнамоиҳои Куруши Бузург, Зардушти Спинтом, Дориюши Бузург, Анушервони Одил, Яъқуби Лайси Саффорӣ, Исмоили Сомонӣ, Мунтасири Сомонӣ ва даҳҳо бузургони дигар лозим ҳастанд, то дар баробари таҳоҷуми фарҳангии бегонагон истодагарӣ намуда, худшиносии мардуми тоҷикро тақвият бахшанд. Аз корнамоиҳои давлатмардони мо, ки то ба Юнону Мисру Эфиёпияро тасхир намуда, шукуҳу шаҳомат ва иқтидори милливу давлатдории тоҷиконро ба ҷаҳониён нишон додаанд, то осори ҷаҳоншумули олимону адибони классики мо, ки дар

тамоми ҷаҳон паҳн гаштаву ба ҷомеаҳои дигар таъсиргузорӣ намудаанд, ҳамагӣ сазовори муаррифии тоза мебошанд.

Хушбахтона, миллати тоҷик ҳамеша донишмандону андешамандони худшиносу меҳанпарасти худро дошт ва онҳо барои ҳифзи фарҳангу тамаддуни мо ва тақвияти худшиносии миллӣ корҳои шоистаеро иҷро кардаанд. Бо вуҷуди он ки "Шоҳномаи"-и Ҳаким Фирдавсӣ асрҳои зиёд ҳамчун сипари пулодӣ миллати моро ҳифз мекунад, аммо ҳуҷумҳои аҷнабиёни дорои идеологияҳои тамомиятхоҳ ва низомҳои феодалии чашмгурусна ҳувияти миллии моро бисёр заиф кардаанд. Аллакай, дар давраи Аморати Бухоро дигар аз тоҷик танҳо забонаш монда буд, ки аз чор тараф зарбаҳои ҷонкоҳ мехурд ва мавқеи худро ҳамчун субъекти сиёсӣ дар минтақа аз даст дода буд. Аммо дар ин миён Устод Садриддин Айнӣ ва дигар ҳамфикрони ӯ бо эҷоди асарҳои тоза ҳамчун оина моро нахуст ба худ ва баъдан ба дигарон муаррифӣ намуда, заминаи ҳифзи бахше аз сарзаминҳои аҷдодӣ ва ташкили давлати миллиро гузоштанд, ки имрӯз мо аз он баҳрагирӣ карда истодаем.

Дар шароити кунунӣ, ки миллати тоҷик соҳиби давлати миллист ва дар фазои истиқлол ё худсолории сиёсӣ ҷойгоҳи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян менамояд, мо беш аз пеш ба адабиёти созанда ва махсусан ба осори ҳувиятсозу меҳанпарастона ниёз дорем. Чунки бо суистифода аз технологияҳои иттилоотӣ рақибони мо таҳоҷумҳои худро зиёд карда истодаанд ва мо шоҳиди он ҳастем, ки чи қадар ҳаммилатони моро ба доми худ афтонда, манқурт сохтанд ва аз ҷону моли онҳо барои расидан ба аҳдофи худ баҳрагирӣ намуданд. Дар ин шароит асарҳои илмиву адабие, ки тавонанд худшиносии мардуми моро боло баранд, ҳамчун обу ҳаво ба мо заруранд.

Феълан дар ҷомеаи мо афроде, ки дорои ҳувияти миллӣ, ҷуръати истодагарӣ намудан дар баробари рақибони миллат, мавқеъгирии давлатӣ ва қобилияти эҷодкорӣ бошанд, вуҷуд доранд. Зиёд нестанд, вале натиҷаи заҳмати онҳо назаррас мебошад. Яке аз чунин фарзандони фарзонаи миллат муаллифи ҳамосаи тозаи миллӣ зери унвони “Зардуштнома” устод Меҳроспанди Отбиён мебошанд. Китоби мазкури ӯ соли 2022 дар чопхонаи “Промэкспо” дар шаҳри Душанбе дар ҳаҷми 408 саҳифа нашр шудааст(ниг. gundishopur.tj/post/Китоб/zardushtnoma), ки дорои тақрибан 6600 байт мебошад ва дар он ягон калимаи ғайритоҷикӣ истифода нашудааст. Чуноне ки аз номи китоб бармеояд, ин ҳамоса дар бораи зиндагии файласуфи бузург ва паёмбари миллӣ Зардушти Спинтом ва ҷомеаи тоҷик дар давраи ӯ мебошад. Муаллиф бо огоҳии комил аз таърихи бостон ва фалсафаи гузаштагони мо як давраи таърихии миллати тоҷикро дар қолаби ҳамоса ба тасвир кашидааст.

Муаллиф дар пешгуфтори “Зардуштнома” дар бораи шахсият, таълимоти фалсафӣ ва нақши Зардушт дар рушди фарҳанги миллӣ маълумоти кутоҳе ироа дошта, аз зарурату аҳамияти навиштани чунин асарҳо дар замони муосир сухан гуфтааст. Ӯ менависад “Ашӯ Зардушт поягузори нахустин донишҳо ва андешаҳои фалсафӣ ва нахустин ойини яктопарастӣ ва бозсозгари сохтори дин ва шаҳриёрӣ дар Эрони Бостон буд, ки «ашо» (ростӣ, ҳанҷори ҳастӣ)-ро андозагири ягонаи дониш ва рафтор ва куниши ҷаҳониён шуморид ва хирадро мояи ҳастӣ ва дастури зиндагӣ гуморид ва тӯдагонро ба роҳи некӣ, доду дониш ва рӯшноӣ роҳнамоӣ кард. Ӯ на танҳо дар дин ва хим(ахлоқ) ва куниш ва фалсафа, дар баробари он дар сохтори шаҳрдорӣ ва додгустарӣ ва пешбурди зиндагонии тӯдаҳои мардум ва донишҳои рӯзгори куҳан низ гардиши бузург ба миён овард”. Илова бар ин, аз

фоҷеаҳое, ки бар сари фарҳанги миллӣ дар ҳазору чорсад соли гузашта аз тарафи аҷнабиён оварда шуда буд, сухан гуфта, расидан ба истиқлоли давлатии тоҷиконро имконияти бузурге барои аз нав тақвият додани фарҳангу тамаддуни ориёӣ (тоҷикӣ-эронӣ) медонад. Дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ, ки ҳануз дар ростои омӯзиш ва пажуҳиши мавзуи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва аз ҷумла зиндагӣ ва фалсафаи Зардушти Спинтом мавод ва адабиёти кофӣ дар дастрас набуд, муаллиф коркарди ин мавзуъро ихтиёр намуда, дар соли 2006 достонро ба анҷом мерасонад. Аммо бо сабабҳои гуногун чопи ин асари арзишманд то соли 2022 ба ақиб гузошта мешавад. Сабаби аввалро муаллиф дар қаноатманд набудани худ аз достон мебинад, ки чандин бори дигар онро таҳрир намудаасту такмил додааст. Аммо чунин ба назар мерасад, ки барои чопу паҳнсозии он дастгирии дигар афроди меҳандӯсту бошараф ва кордон лозим будааст.

Баъди 13 соли омода шудани сиёҳнависи “Зардуштнома” хабари мавҷудияти чунин як ҳамосаи арзишманд ба донишманди тоҷик Назрӣ Асадзода мерасад. Ӯ дар пайи ҷустуҷӯӣ он шуда, билохира бо кумаки физикдони тоҷик Меҳрдод Субҳонӣ онро дастрас мекунад ва бо муаллиф шинос мешавад. Баъди омӯзиши асар пешниҳодҳои худро ба муаллиф ироа дошта, аз шоири тоҷик Салим Зарафшонфар ҳам хоҳиш мекунад, ки дар таҳриру тақвияти он кумак намояд. Ҳама эродҳову пешниҳодҳоро устод Отбиён дар назар гирифта, ҳамосаи худро таҳрири хотимавӣ намуда, бо кумаки Бозор Ибодӣ барои чоп омода месозанд. Дар нашри он Назрӣ Асадзода нақши асосиро иҷро намуда, саранҷом дар соли 2022 ин ҳамосаи миллӣ дастраси хонандагон мегардад.

Чуноне ки гуфта шуд, Зардуштномаи устод Меҳроспанди Отбиён як ҳамосаи миллӣ мебошад, ки бе шак тақвиятдиҳандаи “Шоҳнома”-и безавол буда, як давраи муҳим,

вале фаромушшуда ва таҳрифгаштаи таърихи миллати тоҷикро ба хонандагон ошно менамояд. Дар он таърих, фалсафа, ҷаҳонбинӣ ва устураҳои миллӣ аз замони зиндагии Зардушти Спинтом оварда шудаанд. Ситоиши хираду растагорӣ, маҳкум намудани дурӯғу бадкорӣ ва тафсири рамзу намодҳои миллӣ аз вежагиҳои достон мебошанд. Масалан, муаллиф Симурғро ҳамчун намоди ростӣ, растагорӣ, дониш ва андешаву гуфтору кирдори нек муаррифӣ намуда менависад:

*Ҳамон Симург, к-аш ҷӯӣ, бувад ин,*
*Нишеман - Бурзкӯҳи донишу дин.*
*Беҳӣ шаҳболи мурги бахтёрист,*
*Кушода пар ба роҳи растагорист.*
*Беҳӣ бишнос он мурги ҳумоюн*
*Ба кӯҳи ростии сар ба гардун.*
*Сари он мург ҳаст андешаи нек,*
*Ду болаш гуфту кору пешаи нек.*
*Бувад аз ростӣ чун пояи ӯ,*
*Ба коми дил расӣ дар сояи ӯ. (саҳ. 21-22)*

Ин масъала солҳо боз мавриди баҳси адабиётшиносон қарор гирифта буд. Донишманди тоҷик равоншод Зафар Мирзоён ва дигарон дар бораи Симурғ мақолаҳо навишта буданд. Вале чунин ба назар мерасад, ки устод Отбиён беҳтарин тафсирро аз Симурғ кардаанд.

Дар саҳифаҳои 24-25 шоҳи хирадманду офаринандаи ориёӣ Ҷамшеди Пешдодӣ хеле зебо муаррифӣ гардидааст:

*Аз он гаҳ то замони шоҳ Ҷамшед*
*Ба гирди чарх чандон гашт Хуршед.*
*Ба тахти подшоҳӣ Ҷам чу биншаст,*
*Камар дар кори дину дод барбаст.*
*Накӯӣ карду чандон дод варзид,*
*Ки Эрон сарбасар обод гардид.*

*Сипоҳӣ бо кишоварзу ҳунарвар,*
*Ҳам он отурбони додпарвар*
*Ҳама осудадил буданду хуррам*
*Ба Эрон дар паноҳи додгар Ҷам. (саҳ. 24)*

Бар асоси муҳтавои устураҳои миллии мо Шоҳ Ҷамшед бо сиёсати хирадмеҳвару додгаронаи хеш Тоҷикзаминро ба биҳишти рӯйи дунё табдил дода буд. Дунявияте, ки имрӯз мо дар меҳани хеш дорем, реша аз ҳамон сиёсатгузориву фалсафаи қадимаи мо мегирад. Ин яке аз далелҳое мебошад, ки дунявият реша дар умқи фарҳанги бостони миллати мо дорад ва ба ҳеҷ ваҷҳ онро наметавон мафҳуме иқтибосӣ аз фарҳанги Ғарб унвон дод. Дар шароити кунунӣ низ дунявият яке аз сутунҳои асосии пешрафту шукуфоӣ ва қудрати миллии тоҷикон мебошад. Дар ҳамин қисмати китоб қиссаи ғасби ҳокимият аз ҷониби Заҳҳоки нопок, бедодгарии вай ва аз тарафи Коваи Оҳангару Фаридун шикаст додани он бадкирдор ва барқарории ҳукумати милливу додгариву созандагӣ оварда мешавад.

Дар идома бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ қиссаи Зардушт, падару модари ӯ ва фарзандону пайравон бо як тарзи зебову шавқовару дилнишин оварда шудааст. Дар доираи ин қиссаҳо воқеиятҳоеро аз таърихи миллати тоҷик дида метавонем, ки аз ҷониби душманон бо мақсади манқурт сохтан ва бадбин кардани мардуми мо нисбат ба гузаштагони худ таҳриф карда шудаанд. Барои мисол, ойини гуронидан дар Эрони Бостон якранг набудааст. Гузаштагони мо чандин ойини гуронидан дошта будаанд, ки асоситарини он дар хоку санг гур кардан будааст. Дар саҳифаҳои 43 ва 44-и китоби “Зардуштнома” ба ин масъала ишора шудааст.

Таъсир пазируфтани динҳои сомӣ аз дину фарҳанги ориёӣ як воқеияти равшан аст. Чандин расму суннатҳо ва боварҳое дар Тоҷикзамини қадим вуҷуд доштанд, ки баъдан ба динҳои

сомӣ гузаштанд ва имрӯз ҳар тоҷик бояд онҳоро бидонад то худшиносиву ифтихори миллӣ боло равад. Насӯхтани паёмбар дар дохили оташ (саҳ. 69-74), меъроҷ кардан (саҳ. 130-148), чок кардани синаи паёмбар ва пок кардани он (саҳ. 145), панҷ вақт намоз (223-227), зода шудани бузурге аз зани бокира (саҳ. 363-365) аз ҷумлаи чунин сужаҳое мебошанд, ки баъдан намояндагону пайравони адёни сомӣ онро ба шахсиятҳои динии худ нисбат додаанд.

Як қисми китоб аз саҳифаи 215-ро метавон ҳамчун дуои зебои тоҷикӣ истифода бурд:

*Худованди Хирад, бахшандаи ҷон,*
*Падидорандаи ҳастону будон.*
*Бикун равшан дилу андешаи мо,*
*Кушоиш деҳ ба кору пешаи мо.*
*Ҷаҳонпарвардигоро, Ҷовидоно,*
*Авахшидору наҳмар меҳрбоно!*
*Ба ду дасти ниёз оем сӯят,*
*Ба ёрӣ бо намоз орем рӯят.*
*Ба мо бинмой роҳи ростиро,*
*Раҳоӣ аз кажию костиро.*
*Ба ойини биҳӣ, кеши Аҳӯро*
*Ба сӯи растагорӣ бар ту моро.*
*Худоё, гар зи ман зад сар гуноҳе,*
*Надониста ва ё дониста гоҳе,*
*Агар бад кардаму будам базаҳкор,*
*Ба пиндору ба кирдору ба гуфтор,*
*Танӣ буд он гуноҳон, ё равонӣ,*
*В-агар гетӣ буд он, ё менувонӣ,*
*Патат ҳастам ман аз карда пашемон,*
*Худовандо, биёмурз он гуноҳон. (саҳ. 215)*

Хираду хирадварзӣ дар фарҳанги ориёӣ мавқеи хеле баланд дорад. Дар ситоиши хирад бузургони миллати тоҷик суханҳои воло зиёд гуфтаанд. Дар ҳамосаи мазкур низ дар ситоиши хирад чунин оварда шудааст:

*Ба некон ҳамчунин фармуд вахшур,*
*Хирад доранд дар ҳар кор дастур:*
*«Гар аз роҳи хирад берун ниҳӣ гом,*
*Ба дӯзах дар шавӣ навмеду ноком.*
*Зи дарёи хирад шаҳвор гавҳар*
*Биҷӯю ганҷи Чисто з-он бурун бар.*
*Ҳунар омӯзу бо гуфтори вахшур*
*Хирад алфанч аз гаҳвора то гӯр.*
*Чароғи донишу фарҳангу фарзон*
*Ҳамеша дор чун оташ фурӯзон.*
*Ки аз Чисто бибинӣ рӯйи Баҳман,*
*Ба кирдори фурӯғи Шед равшан.*
*Расонад ӯ-т бар Хурдоду Мурдод,*
*Ба менӯ ҷовидон монӣ ту дилшод.*
*Ба гетӣ аз хирад бошӣ ту пирӯз,*
*Зийӣ бо бахти неку шоду биҳрӯз.*
*Хирадро дор дар ҳар кор дастур,*
*Ки дорад онат аз ҳар гуна бад дур.*
*Худованди Хирадро кун ситоиш,*
*В-аз Ӯ меҳоҳ ёриву кушоиш. (саҳ. 229)*

Ҷашни Наврӯз низ дар ин китоб ба шеваи зебое ситоиш шудааст:

*Ҳамора бо шукӯҳу фарру арванд*
*Ҳумоюн Рӯзи Навро ҷашн гиранд,*
*Ба ҷашну суру базми рӯзи Наврӯз*
*Або ҳам меҳрбон бошанду дилсӯз.*
*Набошад ҷашне аз Наврӯз барфар,*

*Яке рӯз аз ҳазорон сол бартар»... (саҳ. 240)*

Дар қисмати поёнии китоб муаллиф ба моҷарои таҳоҷуми араб, сухтани Авасто, тахриб ва ғорати Эрон, буридани сарви қадимаи Кишмар аз тарафи Ҷаъфари Гуҷастак ишора мекунад ва ҳамзамон ба тариқи фалсафӣ дар бораи аз оташ берун омадани фарҳанги Ориёӣ сухан меронад. Аз ҷумла дар бораи бадкориҳои тозиён чунин мегӯяд:

*Ба тозӣ созгор омад замона,*
*Ба Эрон тохт он гаҳ, дин-баҳона.*
*Ҳазорон беваронро бегунаҳ кушт,*
*Саросар хокро дар хун биогушт.*
*Ки дар Эрон зи Даҷла то ба Сайҳун*
*Замин гулгун шуд аз бас рехтан хун.*
*Ба ҷӯйи хуни фарзандони Эрон*
*Бигардонд осиёву хурд з-он нон.*
*Бибурд ӯ ганҷи Эронро ба тороҷ,*
*Зару колову тахту афсару тоҷ...*
*Бибурд он «Ҳашт Ганҷ»-и шоҳ Парвиз,*
*Дигар дебову аспу мешу ҳар чиз...*
*Занону духтарону кӯдаки хурд*
*Бибасту каш-кашон дар бардагӣ бурд.*
*Ҳама шаҳру диҳи ободи Эрон*
*Ба оташ даркашиду кард вайрон.*
*Куҷо оташгаҳе буду дабистон,*
*Фиканду кардашон бо хок яксон.*
*Басо тандес буду пайкари хуб,*
*Ки буд аз симу зар ё аз гилу чӯб,*
*Ба хок афканду андар оташ андохт,*
*Якояк сӯхт, симу зар-ш бугдохт...*
*Саросар сӯхт донишномаҳоро,*
*Ҳар он-ч аз Тесфун буд то Бухоро.*

*Ҳама ганҷинаҳои донишу дод,*
*Ба оташ даркашиду дод бар бод.*
*Ҳам он ганҷинаҳо дар Гундишопур,*
*Чу дид он хушкмағзи аз хирад дур,*
*Зи донишномаҳо чандин ҳазорон,*
*Зи ҳар дар дониш он ҷо буд фаровон...*
*Чу онро дид, шуд патху фурӯ монд,*
*Даҳон ҷӯшидашу аз гуфтугӯ монд.*
*Зи рашку кина мағзаш тира гардид,*
*Ду чашмаш хун гирифту хира гардид.*
*Ҳама оташ зад он деви ҷаҳонсӯз,*
*Бишуд хокистар он ганҷи дилафрӯз.*
*Ба вижа дар пизишкӣ андар он ҷой*
*Бикарда буд Хусрав шаҳр барпой.*
*Ҳазорон нома бо чандин забоне,*
*Ниҳода буд дар ҳар ганҷдоне...*
*Дарегаш номаду оташ зад онро,*
*Ҳам он ҷо кушт номӣ бихрадонро...*
*Ҳама фарҳанги Эронро дар оташ*
*Кашиду сӯхт душти аҳриманфаш...*
*Бар ин тороҷу куштан то дусад сол,*
*Ҳам аз он бештар меёфт дунбол... (саҳ. 376)*

Дар воқеъ, ҳама он дастовардҳои илмӣ ва дороиҳои молии миллати мо дар замони ҳуҷуми арабҳо ғорат шуд, сӯзонида шуд ва миллионҳо инсони бегуноҳ кушта шуданд. Ин ҳақиқати талх дар китобҳои таърих то ҳадде инъикоси худро ёфтаанд. Вале дар ин ҳамоса ба таври шевову фаҳмо ба қалам кашида шудааст. Билохира ҳамин донишу фари ориёӣ буд, ки пас аз пойинтар шудани кину хашми араб дар ҷаҳони ислом илму фарҳангро боззоӣ намуд:

*...Ба Эрон зад чу тозӣ дасти тороҷ,*
*Рабуд он ганҷу тахту афсару тоҷ.*
*Кашид онро ба коми оташи ҷанг,*
*Набитвонист сӯзад бехи фарҳанг.*
*Басо бистонду бас бурду басо кушт*
*Ҳамоно монд бар ҷо панди Зардушт.*
*Араб омӯхт з-он роҳи хирадро,*
*Зи ҳам бишнохт в-он гаҳ неку бадро.*
*Ҳама он донишу фарҳангу фарзон*
*Бурун шуд з-оташи тозӣ таносон.*
*Сипас он гавҳари пурарҷи шаҳвор*
*Ба тозӣ андар омад бар сари кор.*
*Гуҳар, к-оганда буд Пури Спитом*
*Бишуд омуда дар фарҳанги ислом... (саҳ.379)*

**Хулоса**. Набояд пиндошт, ки муаррифии як фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, ки ҳамчун паёмбар шинохта мешавад, бо ҳадафи боз ҳам динмеҳвар кардани ҷомеаи тоҷик аст. Мо пеш аз ҳама ба арзишҳои дунявӣ содиқ буда, ҷомеаи илммеҳвару дорои ҷаҳонбинии илмӣ сохта истодаем ва ҳеҷ динеро бо сиёсат омехта карда дар курсӣ шинониданӣ нестем. Зардушти Спинтом дар баробари шахси динӣ-фарҳангӣ будан олиму файласуф ҳам буд ва эътирофу эҳтироми ӯ аз ҷониби файласуфони ҷаҳонӣ ба монанди Фридрих Ничше далели он буда метавонад. Ба таври мунсифона муаррифӣ кардани чунин шахсияти бузург ҳадафи нек дорад. Пеш аз ҳама, ин иқдом муаррифии фарҳангу тамаддуни ориёй-тоҷикӣ буда, ёдоварӣ аз он аст, ки миллати мо дар тули таърих саҳми босазои худро барои рушди инсоният гузоштааст. Мо миллати эҷодкор, нововар, ихтироъкор ва дар маҷмуъ тамаддунсоз будем ва ҳоло ҳам иқтидори зеҳнии онро дорем. Агар аз дигар фарҳангҳои ҷаҳонӣ то дараҷае таъсир гирифта

бошем, ба онҳо низ таъсири назарраси худро расонида, мавқеи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ муайян намудаем. Ҳамосаи миллии мо “Шоҳнома” дар даврони тангу тори асримиёнагӣ тавонист миллати моро ҳифз кунад. Баъдан, дигар асарҳои бо он монанд ҳам худшиносиву ҳувияти моро ҳифз намуданд ва ҳам миллати моро ба наслҳои нав дар Тоҷикзамин ва дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд. Ин ҳамосаи тоза бо номи “Зардуштнома” низ тақвиятдиҳандаи онҳо буда, як давраи муайяни таърихиро дарбар мегирад, ки то имрӯз камтар шинохтаву муаррифӣ шудааст. Ин ҳамосаи тозаи миллӣ худшиносиву ҷаҳонбинии мардуми тоҷикро бештар карда метавонад. Ин асар нишон медиҳад, ки мардуми соҳибфарҳанги мо ҳазорҳо сол пеш аз дигарон офаринандаи арзишҳои муайяне будаанд, ки имрӯз аз номи бегонагон миёни ҷавонони мо паҳну муаррифӣ мегарданд. Донистани ин ки бештарин мафҳумҳо ва арзишҳои роиҷ дар дину фарҳангҳои ҷаҳон аз ҷомеаи мо бархостаанд, шиддати ифротгароии мазҳабиву бегонапарастиро дар ҷомеа камтар намуда, таҳаммулпазириро зиёд менамояд.

Дар баробари доштани аҳамияти фарҳангиву илмӣ ҳамосаи “Зардуштнома” арзиши болои адабӣ ва ҳунарӣ дорад. Аз хондани ин асар кас ҳаловат мебарад. Муаллиф тавонистааст, ки як асари хеле арзишманди адабӣ офарад ва хонандаро ҷалб созад. Нашру паҳн намудани чунин як асар дар солҳое, ки давлату ҳукумати Тоҷикистон барои муаррифии тамаддуни ориёӣ гомҳои устувор бардошта истодааст, ба манфиати ҳамагон хоҳад буд. Мутаассифона, пас аз гузашти чаҳор соли нашри нахустини ин асар ҳеҷ дастгирии ҷиддие аз ҷониби муассисаҳои давлатии дахлдор барои муаррифӣ ва паҳн кардани он дида намешавад. Соли 2025 Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолияти панҷсолаи худро ҷамъбаст намуда, ҳисоботи пурмуҳтаво дод. Вале ҳеҷ як

ёдоварие аз нашр шудани чунин як асар ва арзиши он дида нашуд, чи расад ба нашру паҳн кардани он. Ҳол он ки яке аз вазифаҳои ин муассиса ва ҳамчунин муассисаҳои пажуҳишӣ дар соҳаҳои таъриху забону адабиёт ва фалсафа дарёфт ва дастгириву муаррифӣ намудани эҷодкорони боистеъдод ва асарҳои арзишманди онҳо мебошад. Зардушт ҳам як тоҷики оддӣ набуд. Шахсияти ӯ ҳам аз ҷониби пажуҳишгарони дин дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф шудааст ва ҳам аз ҷониби файласуфон. Доир ба шахсияту таълимоти фалсафии ӯ китобҳо ва корҳои илмии зиёде навишта шудаанд. Шарт нест, ки кадом як миллати дигар ӯро мутафаккири худ эълон кунаду баъд мо садо баланд кунем. Аслан мебоист ҳамосаи "Зардуштнома" дар ҳамон соли 2022, ки нашр шуда буд аз ҷониби Иттифоқи нависандагон, Институти забон ва адабиёти АМИТ, телевизиону радиои миллӣ ва дигар ниҳодҳои марбута борҳову борҳо муаррифӣ мешуд. Аммо нашуд ва гузашта аз ин мутаассифона, то ҳануз нодида гирифта мешавад. Умедворем, дар оянда ин камбудиҳову нодида гирифтанҳо идома пайдо накунанд ва ҳам ҳамосаи миллии "Зардуштнома" ва ҳам дигар асарҳое, ки тақвиятдиҳандаи муҳтавои "Шоҳнома"-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ва ормонҳои ӯ мебошанд, муаррифӣ ва нашру паҳн гарданд ва эҷодкорони меҳандӯсту соҳибистеъдоде, ба монанди устод Меҳроспанди Отбиён ҳаматарафа қадрдонӣ шаванд.

**Саймумин ЯТИМОВ,**
*профессор*

## ҲАРГИЗАМ НАҚШИ ТУ АЗ ЛАВҲИ ДИЛУ ҶОН НАРАВАД

Модарам тибқи ҳуҷҷатҳо ҳамсинни падарам буд. Аммо падарам мегуфт:

– Модарат аз ман тахминан панҷ сол хурд аст.

Ҳар касеро, ки тақдир хушбахтии доштани модар насиб кардааст, беҳтарин суханҳоро дар бораи ӯ мегӯяд. Аммо ин калимот наметавонанд, он бузургиеро, ки мансуби сифат ва манзалати модар аст, пурра ифода кунанд.

Модари ман Зебуннисо ном дошт. Дар ҷамоати деҳоти Қафлондара ба дунё омада, дар он ҷо синфи ҳафтро хатм карда буд. Хатту саводи хуб дошт. Вақте  дар аскарӣ будам, ба ман нома менавишт. Ҳусни хаташ хеле зебо буд. Шоирона менавишт ва бештар алами худ, азоби дурӣ аз фарзандашро модарона изҳор медошт ва Худоро дуо мекард, ки дар зиндагиаш бори дигар ӯро соқу саломат бубинад.

Модарам аз падару модар се фарзанд будаанд. Бародари калонӣ ва ду хоҳар. Падараш Раҳмоналӣ ном доштааст. Ӯро Раҳмоналии паҳлавон мегуфтаанд. Гӯштингир ва чавандози номӣ будааст.

Баъд аз шикасти амири Бухоро ҳаракати босмачигарӣ ташкил шуд. Мақсад аз он бори дигар ба тахт нишондани «амир-ул-муъминин»-и Бухоро буд. Бо ҳамин баҳона, дар тумани Балҷувон бисёре аз дузду роҳзанҳо ҳам ба ҳамин ҳаракати ба ном «ҷиҳодӣ» ҳамроҳ шуда, мардумро талаву тороҷ мекарданд. Ин бенизомӣ ба деҳаҳои Қафлондара, Дасторқозӣ, Мирак, Бузвалӣ  ва Гулдара ҳам расида омадааст.

Аз самти Балҷувон дастаҳои ғоратгари мусаллаҳ ба Қафлондара ва деҳаҳои атрофи он ҳуҷум оварда, мардумро талаву тороҷ мекарданд. Ҳукумати Олимхон шикаст хӯрда ва аз ҳам рехта бошад ҳам, Ҳукумати Шуроҳо ҳанӯз ташкил нашуда будааст. Ҷавонмардони гирду атроф, бисту панҷ - сӣ нафар, ки мисли Раҳмоналӣ тануманд, гӯштингиру човандоз буданд, наздаш меоянд. Даъват мекунанд, ки дастаи худихтиёрӣ ташкил карда, Қафлондара ва атрофи онро аз босмачиҳо ҳифз намоянд. Раҳмоналӣ розӣ мешавад. Ва наздик ба як сол, мардум ва ҷону моли онҳоро аз босмачиҳои роҳзан ҳимоя мекунанд. Бобоям хатту савод надоштааст. Чун болшевикҳо наздик меоянд, Раҳмоналӣ, ки аз пешдастони ҳифозати мардум буд, гумон мекунад, ки ба ӯ низ зарар мерасад. Назди зану се бачааш меояд. Ба ҳамсараш:

– Бибифотима, акнун мо дигар инҷо зиндагӣ карда наметавонем. Бачаҳоро бигир, меравем, – мегӯяд.

– Ба куҷо? – мепурсад Бибифотима.

– Ба Афғонистон, – мегӯяд Раҳмоналӣ.

– Аз кӣ мегурезем, – боз мепурсад Бибифотима.

– Аз «болшавой», – мегӯяд бо қаҳр Раҳмоналӣ.

– Аз «болшавой» босмачиву мулло мегурезанд, ману ту на босмачиему на мулло. Барои чӣ гурезем?!!!

– «Болшавой» мусулмони дар пояш рост меистода, зану бача ва хешу таборашро мекушад. Ба онҳо фарқ надорад, кӣ мусулмону кӣ кофир? – бо исрор таъкид мекунад Раҳмоналӣ.

– Мардак, мо як оилаи камбағал ҳастем. Нони худро базӯр меёбем. Рӯзгорамонро бо азоб мебарем. Агар ту ҷанг карда бошӣ, муқобили ҳамин босмачиҳои душмани «болшавой» ҷанг кардӣ. Ин ҷо чӣ гуноҳ аст, – истодагарӣ мекунад дар суханаш Бибифотима.

– Агар наравӣ, бачаи яккаву ягонаамро деҳ, ман рафтам, Бибифотима! – мегӯяд Раҳмоналӣ бо қаҳр.

– Маро куш, баъд бачаатро бигир! – мегӯяд Бибифотима.

Раҳмоналӣ мебинад, ки илоҷи дигар нест, фарзандонашро як-як ба оғӯш мекашад. Ба завҷааш:

– Хайр Фотима, худат медонӣ. Таваккалатон ба Худо! Хатое дар ин умри кӯтоҳ карда бошам, бубахш. Фарзандҳоро ба туву туро ба Худо супоридам. Дидорҳо ба қиёмат! – гуфта, мулкро тарк мекунад.

Он вақт Зебуннисо чорсола будааст, акааш Бобоназар нуҳсола.

Бобоназар дар мактаб бо баҳои аъло мехондааст. Баъди хатми мактаб ӯро барои хондан ба Самарқанд фиристоданӣ мешаванд. Аммо модараш бо зориву тавалло пеши роҳи Бобоназарро мегирад. Охир, ӯ ягона соҳиби хона, саробони модару хоҳаронаш аст! Чӣ тавр онҳоро партофта меравад?!!!

Бобоназарро баъди як соли кор дар созмони ҷавонони ноҳияи Темурмалик, котиби ин ташкилот интихоб мекунанд. Ҷанг сар мешавад.

Бобоназар маслиҳати модарро напурсида, аз рӯзҳои аввал ихтиёрӣ ба ҷанг меравад. Тибқи имкон, аз ҷабҳа ба модараш нома менависад: «Очаҷон, андаки дигар монд. Ҷанг ба қарибӣ тамом мешавад. Бо пирӯзӣ ба Ватан бармегардам. Боз зиндагиро аз нав оғоз мекунем!».

Моҳи апрели соли 1945, ҳамагӣ чанд рӯз қабл аз Ғалабаи бузург, дар яке аз муҳорибаҳо дар наздикии Берлин Бобоназар ба ҳалокат мерасад.

Кампири Бибифотима то охири умр бо мо зиндагӣ мекард. Ба мо ҳукми модарӣ дошт.

Ӯ пиразани ниҳоят хоксор, ҷиддӣ, камгап, қавиирода, поксиришт, ростқавл ва меҳнатӣ буд.

Падарам яке аз хонаҳои моро маҳз барои ӯ ҷудо карда буд. Онро мо «хонаи момаам» ном мебурдем. Апаам доимо бо ӯ

зиндагӣ мекард. Албатта, ҳамаи хонаҳои мо бари дар бар буданд. Рӯзгору дастурхони мо якҷо буд.

Бибифотима ҳаштоду шаш сол умр дид. Солҳои мактабхонии мо қувват дошт. Ба неву нестони модарам нигоҳ накарда, дар ҳама кору бори хона худро андармон мекард. Нон мепухт. Хӯрок тайёр мекард. Аз ҳамаи ғизоҳои тайёркардаи ӯ чортои он дар хотири ман мондааст: нашоиста, атолаи қандӣ, оши ришта ва шакароб. Падарам ғизоҳои пухтаи кампирро хеле дӯст медошт. Онҳоро доимо таъриф мекард. Ба кампир ниҳоят боэҳтиром, мисли модари худаш муносибат менамуд.

Бибифотима рӯзгори вазнин дида, бештар хислатҳои мардона пайдо карда буд. Ба мо бо самимият, мулоим ва навозишкорона муносибат мекарда бошад ҳам, ба ҳеҷ кас дӯстдории зиёдатӣ намекард. Суханҳояш чида – чида, гӯё ба ҳисоб буданд. Меҳмондӯстдор буд. Аммо меҳмонӣ рафтанро дӯст намедошт.

Ҳамагӣ як дугона дошт, ки ҳамсинну сол ва хешаш буд. Номаш Бибидастагул. Кампир дар деҳаи Ҳисор бо бачааш зиндагӣ мекард. Бибифотима дар шаш - ҳафт моҳ як бор хонаи дугонааш мерафт ва дафъаи навбатӣ ӯро ҳатман ба хонааш даъват мекард.

Агар кампир меҳмонӣ мерафт, хона холӣ мешуд. Мо ӯро тез пазмон мешудем. Аммо Бибифотима ҳаргиз аз ду рӯз зиёд меҳмониро намепазируфт. Раҳ нигоҳ мекард, ки омада, ӯро биёрем. Мабодо, агар рӯзи сеюм субҳ не, бегоҳӣ барои овардани кампир мерафтем, ноаён як навъ изҳори эътирозу норизоӣ мекард.

Баъди бозгашт хеле хурсанд мешуд. Ҳамаи моро як-як ба оғӯш мегирифт. Гӯё ки чанд моҳ наберагонашро надида бошад.

Ман ҳаргиз шодии аз таҳти дили кампирро надидаам.

Дар оила ё ҳини вохӯрӣ бо дугонаи худ ва дигар кампирҳои ҳамсоя, ки гоҳ - гоҳе ба ягон муносибат дар хонаи мо ҷамъ мешуданд, суҳбат меоростанд, боре ҳам аз тақдири худ шикоят намекард. Оби чашми ӯро дар пеши худиву бегона ҳеҷ вақт намедидем. Ҳамаро бо таҳаммул, бо диққату эҳтиром гӯш мекард. Аммо ба гапи онҳо қӯш намешуд. Аз нигоҳи кампир ва симои ӯ маълум набуд, ки кампири Фотима ба фикри ҳамсуҳбатони худ розӣ ҳаст ё не. Амале ҳам аз худ нишон намедод, ки ҳамсуҳбат дар вохӯрӣ бо кампир эҳсоси нороҳатӣ кунад. Бо нигоҳу гӯшу ҳуш онҳоро мешунид. Суол диҳанд, посух медод. Вассалом. Аммо доимо андешаманди ботини худ буданаш мушоҳида мешуд.

Кампир ҳаргиз бекор наменишаст. Ҳар замоне кори ба худаш маъқулро анҷом медод. Ба шуғли дӯстдоштааш, ба чархаву реса даст мезад. Ӯ ин корро аз сифр оғоз намуда, то бофтани ҷуволу хӯрҷин бурда мерасонд. Дар коре, ки мекард, ҳаргиз касеро ёрдамчӣ намегирифт. Онро оромона оғозу анҷом мебахшид. Вақте кораш тамом мешуд, ба касе намегуфт. Ҳамчун моли рӯзгори хона бурда, дар ҷойи маъмулӣ таҳ карда мемонд. Вақте он чиз мавриди истифода қарор мешуд, падарам ба момаам миннатдорӣ баён мекард. Ӯ аз ин қадршиносӣ фақат як табассуми номаълум мекарду халос.

Ҷолиби таваҷҷуҳ  буд, ки дар оилаи мо ягон кас барои насиҳат кардани хурдон чандон заҳмат намекашид. Кампири Фотима яке аз саромадони ҳамин ойин буд. Саропои рафтори ӯ панд буд. Лекин мабодо дар хона ягонтои мо рафтори ноҷо мекардем, кампир оҳиста дасти моро кашида:

– Бачам, аввал андеша, баъд рафтор. Сухан ҳам намунаи рафтор аст. Дониста бош, ки ҳама ба ту  нигоҳ мекунанд. Баҳо медиҳанд, – мегуфт ӯ дилсӯзона.

Аз рӯйи эҳтироме, ки кампир дар хонадон дошт, ин сухан мисли танбеҳи сахт қабул мешуд. Ва амали ноҷо ҳамоно ислоҳ мегардид.

Кампир дилашро ба касе намекушод. Ғами чун кӯҳ дар дил доштаашро ба касе намегуфт. Вақтҳои танҳоияш, ҳангоми машғули ягон кор буданаш – чархаресӣ, дӯхту дӯз, ногаҳ хаёлаш ба куҷое мерафт. Дар ҷояш шах шуда мемонд. Ба як нуқтаи номаълуме бо гардани каҷ нигоҳ карда меистод. Ин ҳолат ду-се дақиқа давом мекард. Гоҳо чашмонаш пурнам мешуд. Беихтиёр ашк мерехт. Саросемавор бо нӯги остин ашкҳояшро, ки аз рӯйи пурожангаш мешориданд, тез пок мекард. Ба ин сӯву он сӯ саросемавор менигарист, ки мабодо ин ҳолати ӯро касе надида бошад. Мекӯшид, то корашро идома диҳад. Худро андармон кунад.

Боре, вақте ки ман тақрибан синфи ду ё се мехондам, назди момаам нишаста, аз тахтапораҳои тозакардаи хурд-хурд барои худам кӯшиши хоначасозӣ мекардам. Ҳамзамон, ба кори момаам диққат медодам. Модарам ба чӣ коре машғул буд. Хоҳаронам бо апаам дуртар дар ҳавлӣ саргарми кадом бозии бачагонаи худ буданд.

Ман эҳсос кардам, ки кори чархаресии кампир ба оҳистагӣ майл дорад ва оқибат дастони ӯ аз кор боз монданд. Кампир, гӯё ин ҷаҳон дигар вуҷуд надошта бошад, ба фикр фурӯ рафт. Вориди ҷаҳони худ шуд. Ба як нуқтаи номаълум менигарист. Ва шах шуда монд. Гӯё ҷон бадани хаставу ларзони кампирро тарк карда бошад, аз худ амале нишон намедод. Мисле ки – лашкари ғаму андуҳ руҳи ӯро мисли абрҳои ногаҳони баҳорӣ фаро гирифта бошанд. Аз чашмони замоне бодомшакли кампир чун сели навбаҳорон ашк равон шуд. Кампир мижа намезад. Дигар дар атроф касеро, чизеро намедид. Як лаҳза ин манзара идома ёфт. Гумон кардам сели марҷони ашки кампир домони ӯро пур кард. Бибифотима чашмони худро пӯшид. Бо

ин ҳолат рӯй сӯйи осмон кард. Даме истод. Чашмони пурашки худро бо хастагӣ кушод. Гӯё аз осмон ба суоли худ ҷавоб меҷуст. Аз ӯ имдод металабид. Дар ҳамин ҳолат аз ҷойи худ бархост. Чашмони худро бо нӯги остин пок кард. Ва мисли он ки оҳанрабое ӯро кашида бошад, нимбеҳуш сӯйи хонаи худ равон шуд. Дарро кушод. Ва бастани онро ҳам фаромӯш кард. Рафт ва болои сандуқи хурд – ягона бойигарии худаш рост истод. Ду - се таксариеро, ки болои он сандуқ чида шуда буд, гирифта, рӯ ба рӯйи ҳам ниҳод. Сандуқро кушод. Акси ягонаи писараш – Бобоназарро болои дастони ларзонаш гирифт. Акс гӯё чанг гирифта бошад, рӯйи онро бо дастони пажмурдаи хушки ларзонаш пок кард. Бӯсид. Ба дидаҳояш молид. Сахт ба қафаси синааш зер кард. Беовоз ашки шашқатор рехт. Дар рӯ ба рӯйи худ гузошт. Бо ӯ муколама оғоз кард:

– Бобоназар, Бобоназари ҷигарбандам! Ту ҳоло дар куҷоӣ? Аз раҳпоият мурдам. Ҷӯраҳоят Наврӯз омад, Абдулло омад, Сафар омад. Охир дар як рӯз ба ҷанг рафта будед. Онҳо ҳама омаданд. Ту барои чӣ дер кардӣ? Моҳҳо гузашт. Солҳо гузашт. Ду чашми ман ҳоло ҳам ба роҳи ту аст, ки ногаҳон, очаҷон гуфта, аз дар медароӣ. Ба ҷони мани нотавон тавон мебахшӣ, ба дарди бедавои ман дармон мешавӣ. Маро саробонӣ мекунӣ. Бо дастони худ ба макони ахират бурда мегузорӣ.

Кампир бо овози паст, зор-зор нолаву гиря карда, акси писарашро бо эҳтиёт дар ҷояш монд.

Баъдан, аз даруни сандуқ як даста сони печонидаро гирифта кушод. Онро бо ниҳояти меҳрубонӣ ба дидаҳои ашколудаш молид. Бӯсид. Бӯй кашид. Чанд лаҳза шах шуда монд. Баъд онро бо эҳтиёти хосса бо қабат таҳ карда, дар ҷояш гузошт. Дари сандуқро пӯшид. Зулфаки беқулфи онро ҷо ба ҷо кард. Таксариҳои поки обшустаро болои он гузошт. Як лаҳза сари худро бо мӯйҳои жӯлидааш болои таксарӣ гузошт. Гӯё ҳеҷ майли ҷудоӣ аз он ҷоро надошт. Базӯр, бо чашмони

пурнам ва дили пурғам аз ҷо бархост. Бидуни оина сару рӯйи худро батартиб даровард. Рӯймолашро дуруст кард. Ба берун баромад. Ба ҳеҷ касе нигоҳ накарда, ба пушти хона, ба самти саҳро қадам ниҳод. Ман давида ба момаи ғамзадаам наздик шудам. Аз лаби доманаш қапидам:

– Момаҷон, ман бо Шумо биёям? – гуфта, пурсидам.

– Эҳ, ту аз куҷо пайдо шудӣ? – гуфта, гӯё касе ӯро аз хоб бедор карда бошад, тааҷҷуб кард.

– Рав, бачам, ман як холаатро хабар гирифта бармегардам, – гуфт, ҳол он ки ӯ аз хонаи духтари калониаш чанд қадам гузашта буд.

Ман фаҳмидам, ки кампир ҳоло ҳам ба худ наомадааст. Мехоҳад танҳо бошад, бо фикру хаёли худ бошад, ғами худро аз тангнои хона ба домани саҳро кашад. Дили ман ҳам аз ин манзарае, ки гоҳо дар филмҳои он замон тамошо мекардам ва акнун бо чашми худам дидам, хеле маъюс шуда буд. Дар ҷоям истодам. Модаркалони бечораи ман бо куртаи ҳалили сафед, ки гулҳои баргаки майда – майда дошт, рӯймоли сафед ва кафшҳои бепошнаи нӯгипойии худ дар он тобистони гарми рӯ ба моҳи тира, ба дуриҳои дур нигоҳ карда мерафт ва оҳиста-оҳиста аз назарҳо ғоиб мешуд. Аммо ман ба ҷойе нарафтам. Дар ҷоям нишастам. Ду даст таги манаҳ, омадани момаамро интизор шудам.

– Бачам, аз қафои момаат рав, – гуфтани модарам маро ба ҳуш овард. Ва ӯ суханашро идома дод, – агар ман равам, аламаш боз зиёдтар мешавад. Имрӯз наздик ба бист сол мешавад, ки хатти сиёҳи тағоият омада буд. Кампир ба ҳалок шудани бачааш ҳеҷ бовараш намеояд. То ҳанӯз роҳи ӯро интизор аст.

Ман бо шаст давида, момаамро пайдо кардам. Дасти ӯро гирифтам. Ӯ хам шуда, маро ба оғӯш гирифт. Хомӯш ҳарду то лаби ҷӯйбори калоне, ки аз он оби соф ба оҳистагӣ, мавҷзанон

ҷорӣ мешуд, расидем. Кампир дуру дароз дар сабзаҳои лаби он ҷӯй ду оринҷ такя ба зону, ду кафи даст дар ду бари рӯ, ба ин оби равон нигоҳ карда, андешамандона нишаст.

Баъд ба оҳистагӣ, базӯр аз ҷо бархостанӣ шуд. Ман дасти момаамро гирифтам ва ба хона баргаштем.

То ин замон модарам дар болои кати чӯбин дастурхон партофта, нону ширинӣ монда, кампири Шаҳрияро, ки момаам ӯро нағз медид, даъват карда оварда будааст.

Ба ҳавлӣ даромадан баробар, гӯё ҳеҷ чиз нашуда бошад, момаам бо изҳори қаноатмандӣ кампири дугонаашро «хуш омадед», – гуфт.

Модарам дасти ӯро гирифт. Ёрдам кард, то болои кат барояд.  Чой дам карда, оварда ба ҳар кадомашон як пиёлаӣ чой кашида дод. Ва суҳбат дар мавзуъҳои зиндагӣ оғоз шуд.

Дар хислату рафтор модарам намунаи поки  модараш буд. Агар падарам бо коре дар хона набошад, қариб тамоми кори хонаро худаш анҷом медод.

Ёд дорам, солҳои 1963 - 1968 падарам дар шуъбаи ғоибонаи Донишгоҳи шаҳри Кӯлоб таҳсил мекард.

Ҳар тобистон чилу панҷ то панҷоҳ рӯз, ки давраи аслии кишту кор, захира кардани хӯроки чорво барои зимистон мешуд, падарам дар дарс буд.

Сағираҳои калонкардаи модарам «парренчак» шуда, ҳама ба зиндагии мустақилонаи худ саргардон. Дар хона модарам, апаам ва ман мемондем. Додару хоҳаронам ҳанӯз хурдсол буданд. Онҳоро момаам саришта мекард. Ману модарам саҳро барои ҷамъ кардани коҳ мерафтем. Навбати молу подаро мегузаронидем. Барои зимистон аз Осмонтеппа ҳезуму кунда ҷамъ мекардем.

Модарам аз ҳавои борон, гармову сармо ибо намекард. Рӯзе бо модарам алафдаравӣ ба саҳрои Осмонтеппа рафтем. Ҳаво хунук буд. Алаф даравида, дарза баста, барои овардани онҳо

тайёрӣ медидем, ки бороні сахти хунук сар шуд. Ҳардуямон таги курта будем. Шип-шилта тар шудем. Шамол барқасдона мевазид. Мехост тобу тавони моро санҷад. Аммо модарам дар бораи тар шудан ва хунук хӯрдан ҳарфе намезад. Бо шавқу завқ бо суръати баланд кор мекард. Алафҳоро фақат ӯ дарза баста метавонист. Ман бандҳоро тунук, алафҳои даравида ва сатрикардагиро ҷамъ мекардам.

Як замон дид, ки ман хунук хӯрда, дастону бадани худро мисли кенгуру кардаам. Наздик буд гиря ҳам кунам. Модарам бо ханда ба ман як нигоҳ карда, дарзаи навбатиро баста истода, мардонавор шиор партофт:

– Мо мард ҳастем! Мо аз гармӣ наметарсем! Мо аз сардӣ наметарсем!

Чун борон боз ҳам сахттар шуд ва хунукӣ зиёдтар, модарам боз бо виқори махсус илова кард:

– Мо аз барфи саргардону борони новардон намеҳаросем! Кулӯх нестем об шавем! Об нестем ях бандем! Меҷунбем, ки нарм шавем! Медавем, ки гарм шавем! – гуфта, тез ҳаракат мекард, ки зудтар дарзаҳои алафро бор кунему роҳи хонаро пеш гирем.

Ниҳоят шукргузор, аз зиндагӣ қонеъ ва хоксор буд.

Чун баъди солҳои дарози оиладорӣ соҳиби фарзанд шуда буд, ба мо нигариста мегуфт:

– Чун ман чор сағераи бепадару модарро дар солҳои қаҳтиву гуруснагӣ калон кардам, онҳоро ҳамчу модар парасторӣ намудам, инро дида, Худованд ба мани беакаву додар шумоҳоро дод. Дар дунё ягон некӣ беҷавоб намемонад.

Он чизе, ки якумр дар ёди ман аз модарам монд, ростқавлӣ, росткорӣ, хоксорӣ, мушкилнописандӣ, меҳнатдӯстӣ, шукргузорӣ ва миннатпазирӣ буд.

***(Порча аз китоби «Ёддоштҳо»-и Саймумин Ятимов, Қисми 1, – Душанбе: «Эко Принт», 2024, – с. 112-124)***
**Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», №35 (2316) аз 03.09.2025**

**Аламхон КӮЧАРЗОДА,**
*профессор,*
*узви вобастаи АМИТ*
**Шамшоди ҶАМШЕД,**
*номзади илмҳои филологӣ,*
*дотсент*

## «ЁДДОШТҲО»-И С. ЯТИМОВ ВА БОЗТОБИ СИМОИ НАСЛИ НАВИ ҶОМЕАИ ТОҶИК

*(Андешаҳо оид ба «Ёддоштҳо»-и узви вобастаи АМИТ, профессор Ятимов С. – Қисми 1. Хуҷанд: Ношир, 2025. – 675 с.)*

Адабиёт ҳамчун низоми мураккаби маърифат дорои шаклу жанрҳои гуногун аст, ки ҳар яке дар шинохт ва инъикоси воқеияти зиндагии инсон ва ҷомеа вазифаи мушаххасро иҷро менамояд. Дар ин миён насри хотиротӣ, бахусус жанри ёддошт, дар таърихи адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла адабиёти тоҷику форс ҷойгоҳи вижа дорад. Ёддошт ба воқеияти зиндагӣ, муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ, ҳамчунин ба шахсияти муаллиф робитаи мустақим барқарор намуда, таҷрибаи фардиро бо хотираи таърихиву иҷтимоӣ пайванд медиҳад ва ба ин восита як шакли махсуси дарки замонро пешниҳод мекунад.

Аз нигоҳи таърихӣ ёддоштнависӣ натиҷаи таҳаввулоти тадриҷии наср мебошад. Решаҳояш дар осори таърихӣ, ахлоқӣ, сафарномаҳо ва катибаҳои расмӣ ҷой дошта, тадриҷан ба сӯйи насри иҷтимоӣ ҳаракат кардааст. Ёддошт бо тағйири муносибат ба воқеият, таваҷҷуҳ ба тасвири рӯйдодҳои умумӣ ба бозтоби эҳсос, хотира ва таҷрибаи фардӣ интиқол ёфт ва ба оинаи ботини инсон мубаддал гардид.

Дар садаҳои XIV-XVI дар адабиёти тоҷику форс ёддоштнависӣ вусъати тоза пайдо карда, ба воситаи муҳимми тасвири муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии замон табдил ёфт. Ин раванд гувоҳи он аст, ки адабиёти мо ба сӯйи шахсиятгароӣ ва воқеанигорӣ майл дорад. Муаллифон аз қолабҳои расмии таърихнависӣ канора гирифта, ба баёни озод, мушоҳидаи мустақим ва таҳлили таассуроти шахсӣ рӯ овարданд. Дар ин замина «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ намунаи барҷастаи ёддоштнависии адабӣ ба шумор меравад. Ин асар бо сабки лавҳанигорӣ, таваҷҷуҳ ба ҷузъиёти зиндагӣ ва чеҳраҳои замон нигошта шуда, дорои арзишҳои баланди таърихиву иҷтимоӣ аст. Восифӣ рӯйдодҳоро ҳамчун иштироккунанда ва мушоҳид бо эҳсос ва таассуроти ботинӣ баён намуда, анъанаи таърихнигориро бо унсурҳои шахсиятпардозӣ ғанӣ гардондааст.

Дар садаи Х1Х ин раванд дар фаъолияти маорифпарварон, бахусус Аҳмади Дониш, идома ёфт. Асари «Наводир-ул-вақоеъ» дорои унсурҳои фаровони ёддоштӣ мебошад. Тасвири воқеият тавассути далелҳо, мушоҳидаҳои шахсӣ ва таҷрибаи зиндагии муаллиф ба асар хусусияти таҳлилӣ ва иҷтимоӣ бахшида, онро ба намунаи муҳимми тафаккури интиқодии даврон табдил додааст. Қуллаи рушди ёддоштнависии тоҷик дар асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ таҷассум ёфтааст. Ин асар натиҷаи омӯзиши пайгиронаи илмӣ ва таҷрибаи чандинсолаи зиндагии муаллиф буда, манзараи фарохи ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷикро дар бар мегирад.

Дар шароити нави таърихӣ низ ёддоштнависӣ аҳаммияти худро аз даст надода, ҳамчун воситаи баёни таҷрибаи шахсӣ, таҳлили воқеият ва ҳифзи хотираи ҷамъиятӣ дар адабиёт ва ҷомеа мақоми устувор касб намудааст. Ятимов Саймумин – сиёсатшиноси маъруфи тоҷик, арбоби давлатӣ, доктори

илмҳои сиёсӣ, профессор ва узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз ҷумлаи он шахсиятҳоест, ки фаъолияти амалии худро бо андешаронҳои илмӣ ва таҳлилӣ ба таври густурда пеш мебарад. Ӯ дар баробари иҷрои масъулиятҳои давлатӣ, натиҷаи таҷрибаву мушоҳида ва хулосаҳои ҳаётии худро пайваста дар шакли мақола ва навиштаҳои таҳлилӣ манзури ҷомеа менамояд. Нигоштаҳои С. Ятимов, ки дар рӯзномаҳо пайваста ба нашр мерасанд, асосан, ба масъалаҳои калидии ҳаёти иҷтимоӣ, аз қабили аҳаммияти илму дониш, ҳувияти миллӣ, таълиму тарбияи насли ҷавон ва масъулияти шаҳрвандии ҳамватанон бахшида шуда, бо сабки мутавозин ва таҳлили мантиқӣ фарқ мекунанд.

Нашри китоби «Ёддоштҳо» (соли 2025) дар ду ҷилд марҳалаи тозае дар фаъолияти эҷодии Саймумин Ятимов ва ҳамзамон падидаи муҳим дар насри давраи нави тоҷик маҳсуб мешавад. Бо дарназардошти фарохии мавзуъ ва васеъ будани мундариҷа ҳар ду ҷилди асар дорои истиқлоли маъноӣ мебошанд. Дар ин баррасии мо таваҷҷуҳ ба ҷилди якум равона гардидааст, ки он ҳамчун заминаи маънавӣ ва сохтории асар нақши муҳим дорад.

Хусусияти асосии жанрии «Ёддоштҳо»-и профессор Ятимов дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф аксаран воқеаҳоро аз мавқеи иштирокдор ва шоҳиди бевосита баён мекунад. Сабки баён фасеҳу равон буда, ба лаҳни баёни гуфтори диққатҷалбкунанда такя дорад. Муаллиф ҳангоми тасвири амалиёту муносибати ширкаткунандагон ва муҳити иҷтимоӣ ба арзёбии шахсӣ рӯ меорад ва таҷрибаи зиндагиро бо хулосабароридҳои маънавӣ пайванд медиҳад. Ин равиш робитаи муаллиф ва хонандаро табиӣ ва боварибахш гардонида, ба матн хусусияти таъсиргузорӣ ато мекунад.

Аз лиҳози мазмун «Ёддоштҳо» фарогири марҳилаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамони асосӣ аст: аз хотираҳои кӯдакӣ

то солҳои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти касбӣ. Ҳар як лавҳа бо диди таҳлилӣ ва бо таваҷҷуҳ ба паҳлуҳои иҷтимоию ахлоқии воқеаҳо пешниҳод мешавад. Наисанда воқеаҳои шахсиро ба таври мустақим нақл карда, аз онҳо хулосаҳои умумӣ мебарорад ва онҳоро ба таҷрибаи иҷтимоӣ табдил медиҳад.

Сохтор ва бандубасти асар низ мутаносиб ва пайдарҳам аст. Фаслҳои алоҳидаи «Ёддоштҳо» бо порчаҳои шеърӣ аз эҷодиёти классикони адабиёти форсу тоҷик оро ёфтаанд, ки аз ин матни асар боз ҳам ҷолибу ҳадафрас гардидааст. Муҳтавои фасли «Аз илм мурод ҷуз амал нест» аз ҳикматҳои Носири Хусрав, аз ҷумла, байти:

*Ҷамоли мардумӣ дар ҳилм бошад,*
*Камоли одамӣ дар илм бошад. –*

тақвият меёбад. Аз ин рӯ, «Ёддоштҳо»-и Саймумин Ятимовро метавон намунаи муваффақи насри ёддоштӣ дар даврАи истиқлолият донист. Қаҳрамони марказии асар, ки худи муаллиф аст, намояндаи насли нави ҷомеаи тоҷик мебошад ва аз лиҳози ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва муносибат ба воқеият аз образҳои анъанавии ёддоштҳои пешин фарқ мекунад. Ин вижагӣ ба асар хусусияти замонавӣ мебахшад.

«Ёддоштҳо»-и мазкур аз лиҳози муҳтаво ва вазифаи дохилӣ намунаи равшани ёддошти шахсӣ бо хусусияти барҷастаи адабӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар адабиёти давраи истиқлол ёддоштҳо кам нестанд, аммо онҳо аз ҷиҳати мазмун, ҳадаф ва усули баён аз ҳамдигар ба таври ҷиддӣ фарқ мекунанд. Бисёре аз чунин осор хусусияти баёни рӯзномавӣ доранд ё ба сафарномаҳо наздиканд. Дар муқоиса ба онҳо, «Ёддоштҳо»-и мавриди назар бо вуҷуди он ки фаъолияти илмӣ ва касбии муаллиф ба соҳаҳои дигар иртибот мегирад, идомаи огоҳонаи корбурд аз анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти тоҷик мебошад. Дар ин асар, пеш аз ҳама, симои

нависандае бо ҷаҳонбинии фарох падид меояд ки огоҳ аз нозукиҳои илмҳои гуногуни ҷомеашиносию табиӣ буда, дорои таҷрибаи зиёди зиндагӣ мебошад.

Пешгуфтори асар бо сабке навишта шудааст, ки ба анъанаи ёддоштнависии классикӣ такя дорад. Он ҳамчун даромад ба ҳадаф, сабаб ва муҳити таълифи китоб хизмат менамояд. Профессор Ятимов дар оғози асар менависад: «Дар атрофи таълифи зиндагинома чанд соли ахир андеша кардам ва ба хулосае омадам: вақти он расидааст, ки ба ҳамватанон дар бораи он чӣ аз сар гузашт, ибрози назар дошта бошам». Ин муқаддима аз лиҳози ҳаҷм кӯтоҳ аст, аммо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво саршор аз андешаи созанда буда, ҷаҳонбинӣ, ҳунари нигорандагӣ ва мавқеи иҷтимоии муаллифро возеҳу равшан таҷассум менамояд. Мундариҷаи китоб қаламкашро ҳамчун шахсияти дорои ҳадафҳои равшан, худшиносии баланд ва дарки амиқи воқеияти иҷтимоию фарҳангӣ муаррифӣ намуда, хонандаро ба озодандешӣ, ҳақталошӣ ва дарки пайдарпайи рӯйдодҳои минбаъда омода месозад.

Қисми якуми китоб аз 10 боб ва 140 фасл иборат буда, унвонгузориҳои бобу фаслҳо низ хусусияти рамзӣ ва андешабарангезӣ доранд. Ба ҷуз фаслҳое, ки бо номи шахсони воқеӣ ё ифодакунандаи касбият номгузорӣ шудаанд, аксари унвонҳо бо такя ба ишораҳои адабӣ ва маънавӣ интихоб гардидаанд ва хонандаро ба андешаи амиқ водор месозанд. Аз ҷумла, унвонҳое чун «Эй нури чашм, сухане ҳаст, гӯш кун», «Як нома буд аз гаҳи бостон», «Ҳар беша гумон мабар, ки холист», «Ошиён гар мегузорӣ, дар баландиҳо гузор» пешакӣ фазои маънавии ҳар фаслро муайян менамоянд ва дар ҳама ҳолат арзишҳои иҷтимоии сухан дар madди аввал меистад.

Бахшҳои вобаста ба мактаб, омӯзгор, дониш, маҳорат ва ҷидду ҷаҳд дар роҳи илмомӯзӣ аз ҷиҳати муҳтаво ва таъсиргузорӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ин фаслҳо басо муассир

ва хотирмон буда, бо камоли майлу хоҳиш иншо шудаанд ва дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тарбияи маънавии насли ҷавон нақши бориз доранд. Дар ин бахшҳо симои наврасу ҷавоне тасвир меёбад, ки дар хонадони миёнаҳол ва муҳити солими иҷтимоӣ ба камол расида, шавқу ҳаваси бештар хондан, дониш андӯхтан ва маърифат кардан дорад.

Таъкиди мукаррари муаллиф ба аҳаммияти дониш, забону фарҳанг аз ҷаҳонбинии маърифатмеҳварии ӯ дарак медиҳад. Ба андешаи мо, расидани қаҳрамони асосии асар ба мақомоти баланди давлатӣ, пеш аз ҳама, ба дониши амиқи забон, адабиёт ва таърихи миллати тоҷик иртибот дорад. Зеро танҳо дар сурати огоҳии комил аз забону адабиёт ва решаҳои таърихиву фарҳангии хеш шахс метавонад намоянда ва муаррифгари воқеии давлат ва миллат бошад. Таърих гувоҳ аст, ки бисёре аз нобиғагони илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ дорои дониши густарда аз забон, адабиёт ва таърихи миллати хеш ҳастанд.

Дар ҳамин замина, профессор Ятимов донистани забон, адабиёт ва таърихи миллиро ҳамчун арзиши аввалиндараҷа ва пояи ҳувияти миллӣ муаррифӣ мекунад. Ин андеша дар фасли «Хирад афсари шаҳриёрон бувад» ба таври возеҳ баён шудааст. Муаллиф менависад: «Баъди хатми мактаб интихоби ягонаи ман факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ буд. Эътиқоди ман бар он асос меёфт, ки ҳувияти миллии тоҷик, муҳимтарин омиле, ки баъд аз ҳазор сол ӯро соҳибдавлат кард, забон, адабиёт, таърих, яъне решаҳои тамаддунии ӯст». Аз ин рӯ, ба чоп расидани «Ёддоштҳо»-и мазкур бо вижагиҳои хоси худ дар адабиёти давраи нави тоҷик аҳаммияти калон касб намудааст. Ин асар дар баробари идомаи суннати ёддоштнависӣ, ҳамчун намунаи комили андешаҳои созандаи муаллиф дар шароити нави таърихӣ қимат дорад:

1. Асар аз лиҳози сохт, таркиб ва тарзи баёни мавзуъҳо пурра ба меъёрҳои жанри ёддоштнависӣ мувофиқ аст. Риояи пайдарпайии хронологӣ дар нақли воқеаҳо ба хонанда имкон медиҳад, ки марҳалаҳои ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи зиндагии муаллифро мунтазам пайгирӣ намояд. Ин тартиб асарро аз парокандагии маъноӣ ҳифз карда, ба он якпорчагии сохторӣ мебахшад.

2. Дар «Ёддоштҳо»-и мазкур пайванди равшан ба анъанаи ёддоштнависии адабиёти ғании тоҷику форс, бахусус, ба «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ, мушоҳида мешавад. Ин пайванд на дар шакли тақлид, балки дар идомаи эҷодкоронаи равиш, диди иҷтимоӣ ва масъулияти маънавии нависанда зоҳир мегардад. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва тафаккури таҳлилӣ суннати классикиро бо ниёзҳои замони муосир ҳамоҳанг месозад.

3. Ровӣ ва қаҳрамони марказӣ дар асар нақши фаъол дорад. Ин ҳолат ба асар самимият ва эътимод мебахшад. Қаҳрамони марказӣ ҳамчун наврасе ва баъдтар ҷавоне тасвир мешавад, ки бо ҷасорат, кӯшишу ғайрат ва талоши пайваста дар роҳи илмомӯзӣ ва маърифати ҳаёт ба зиндагӣ бо дили гарм ва андешаҳои созанда менигарад. Чунин образ метавонад барои насли ҷавони имрӯз намуна ва идеал гардад, зеро адабиёти давраи нав ба тасвири ҳамин гуна шахсиятҳои фаъол ва маърифатмеҳвар эҳтиёҷи калон дорад. Муаллиф аз давраи кӯдакӣ, таҳсил дар мактаби миёна ва муассисаи таҳсилоти олӣ бо ифтихор ёд мекунад ва ин эҳсоси эҳтиром ба омӯзгорон ва шахсони донишманд ҳамроҳ аст. Хусусан, дар баёни воқеаи озмуни ноҳиявӣ аз фанни таърих ин руҳия ба таври возеҳ инъикос меёбад. Дар маҷмуъ, фаъолияти қаҳрамони марказӣ симои ҷавонони фаъоли ҷомеаро таҷассум месозад.

4. Дар ташаккули шахсияти қаҳрамони асосӣ образи падар нақши калидӣ дорад. Ятимов Абдусаттор ҳамчун инсони

таҳсилдида, омӯзгор, раҳнамои хонадон ва пешоҳанги аҳолӣ муаррифӣ мешавад, ки аз овони кӯдакӣ то давраи камолот ба фарзандон таъсири амиқ гузоштааст: «Он хислати падарам, ки бештар дар назари ман ҷило пайдо мекард, меҳнатқаринӣ, кордӯстӣ, мушкилнописандӣ, ростқавлӣ, адолатхоҳӣ, ҷавонмардӣ, ғаюриву далерӣ ва садоқати беандоза ба дӯстони покниҳод буд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат, ӯ худро дар зиндагӣ мустақил, худкифо ва озод эҳсос мекард. Ҳама корро бо дасти худ анҷом медод. Бениёз будани худро ҳифз мекард». Нутқи падар саршор аз панду ҳикмат буда, далели баҳраварӣ аз таҷрибаи зиндагӣ, қонунмандиҳои мантиқӣ ва арзишҳои инсонист. Дар фасли «Сухан, к-он аз сари андеша ояд» ҳикматҳои баҷо ва бамавриди падар, чун «Ман мир, ту мир, хари моро кӣ об медиҳад?», «Вақти шодӣ ба майдону вақти ҷанг ба каҳдон», «Қассоб бачаи худро ҳам фиреб кардааст», басо нишонрас ва омӯзанда садо медиҳад.

5. Образи модар низ дар асар бо эҳсоси баланд ва самимияти хос тасвир шудааст. Раҳимова Зебуннисо ҳамчун зани оқила, заҳматкаш, босавод ва соҳиби андешаҳои созанда муаррифӣ мегардад. Муаллиф модарро шахси азиз, такягоҳи маънавӣ ва манбаи устувории зиндагӣ мешуморад. Аз ҷумла, дар фасли «Ҳастии ман зи ҳастии ӯст», ки ба ин модари мушфиқу меҳрубон ва заҳматкаш бахшида шудааст, муаллиф чунин менигорад: «Бо гузашти солҳо ман ҳайрон мешавам, ки чӣ тавр як духтари камбағали меҳнатӣ дар солҳои сиюми асри гузашта, дар шароити ниҳоят ногувор – кори саҳрову чордевори ба ном синфхонаи тиравну тор соҳиби хатту савод гаштааст». Тасвироти марбут ба модар хусусияти иҷтимоӣ касб намуда, симои зан-модари тоҷикро ҳамчун сарчашмаи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа таҷассум месозад.

6. Дар ташаккул ва такомули симои қаҳрамони марказии асар дар айёми тифлӣ ва наврасӣ муҳити зисти ҳамдеҳагон

(хонадони Абдусаттори муаллим соли 1953 аз деҳаи Кафлондараи ноҳияи ҳозираи Темурмалик ба деҳаи Ориёни ноҳияи Фархор омадаанд) ва мавқеъву манзалати шахсони муътабаре чун бобои Бозормуҳаммад, бобои Қурбоналӣ, Карими Дадабой, кампири афсонагӯ момаи Музайян… низ саҳм доранд. Қиссаи аз аввалин ободгарони деҳаи Ориён – Бозормуҳаммади 90-сола дар бораи аз тарафи бобову падараш ба ҳалокат расондани як шеру ду шербачаи ба деҳа ҳамлавар ба Саймумин зиёда таъсир карда, ӯ ба ақлу заковат, ҷасорат ва тадбирнокии ниёгон сано мехонад.

7. Хотироти муаллиф дар бораи фазилати илму дониш ва аҳаммияти таҳсил дар мактаб басо ҷолиб ва омӯзанда мебошад. Професор Ятимов мактабро, пас аз падару модар, дуюмин омили асосии ташаккули шахсият шумурда, таъкид мекунад: «Бузургтарин неъмате, ки дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, илму дониш ва фарҳангу маърифат аст. Мактабҳои миёнаву олӣ на барои он ифтихор мекунанд, ки чӣ миқдор шогирд тарбия кардаанд, балки бо он ифтихор доранд, ки чӣ қадар шогирд тарбия намудаанд, ки барои мардум ва ҷомеа фоидабахш бошанд». Ин андешаҳо бо фаъолияти омӯзгорони воқеан сарсупурдаи касби хеш тақвият мeёбанд. Ёдоварӣ аз устодоне чун Ғоибназар Забиров, Усмон Раҳмонов, Амонулло Саидов, Пасечникова Фаина Дмитриевна, Саид Шарифов, Бегмурод Гадоев ва дигарон далели равшани таъсири муҳити омӯзгорӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии муаллиф мебошад.

8. Нақш ва ҷойгоҳи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар омода намудаани кадрҳои баландихтисос бо эҳтиром ва қадршиносӣ баррасӣ мешавад. Бо ихлос ёдовар шудани профессор Ятимов аз устодони давраи донишҷӯӣ ва изҳори сипос ба донишгоҳе, ки дар он таҳсил кардааст, арзиш ва манзалати илму донишро боз ҳам равшантар бозгӯ менамояд. Муаллиф менависад: «Масъалаи дохил шудан ба Донишгоҳи

Кӯлоб дар тасаввури ман баробар ба дохил шудан ба бузургтарин ва пурнуфузтарин мактаби олии замони Шуравӣ – Донишгоҳи ба номи Ломоносов буд». Ин баҳои баланд, пеш аз ҳама, ба сатҳи донишу фарҳанг ва масъулияти омӯзгории устодони ин боргоҳи маърифат такя дорад. Боварӣ ба шахсиятҳое чун Иззатулло Тамлихоев, Қадир Рустамов, Соат Чалишев, Низом Баротов, Раҳим Саидов, Рустам Ҷӯраев, Тунӣ Боқиров, Қаюм Сангов, Ёралӣ Содиқов, Маҳмадулло Ибодов, Шариф Достиев ва дигарон симои Донишгоҳи давлатии Кӯлобро ҳамчун маркази муҳимми таълиму тарбия муаррифӣ мекунад.

9. Бахшҳои вобаста ба интихоби касб, хизмати ҳарбӣ, фаъолияти омӯзгорӣ ва идомаи таҳсил дар самтҳои дигари илм низ бо самимият ва эҳтироми ба худ хос баён шудаанд. Муаллиф ин марҳалаҳоро бештар ҳамчун таҷрибаи ҳаётӣ ва мактаби ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ёдовар мешавад. Симоҳои нуронӣ, хирадмандӣ ва тинати поки собиқадори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ полковник Абдуҷаббор Суюнов, академики АМТ Мусо Диноршоев, роҳбари муассисаи махсус генерал-майор А. С. Михайловский ва ҷавони накукору гармчеҳра Асомуддин хонандаро ба андешаи созанда водор мекунад. Садоқат ва сипосгузории муаллифи «Ёддоштҳо» ба устодаш – полковник Абдуҷаббор Суюнов ба дараҷаест, ки ҳикмати «Ҳаққи устод аз падар беш аст»-ро ба хотир меорад. Вақте ки устод аз дунё мегузарад, шогирд дар ҷустуҷӯи байти мувофиқе барои ҳаккокӣ кардан дар санги мазори устод меафтад ва оқибат худаш, бо вуҷуди он ки ҳеҷ гоҳ дар фикри шеърнависӣ набудааст, чор мисраи ба дилаш наздик навишта, дар санг ҳаккокӣ мекунад. Ҳамчунин, шогирди муътақид пайвандони Абдуҷаббор Суюновро, ки дар деҳаи Андарсойи ноҳияи Спитамен зиндагӣ мекарданд, пайдо

карда, ба онҳо гоҳ-гоҳ дидорбинӣ мекунад ва бо ҳамин арвоҳи устоди худро шод мегардонад.

10. Рӯйи чоп омадани китоби «Ёддоштҳо»-и профессор Ятимов ҳамзамон дар муаррифии муносибатҳои иҷтимоии аҳолии як минтақаи бонуфузи кишвар – минтақаи Кӯлоб, дастоварди арзишманд ба шумор меравад. Асар собит месозад, ки сарзамини аҷдодии мо дар ҳама давру замон зодгоҳи одамони донишманду бофарҳанг буда, ин анъана имрӯз низ идома дорад. Минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар баробари дигар гӯшаву канори кишвар бо шоирон, фозилон ва донишмандони худ шухратёр аст. Ноҳияи Фархор ҳамчун макони қадимаи ин минтақа ба шарофати заҳмат ва зиндагии аҳлонаи фарзандони содиқ ба муҳити obod, дилнишин ва фарҳангпарвар табдил ёфтааст.

11. Профессор С. Ятимов бо таълифи «Ёддоштҳо» симои донишҷӯёну омӯзгорони миллати тоҷикро дар як давраи таърихӣ пешкаши хонанда месозад. Дар асар тасвири руҳафтодагӣ ва беиродагӣ ё бетарафии мутахассисони соҳаи маориф ба назар намерасад. Баръакс, талабагон, донишҷӯён ва омӯзгороне, ки муаллиф онҳоро муаррифӣ мекунад, фаъол, меҳнатдӯст, масъулиятшинос ва арзандаи ситоиш мебошанд. Ин гуна тасвирҳо хонандагонро дар руҳияи илмомӯзӣ, заҳматқаринӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намуда, ба онҳо неруи эътимод ба худ мебахшад. Ба назар мерасад, ки муаллиф ҳадафмандона бо андешаҳаи созанда, эҳтиром ба волидон, садоқат ба касб ва меҳнати ҳалол роҳи намунаи ибрат буданро дар ҷомеа нишон медиҳад.

12. Дар баробари арзишҳои маърифатию тарбиявӣ, асар дорои аҳаммияти баланди фарҳангӣ ва маънавӣ мебошад. «Ёддоштҳо» дар шинохти арзишҳои ҷаҳонишавӣ, равандҳои фикрӣ ва одатҳои иҷтимоии одамон нақши муҳим дорад. Муаллиф бо такя ба таҷрибаи шахсӣ ва диди таҳлилӣ

паҳлуҳои гуногуни муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангиро бозтоб дода, робитаи байни фард, ҷомеа ва замонро равшан месозад.

Дар умум, дар таърихи ёддоштнависии адабӣ профессор Саймумин Ятимов бо эҷоди «Ёддоштҳо» ҳамчун идомадиҳанда ва такмилдиҳандаи ин жанр дар давраи нави адабиёти тоҷик нақши созанда дорад. Муаллиф ба паҳлуҳои иҷтимоии зиндагии инсон аҳаммияти махсус медиҳад, ки ин равиш ба жанри ёддошт хусусияти инсонгароёна бахшида, онро ба асари зинда, таъсирбахш ва ҳунарӣ табдил додааст. Бо ин асос метавон гуфт, ки «Ёддштҳо»-и мазкур ҳамчун манбаи боэътимоди адабӣ ва иҷтимоӣ дар омӯзиш ва муаррифии як давраи басо муҳимми таърихи миллати тоҷик саҳми босазо ва муносиб мегузорад.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 29.07.2025*
*Барои нашр имзо шуд 30.07.2025*
*Ҷопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70x100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Ҷомеа**______________________________________